ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР
БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»

**ТДУ 821.0**
**ТКБ 83.3 (0)9**
**Ш – 32**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф**

# МИРЗО ҲАЙИТИ САҲБО ВА МАҚОМИ Ӯ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКИ ОХИРИ АСРИ XIX ВА ИБТИДОИ АСРИ XX

**Д и с с е р т а т с и я**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

**Роҳбари илмӣ:** **номзади илмҳои филологӣ, дотсент Наимзода Қ. Қ.**

**Бохтар– 2024**

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА……………………………………………………………...........................…3
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ......................................................................................7
БОБИ I. РӮЗГОР ВА ОСОРИ МИРЗО ҲАЙИТИ САҲБО..............................13
1.1. Зиндагиномаи Мирзо Ҳайити Саҳбо ........................................................13
1.2. Мероси адабии Саҳбо..................................................................................... 25
Хулосаи боби аввал.................................................................................................. 40
БОБИ II. МУШАХХАСОТИ АНВОИ ШЕЪРИ САҲБО……………...................42
2.1. Мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои жанрии ғазалиёти Саҳбо ................42
2. 2. Мухаммасоти Саҳбо ва вижагиҳои онҳо ...................................................55
2. 3. Қасоиди Саҳбо ва хусусиятҳои мундариҷавии онҳо ................................67
Хулосаи боби дуюм ..................................................................................................74
БОБИ III . ХУСУСИЯТҲОИ САБКӢ ВА ПОЭТИКИИ АШЪОРИ САҲБО.........................................................................................................................77
3.1. Вижагиҳои сабкии ашъори Саҳбо ..............................................................77
3. 2. Хусусиятҳои бадеии ашъори шоир............................................... ……...93
3.3. Вазни ашъори Саҳбо ва хусусиятҳои он ..................................................111
3.4 Нақши қофияву радиф ва хусусияти онҳо дар ғазалиёти Саҳбо .......... ..131
Хулосаи боби савум..................................................................................................145
ХУЛОСА …………………………………………………………….................154
I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия .....................................................154
II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот .........................161
РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА...…………………….................162
Интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия ……...............................179

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои садаи XX аз давраҳои хеле муҳим ва пурбори таърихи адабиёти тоҷик аст, ки қисмате аз масоили ҳалталаби он то ҳанӯз аз назари аҳли таҳқиқ дур мондааст. Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва пажӯҳиши адабиёти бадеии ин давраи таърихӣ, таҳқиқи равандҳои адабии давр, дарёфти сарчашмаҳои муҳимми то имрӯз аз назар дурмонда, баррасиву интишор ва муайян кардани арзишу аҳамияти онҳо дар шинохти беҳтари адабиёти марҳалаи мазкур аз корҳои судманд ва аз вазифаҳои асосии адабиётшиносии муосир маҳсуб меёбад. Дар даврони шуравӣ адабиёти ин давра ҳарчанд қисман таҳқиқ шуда буд, вале бисёре аз масоили муҳим ба иллати дастрас набудани сарчашмаҳои адабии нодир аз назари таҳқиқ берун мондаанд. Бинобар ин, ба нашр омода кардани сарчашмаҳои муҳимми илмию адабӣ ва таърихии ин давра, аз ҷумла тазкираву баёзҳо, куллиёту девонҳо, таърихномаву осори ёддоштӣ, инчунин таҳлилу таҳқиқи ғоявию услубии онҳо дар адабиётшиносии имрӯз хеле муҳим аст. Бе тардид, дар таҳқиқ ва интишори сарчашмаҳои ин давра як қатор корҳое ба анҷом расида, як силсила тазкираҳои арзишманд, якчанд девон ва мунтахаби ашъори шоирони ин давра нашр шудаанд, ки аз заҳмати донишмандон дарак медиҳанд. Як гурӯҳ муҳаққиқон дар таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои илмиву адабӣ ва таърихиву публитсистии охири асри XIX ва ибтидои садаи XX саҳми бориз гузошта, иҷмолан ё бевосита аз табъи саршори бархе аз шоирон ёдовар шудаанд. Бо вуҷуди ин, аз ҷумлаи адибони ин давра ҳастанд нафароне, ки масоили гуногуни рӯзгор ва осори онҳо ба таҳқиқи комилтару ҷиддитари илмӣ ниёзманд аст.

Яке аз суханварони хушзавқи доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои садаи XX, ки ҳанӯз таваҷҷуҳи адабиётшиносону муҳаққиқони ватанию бурунмарзиро ба таври зарурӣ ба худ ҷалб накардааст, Мирзо Ҳайити Саҳбо мебошад. Аҳли илму адаби соҳибзавқи тоҷик тавассути осори Садри Зиёву устод Садриддин Айнӣ, тазкираву мақолоти

донишмандон роҷеъ ба рӯзгори талхфарҷому фоҷиабори шоири равшанфикр Мирзо Ҳайити Саҳбо огоҳӣ пайдо карда, аз баёзҳову маҷмуаҳои шеърӣ бо намунаҳои ашъори ин суханвари мумтоз шинос гардидаанд. Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» Саҳборо шоири соҳибдевон гуфта, зарурати чопи девонашро таъкид карда бошад ҳам [7, с. 420], вале дар тули бештар аз 90 сол хонандаи тоҷик аз мутолиаи девони Саҳбо бебаҳра монда, зиндагинома ва махсусиятҳои шаклию мундариҷавии ашъори шоир то ба ҳол дар адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳлилу баррасии вижаи илмӣ қарор нагирифта буд. Аз ин рӯ, дар шакли диссертатсия ба риштаи таҳқиқ кашидани ҳаёт ва фаъолияти Саҳбо на танҳо мавқеи шеъри ин шоири соҳибзавқро дар адабиёти охири асри XIX ва ибтидои садаи XX муайян менамояд, балки дар ҳалли масъалаҳои анъана ва навоварӣ, ҷанбаи ҳунарӣ ва тамоюли сабкии адабиёти тоҷики ин давра низ саҳми бориз мегузорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Оид ба рӯзгору осор, фаъолияти эҷодӣ ва вижагиҳои ҳунари шоирии Саҳбо дар тазкираҳои Афзал Махдуми Пирмастӣ -«Афзал-ут-тазкор фи зикр-уш-шуаро ва-л-ашъор» (Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ш. Санкт-Петербурги Русия, тахти №1845 ва захираи дастхатҳои шарқии АИ Тоҷикистон, №5027), Мирзо Азими Сомӣ - «Миръот-ул-хаёл» (Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии ш. Санкт-Петербурги Русия, таҳти №1943 ва ганҷинаи дастхатҳои шарқии АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ, Тошканд, дастхати №2188), Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ - «Тазкират-уш-шуаро» (1983), Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ Муҳтарам - «Тазкират-уш-шуаро» (1975), Раҳматуллоҳи Возеҳ - «Тухфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб» (1977), Шарифҷон Махдуми Садри Зиё - «Тазкори ашъор» ва дар қисмати «Тавзеҳот ва таъликот»-и «Рӯзнома»-аш, Қорӣ Фатҳуллоҳи Бухорӣ - «Жоду тили шоирлар ижоди» («Таснифоти шоирони ҷодузабон»), устод Садриддин Айнӣ - «Намунаи адабиёти тоҷик» ва, ҳамчунин, «Ёддоштҳо»-и ӯ маълумоту ишораҳои иҷмолӣ ба назар мерасанд. Ҳамчунин, дар китобҳои дарсӣ, монографияҳо ва тақризу мақолаҳо, пешгуфтор ба маҷмуаҳои ашъор, ки аз тарафи шарқшиносони шуравӣ ва донишмандони тоҷик, амсоли: Иосиф

Брагинский, Иржи Бечка, Садриддин Айнӣ, Холиқ Мирзозода, Расул Ҳодизода, Соҳиб Табаров, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Абдунабӣ Сатторзода, Худойназар Асозода, Маъруф Раҷабӣ, Мирзо Муллоаҳмад, Матлубаи Мирзоюнус, Аламхон Кӯчаров, Шоҳзамон Раҳмонов, Наҷмӣ Сайфиев, Саидҷон Алиев (Узбекистон), Б. Ҳасанов (Узбекистон), Р. Холиқов (Узбекистон), Ҷумъабой Азизкулов, Ҳалима Мухторова (Узбекистон), Ҳабибулло Назаров, Ҳасани Муродиён, Раҷабалӣ Худоёрзода, Сироҷиддин Хӯҷақулов ва дигарон анҷом дода шудаанд, дар хусуси ҳаёту фаъолияти эҷодии Саҳбо ишораҳо рафтаанд.

Гуруҳи дигари адибон ва рӯзноманигорон низ кӯшиши анҷоми таҳқиқи бадеӣ ва тасвири зиндагинома ва симои Саҳборо кардаанд, ки онҳоро ҳам метавон дар қатори пажӯҳишҳои анҷомёфта ёдовар шуд. Ба таълифоти мазкур асарҳои бадеиву публитсистии Неъматулло Муҳаммадсаид, Муҳаммадии Салим, Файз Зиёдалиев, Саидҷон Зубайдуллоев шомиланд.

Мавриди тазаккур аст, ки таҳқиқоти муҳаққиқони мазкур сирф ба ҳаёту эҷодиёти шоир бахшида нашуда, зимни баррасии рӯзгор ва осори дигар шоирон бар он ишорат рафтааст. Ҳатто то солҳои охир хонандаи тоҷик ба девони ин шоири равшанзамир дастрасӣ надошт ва бо намунаҳои ашъори ӯ, ки дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод С. Айнӣ [7, с. 420], «Гулшани адаб» [19, с. 395-401], маҷаллаи «Садои Шарқ» [34, с. 129-134], рисолаҳои «Қубодиён. Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то ба имрӯз» [78, с. 137-142], «Ёди ёри меҳрубон. Марзҳои шарқи шеъри порсӣ. Аз Тоҷикистон – Варорӯдон то Ҳинд» [20, с. 763-772], «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» [156, с. 117] ба табъ расидаанд, қаноат менамуд. Табиист, ки намунаи ашъори ба миқдори хеле кам интишоршудаи шоир талаботи хонандаи имрӯзаро қонеъ карда наметавонист. Дар китоби академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ “Нигоҳе ба таърихи адабиёти тоҷикии садаи XX” дар чанд маврид дар радифи шоирони номвари оғози қарни мавриди таҳқиқ зикри номи Саҳбо рафтааст, ки ин амр ба суханвари соҳиби мавқеи хос будани ӯ дар канори дигар шоирон таъкид меварзад. [73] Дар рисолаи Сироҷиддин

Хӯҷақулов “Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дуввуми асри XIX ва ибтидои асри XX”, ки ба таҳқиқи авзои ташаккули жанрҳои адабӣ дар ин давра бахшида шудааст, бевосита дар баробари шуарои дигари асри аҳди мазкур ба эҷодиёти Саҳбо низ ишороте рафтааст. [152;154]

Аммо ин холигоҳи адабиётшиносӣ бо интишори девони Саҳбо, ки аз ҷониби Ҳасани Муродиён сурат пазируфт, то андозае пурра гардид. Мавсуф соли 2018 девони ашъори шоирро аз рӯйи нусхаи Фонди дастнависҳои ба номи Ҳамид Сулаймони дар Пажӯҳишгоҳи Шарқшиносии АИ Узбекистон таҳти рақами 1982 маҳфузбуда бо унвони «Соғари Саҳбо» [36] пешкаши хонандагон гардонид. Вале кулли таълифоти то ба имрӯз анҷомдодашуда барои шинохти комили аҳволу осори Саҳбо, ташхиси нақшу мақоми шоир дар ташаккули назми нимаи дувуми садаи XIX ва оғози асри XX ҳанӯз ҳам басанда нестанд, ки ин ҳолат таҳқиқи фарогиру комилтар дар шакли як рисолаи диссертатсиониро пеш меорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.**

Мавзуи кори диссертатсионӣ дар асоси нишондоди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09. 2020 №503 “Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 -2025” ва яке аз самтҳои асосии корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, яъне “Таҳқиқ, пажӯҳиш ва таҳияи зиндагинома, мероси адабӣ ва афкори назарии суханварон ва мутафаккирони классикии форсу тоҷик” барои солҳои 2015 - 2020 ва нақшаи дурнамои он марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади интихоби мавзуъ ва таҳқиқи аҳволу осори Саҳбо ба таври илмӣ ва маҷмуӣ муайян кардани роҳи адабию эҷодии шоир, таҳқиқи ҳаматарафаи зиндагинома, роҳи ҷустуҷӯҳои адабӣ ва ба таври куллӣ муайян кардани мақому ҷойгоҳи ин шоири боистеъдод ва суннатгаро дар таърихи адабиёти тоҷики нимаи дувуми садаи XIX ва оғози асри XX ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ҳарчи беҳтару хубтар, мукаммалтару муфассалтар ҳаллу фасл гардидани мавзуъ муаллиф назди худ баррасии чунин вазифаҳоро мегузорад:

- шарҳу тафсири зиндагиномаи шоир, равшан намудани саҳифаҳои муҳиму асосии рӯзгори иҷтимоӣ ва адабию ҳунарии Саҳбо;

- баррасии мероси адабии шоир, омӯзиши муфассали ашъори Саҳбо аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ва шаклу анвои адабӣ;

- дар заминаи анвои шеърӣ баррасии ҷанбаҳои суннатӣ ва навҷӯиҳои ашъори Саҳбо;

- тавассути баррасии хусусиятҳои сабкию забонӣ нишон додани маҳорати шоирӣ ва суханофаринии адиб;

- муайян кардани вижагиҳои бадеии ашъори Саҳбо;

- таҳқиқ дар авзони ғазалиёт, қасоид, мухаммасот ва дигар анвои шеъри Саҳбо;

– ба таври илмӣ равшан намудани мақом ва ҷойгоҳи шоир дар таърихи адабиёти тоҷики нимаи дувуми асри XIX ва оғози садаи XX.

–муаррифии нусхаи хаттии девони шоир ва накду баррасии матнҳои то кунун таҳияшуда аз он дар Тоҷикистон ва Ӯзбекистон;

**Объекти таҳқиқ.** Объекти таҳқиқро таърихи адабиёти охири асри XIX ва оғози садаи XX тоҷик дар мисоли ҳаёт ва эҷодиёти яке аз намояндагони камшинохтаи ин давр Мирзо Ҳайити Саҳбо ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқро** дар ин диссертатсия тазкираҳо ва осори илмии марбут бар зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо, ҳамчунин, асарҳои манзуми гуногунжанри шоир ташкил медиҳанд.

**Асосҳои назарии таҳқиқ**. Ҳангоми омӯзиш ва таҳлилу баррасии мавзуъ аз таҷрибаи илмии бунёдии донишмандону муҳаққиқони маъруфи ватанию бурунмарзӣ, бахусус асару мақолаҳои И. С. Брагинский, С. Айнӣ, С. Табаров, М. Шакурӣ, Х. Шарифзода, Р. Мусулмониён, У. Тоиров, Х. Асозода, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, М. Раҷабӣ, Мирзо Муллоаҳмад, Матлубаи Мирзоюнус, Н. Сайфиев, С. Хӯҷақулов ва дигарон истифода бурда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси усули муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, матншиносӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори асари бадеӣ навишта шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ сарчашмаи асосиро нусхаи ягонаи девони Мирзо Ҳайити Саҳбо, ки таҳти рақами 1982 дар Пажӯҳишгоҳи мероси хаттии ба номи Ҳамид Сулаймонови Академияи илмҳои Узбекистон маҳфуз мебошад ва девони дар асоси нусхаи узбекистонӣ дар Тоҷикистон бо номи «Соғари Саҳбо» (2018) бачопрасидаи шоир ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, ба хотири ба таври мукаммал ба доираи таҳқиқ кашидани эҷодиёти шоир аз ашъори парокандаи шоир, ки дар маҷмуаҳои «Саҳбо» (Танланган шеърлар) [28], «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод С. Айнӣ [7], баёзи «Гулшани адаб» [12, с. 395- 401], маҷаллаи «Садои Шарқ» [25, с. 129-134], дар рисолаҳои «Қубодиён. Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то ба имрӯз» [58, с. 137-142], «Ёди ёри меҳрубон. Марзҳои шарқи шеъри порсӣ. Аз Тоҷикистон – Варорӯдон то Ҳинд» [59, с. 763-772], «Фатҳи қулла»-и Азизи Фаттоҳ [112], маълумоти «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» [127, с.117], “Энсиклопедияи Қубодиён” [150, с.140-142] ва дигар сарчашмаҳо ба табъ расидаанд, дар таҳқиқ ба тариқи муқоиса истифода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Перомуни рӯзгор ва осори шоири камшинохтаи адабиёти охири асри XIX ва оғози садаи XX Мирзо Ҳайити Саҳбо то кунун таҳқиқоти диссертатсионӣ сурат нагирифтааст. Пажуҳиши диссертатсионии мазкур дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқоти фарогиру густарда мебошад, ки дар он масъалаҳои алоқаманд ба рӯзгору осор, маҳорату истеъдод ва мавқеи адабии Мирзо Ҳайити Саҳбо мавриди тақиқ қарор гирифтаанд. Дар ҷараёни омӯзиш ва натиҷаҳои таҳлилу таҳқиқи масъалаҳои мавриди баҳс қароргирифта муайян ва мушаххас гардид, ки ашъори боқимондаи шоир таҷассумгари завқи баланди эстетикӣ, ҳунари шоирӣ ва сабку услуби бадеии ӯ мебошад.

Дар диссертатсия нахустин бор дар саҳбошиносӣ ба ҷиҳатҳои сохторию шаклӣ, мавзуӣ-мундариҷавӣ, сабкию бадеӣ ва поэтикии ашъори гуногунжанри адиб таваҷҷуҳи махсус дода шуда, дар такя ба матни осори манзуми Мирзо Ҳайити Саҳбо, ҳунари шоирӣ ва маҳорати нигорандагии ӯ таҳқиқ шудааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Авзои иҷтимоӣ, муҳити адабию фарҳангӣ дар ташаккули шахсият ва фаъолияти эҷодии Саҳбо нақши муҳим гузоштааст. Муҳити иҷтимоӣ-сиёсии охири асри XIX ва ибтидои садаи XX, тағйироту таҳаввулоти дар ҳаёти ҷомеа бавуҷудомада низ ба руҳия, шахсият ва шеъри Саҳбо таъсиргузор буд.

2. Саҳбо аз ҷумлаи суханварони соҳибназари тоҷик аст, ки бо вуҷуди қаробат ба дарбору дарбориён нуқтаҳои заъфи давлатдории хонадони манғитиро ошкор мегуфт ва тарафдории худро аз таҷаддуди давлатдорӣ бебокона изҳор мекард. Ҳамин бебокӣ ва тараққихоҳӣ дар фарҷом боиси марги муфоҷои шоир гардид.

3. Ошноӣ бо ашъори Саҳбо ин нуктаро равшан месозад, ки ӯ воқеан соҳиби табъи равону мавзун ва илҳому завқи саршор буда, дар эҷоди анвои мухталифи шеъри ғиноӣ истеъдоди баландро соҳиб аст. Девони шоир фарогири зиёда аз 550 адад ғазал, қасида, мухаммас, мусаддас, қитъа ва

фардиёт мебошад, ки ин амр ба таҷрибаҳои ҳунарии шоир дар навъҳои мухталифи шеърӣ таъкид меварзад.

4. Қисми аъзами девони Саҳборо ғазал, қасида ва мухаммас ташкил медиҳанд, ки миёни онҳо жанри ғазал чи аз нигоҳи теъдоду басомад ва чи аз ҳайси гуногунии мавзуъ мавқеи назаррастар дорад. Ғазалиёти Саҳбо, аслан, дар идомаи суннатҳои хоси ғазалсароии классикӣ ҳудуди 7-9 байтӣ мебошанд. Дар ғазалиёти шоир падидаҳои ҳунарии ҳам сабки ироқӣ ва ҳам ҳиндӣ, хоса мактаби пайравони Бедил ба мушоҳида мерасанд. Мухаммас низ аз анвои маъруфи девони Саҳбо буда, дар умум 110 ададро ташкил медиҳад, ки 74-тои онҳо  мухаммаси озод ва 36-тои дигар мухаммасоти тазмин мебошанд.

5. Саҳбо дар гуфтани қасида низ ҳунарманд буда, ба василаи ин жанр низ маҳорати шоирии худро намоиш дода тавонистааст. Дар қасоиди Саҳбо баробари риояи анъана ва суннатҳои мустаъмали қасидасароёни пешин як зумра вижагиҳои хосса низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ӯ як мувашшаҳ-қасидаи худро, ки аз 30 байт иборат аст, тибқи тартиби 28 ҳарфи алифбои арабӣ эҷод намудааст.

6. Дар ашъори Саҳбо ҳам санъатҳои маънавӣ ва ҳам лафзӣ нақши барҷаста доранд. Дар эҷодиёти гуногунжанри шоир санъатҳои маъруфе, аз қабили ташбеҳ, истиора, таҷнис, талмеҳ, тамсил, суолу ҷавоб, тазод, муболиға, саҷъ  ва ғайраҳо ҳунармандона истифода гардидаанд. Яке аз сабабҳои шевоӣ ва равонии ашъори Саҳбо, махсусан ғазалҳояш, ба лаҳни назми халқӣ наздик будани онҳо, истифода гардидани вожаву ибораҳо ва таркибу ифодаҳои халқӣ, ҳамчунин, зарбулмасалу мақол, таъбиру мафҳумҳои рехтаи мардумӣ ва ибораҳои шоиронаи оммавӣ дар онҳо мебошад.

7. Ҷиҳати дигари гувороиву шевоии ашъори ғиноии Саҳбо дар устодона интихоб намудани вазнҳои шӯху ҷаззоби арузи классикӣ аст, ки лаҳну оҳанг ва ҷанбаи мусиқии осори бадеии ӯро дучанд афзуда, барои ифодаи руҳия ва

авзои қаҳрамони лирикӣ, барои таъмини ягонагии шаклу мазмуни ғазалҳояш мусоидат намудаанд.

8. Қофия ва радиф низ аз ҷумлаи аносири зотии шеъри арузист, ки дар ашъори Саҳбо, бахусус дар ғазалиёти ӯ, ҳунармандона истифода гардидааст. Саҳбо дар 43 ғазал қофияҳои холис, яъне бе радиф ва ғазалҳои боқимонда қофияро бо радиф овардааст. Радиф низ дар осори шоир истифодаи фаровон дорад. Дар маҷмуъ, 131 ғазали Саҳбо дорои радифанд. Дар 23 ғазали шоир радиф дар шакли таркибии ду ё секалимагӣ ва дар 108-тои он фақат дар шакли яккалимагӣ омадаанд, ки корбурди таҷрибаҳои ҳунарии ҳам шоирони пешин ва ҳам сабки ҳиндиро бозгӯӣ мекунад.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Арзиши назарии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он барои омӯзишу пажӯҳиши масъалаҳои камомӯхтаи адабиёти классикии тоҷик, дар мисоли зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Мирзо Ҳайити Саҳбо мусоидат карда, боиси равшанӣ андохтан ба доираи адабии Бухоро дар нимаи дувуми садаи XIX ва ибтидои садаи XX мегардад. Аз ин рӯ, таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик дорои аҳамият мебошад.

Арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки натиҷаву хулосаҳои онро аз масоили баррасишаванда метавон ҳамчун яке аз манобеъ дар омӯзиши курси таърихи адабиёти тоҷик ва курсҳои махсуси ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷики охири асри XIX ва ибтидои асри XX” ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01. – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф.** Муаллиф дар тули солҳои ба ҳайси унвонҷӯ фаъолият карданаш беш аз 5 сол ба омӯзиши рӯзгор ва осори Саҳбо машғул шуда, инчунин перомуни рӯзгор ва осори шоир бештар аз 10 мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст. Муаллифи диссертатсия кӯшиш ба харҷ додааст, то дар

мисоли эҷодиёти Мирзо Ҳайити Саҳбо оид ба масоили марбут бар жанрҳои шеъри суннатӣ ва махсусиятҳои сабкӣ ва поэтикии онҳо андешаҳои илмии хешро иброз намояд. Бинобар ин, кулли натиҷаҳои дар диссертатсия ҳосилшуда маҳсули пажӯҳиши шахсии муаллиф буда, мақолаҳои батабърасонидаи ӯ мазмуни диссертатсия ва нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшавандаро фаро мегиранд.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаҳои диссертатсия дар шакли маъруза ва мақолаҳои илмӣ тавассути маҷмуаҳои дастҷамъӣ ва маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи донишгоҳӣ ба нашр расидаанд.

Инчунин хулоса ва натиҷаҳои меҳварии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар семинару маҳфилҳои илмӣ ва конференсияҳои илмию амалии факултетӣ, донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ ироа гардида, баҳогузорӣ шудаанд.

Диссертатсия дар маҷлиси васеи кафедраи адабиёти тоҷики МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" аз 28.12.2024 (протоколи №6) мавриди муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Мундариҷаю фишурдаи диссертатсия дар 9 мақола, аз ҷумла 3 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии аз тарафи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба табъ расидаанд.

Ҳамчунин, унвонҷӯ доир ба мавзуъ ва масоили диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин конфронсҳои илмии  профессорону устодони Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар ноҳияи Кӯшониён ва МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" (солҳои 2018-2023) бо маърузаҳои илмӣ суханронӣ намудааст.

**Сохти диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаи чопии компютериро дар бар мегирад.

# БОБИ I. РӮЗГОР ВА ОСОРИ МИРЗО ҲАЙИТИ САҲБО

## 1.1. Зиндагиномаи Мирзо Ҳайити Саҳбо

Замони зиндагии Мирзо Ҳайити Саҳбо, ки ба охири асри XIX ва ибтидои асри XX рост меояд, яке аз давраҳои нооромӣ ҳаёти мардуми Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Саҳбо дар муҳите зиндагӣ кардааст, ки бар асари ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна (1868) дар ҳаёти иқтисодию хоҷагӣ ва фарҳангию адабии минтақа дигаргунӣ ва таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуҷуд омада буд.

Таърихшинос А. Мухторов вобаста бар ҳаводиси ибтидои садаи бистуми шимолу шарқи Бухоро қайд менамояд, ки дар оғози садаи XX ошӯбҳои халқӣ низ авҷ мегиранд. Соли 1900 дар Ҳисор, соли 1901 дар Деҳнав, соли 1902 дар Қӯрғонтеппа, соли 1907 дар Ҳисор ва соли 1909 дар Ҳисору Кӯлоб шӯришҳои халқӣ сар мезананд [109, с.89]. Инқилоби якуми рус (солҳои 1905-1907) ба Осиёи Миёна низ бетаъсир намонд. Бар асари он болоравии ҳаракати коргарию деҳқонӣ ба мушоҳида мерасад. Задухӯрдҳои сиёсӣ дар хонигарии Бухоро, асосан, дар байни аҳолӣ ва андозғундорҳо рух медод. Амири Бухоро Абдулаҳад аз инқилоби якуми рус сахт ба ҳарос афтода буд ва ҳама гуна ҳаракатҳои озодихоҳиро бо ёрии аскарони рус бераҳмона пахш мекард. Аз таърихи 22 то 26 январи соли 1910 дар байни шиамазҳабони аморати Бухоро (эрониёни Бухоро) ва сунниҳо ҷангу хунрезии сахт барпо мегардад. Дар замони Абдулаҳад қушбегӣ – шахси рақами ду Остонақули шиамазҳаби эронӣ буд. Таҳти фишори суннимазҳабон амири Бухоро ба ҷойи ӯ Насруллобеки суннимазҳабро қушбегӣ таъйин мекунад.

27 феврали соли 1917 дар шаҳри Санкт-Петербург коргарону деҳқонон ва артиши инқилобӣ Ҳукумати подшоҳиро сарнагун мекунанд ва ба сари қудрат ҳукумати муваққатӣ меояд, ки аз ин ҳодиса амир Олимхон сахт ба тарс меафтад, зеро ӯ бим дошт, ки тахташ низ эҳтимол ба зудӣ вожгун гардад.

Ӯ на танҳо аз хуруҷи табақаҳои меҳнаткаши аҳолӣ, балки аз ислоҳотталабон – ҳаракати ҷадидия сахт дар ҳарос афтода буд. Ин буд, ки ӯ 7 апрели соли 1917 дар умури давлат ислоҳот гузаронида, лоиҳаи онро ба мардум пешниҳод мекунад. Мувофиқи он «…ба амалдорон додани маош аз хазинаи давлат, ба танзим даровардани закот, хироҷ ва андозҳои дигар, аз ҷумлаи ашхоси фарҳехта дар назди аморати Бухоро созмон додани маҷлиси машваратӣ, дахлу харҷи ҳукуматро таҳти назорат гирифтан, ташкили матбаа дар Бухоро ва ғ. пешбинӣ шуда буд» [126, с.509].

Азбаски аҳолӣ ба ду даста – ҷавонбухориён-ҷадидон ва диндорони иртиҷоъпараст тақсим шуда буданд, ин лоиҳаро ҷавонбухориён – ҷадидон пазируфтанд ва 8 апрели соли 1917 намоиши шукрона ташкил карданд, вале диндорони мутаассиб бо гурӯҳи гумроҳи мардуми Бухоро ба муқобили намоиш баромаданд. Ин ҳолро дида, амир ва қушбегӣ сиёсати худро тағйир дода, 150 нафар ҷавонбухориёнро дастгир карда муҷозот доданд.

Аксулҳаракатчиён барои ин намоиш қозикалон Садри Зиё, раис Абдусамадхоҷаро зада маъюб карданд, таҳқир намуданд, – ба ёд овардааст устод С. Айнӣ. «Он рӯз аз саркардагони машҳури кушодафикри Бухоро Мирзо Саҳбо-бӣ, Ҳоҷӣ Додхоҳ ва Мирзо Абдулло ҳабс шуданд» [8, с.178]. Устод Айнӣ ҳам ба сабаби намоиши мазкур ҳамчун гунаҳгордониста ба 75 чӯб ҷазо дода мешавад [95, с.509].

Ҷадидия аз вожаи «ҷадид»-и арабӣ буда, маънoҳои «нав» ва «тоза»-ро ифода менамояд. Ин калима ҳамчун истилоҳ дар шаклҳои «ҷадидизм», «ҷадидия» дар аввалҳо чун ҷараёни маданию маърифатӣ ва сипас, ҳамчун равияи сиёсию иҷтимоии ислоҳотхоҳона дар сарзамини Осиёи Миёна дар охирҳои асри XIX ба вуҷуд омада, дар ибтидои асри XX махсусан дар Бухоро дар байни зиёиёни бедоргаштаи маҳаллӣ ташаккул ёфтааст [126, с.509-510].

Тарафдорони ин ҳаракат ақибмондагии иқтисодию сиёсии мулки худро ба хубӣ дарк ва қафомондагии мардумро эҳсос карда, чун пешгузаштагонашон – маорифпарварон дар андешаи он буданд, ки: 1) бо роҳи паҳн намудани маърифат (дар асоси ислоҳи усули куҳнаи таълим дар

мактабу мадрасаҳо, ташкили мактабҳои усули нав, паҳн намудани адабиёти навину нашри рӯзномаю маҷаллаҳо) аҳволи мардумро беҳтар намоянд; 2) ба ислоҳи тарзи идоракунии мулки худ ноил гардида, барои дар қатори халқҳо ва давлатҳои тараққикардаи ҷаҳонӣ инкишоф ёфтани он шароит муҳайё кунанд; 3) ба барҳам додани ҳар гуна разолатҳои давр – бетартибию ғоратгариҳо ҳангоми ситонидани андозҳо, худсарии амалдорон ва ғайраҳо мушарраф шаванд; 4) бо роҳи ислоҳот дини исломро ба талаботи замони нав – инкишофи муносибатҳои сармоядорӣ –капиталистӣ мутобиқ гардонанд [160, с.7].

Дар робита ба ин, адабиётшинос Е.Э. Бертелс ҳанӯз соли 1936 Аҳмади Донишро «падари адабиёти тоҷик» номида, таъкид мекунад, ки «Адабиёти ҷадидиро аз асри XX сар кардан мумкин нест. Вай аз гузашта реша мегирад ва роҳи мураккаби онро фақат ба шарти таҳлили бодиққати қадамҳои аввалини он дарёфтан мумкин аст» [68, с.9].

Дар ибтидои садаи XX ба ҳайси идомадиҳандаи роҳи маорифпарварон ба арсаи сиёсат ворид гардидани ҷадидон ба афкори сиёсӣ ва ҷамъиятии давр такони ҷиддӣ бахшид. «Агар маорифпарварони нимаи дуюми асри XIX, – мегӯяд профессор Наҷмӣ Сайфиев, – дар асарҳои худ нуқсонҳои усули давлатдории амирони манғитияро зери танқиди сахт гирифта бошанд, ҷадидон-маорифпарварони ибтидои асри XX фаъолияти худро бевосита аз ташкили мактабҳои усули нав, нашри маҷаллаю рӯзномаҳо оғоз намуданд, яъне онҳо фаъолияти худро аз корҳои амалӣ сар карданд» [126, с.513]. Ҷадидони машҳури ибтидои садаи XX ҷавонбухориёни ислоҳотгарое буданд, ки худро ҳеҷ гоҳ ҷадид наномидаанд, балки ислоҳотхоҳ ва маорифпарвар мегуфтанд. Ба ин гурӯҳ Тошхӯҷаи Асирӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарҳоро мансуб медонанд.

Устод С. Айнӣ дар қатори инҳо аз миёни сардамдорони давр, дороён ва олимони дин, ки бо ҷадидия аҳди ҳаммаслакиву ҳамраъйӣ баста буданд,

Ҷаҳонгирбеки Қаровулбегӣ, Мулло Мирхон, Мулло Низом Собитии тотор, Мирзошоҳи Фоиз (писари Мирзохон оқсақол), Ғуломризои Қаровулбегӣ, Мулло Очилдӣ – писари Мулло Боқӣ, Муфтӣ – домулло Икром, Қозӣ Абдусамадхоҷа, Қозӣ Шарифҷонмахдуми Садри Зиё, Қозӣ Саидҷон, Мирзо Саҳбо-бӣ ва дигаронро дохил кардааст [8, с.71].

Чунонки дида мешавад, миёни ҷадидон ва ба истилоҳ навхоҳон, аркону ашрофи аморат, дороён ва уламои дин низ шомил буданд. Яке аз ҳамин шахсиятҳои мансуб ба аркони давлат Мирзо Ҳайити Саҳбо ба ҳисоб мерафт, ки миёни давлатмардон бештар ба исми Саҳбо-бӣ маъруф буд. Мазкур аз нафароне буд, «ҳангоме ки амир ва чанде аз косалесони дар ҷаҳлу куфр ғӯтидаи ӯ нахустин бор мактаби ҷадидияро бастанӣ шуданд, миршаб Мирзо Саҳбо ба дифои ин мактаб бархест» [121, с.53].

Устод Садриддин Айнӣ Мирзо Ҳайити Саҳборо «пири равшанзамири хонақоҳи инқилобу таҷаддуд» [7, с.269] ва Шарифҷон-махдуми Садри Зиё «нoшири эълони ҳақ» [4, с.281] номидааст, ки ин аз эҳтиром ва таваҷҷуҳи хоссаи устод нисбат ба Саҳбо шаҳодат медиҳад. Устод ба Саҳбо чун шоир ва ходими намоёни сиёсию давлатӣ, ки ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX нақши мондагор бозидааст, баҳои баланд додааст [121, с.53].

Лозим ба ёдоварист, ки дар як замон ду ё се Саҳбо зиндагӣ кардаанд ва набояд шахсияти онҳоро ба ҳам махлут кард. Аз ҷумла дар тазкираи Возеҳ дар бораи як шоири дигар бо исми Саҳбо чунин омадааст: «Саҳбо номи номияш Мирзо Убайдуллоҳ аст. Аз саканаи вилояти Панҷшанбеи Миёнкол. Дар Бухоро таҳсили улум намуда, алҳол ба тадриси баъзе мадорис мансуб ва ба ифозаи туллоб машғул аст. Ба аксари камолоти зоҳирӣ мавсуф ва ба назми ашъори малеҳа маъруф ва машъуф, зилоли абёташ нашъабахши арвоҳи аҳли ирфон аст» [18, с.227].

Ҳашмати Бухороӣ низ дар тазкираи худ маълумоти Возеҳро такмил медиҳад: «Умри гиромӣ дар ифода ва истифода сарф намуда. Ашъораш матину дақиқ ва мазомини обдораш софтар аз раҳиқ» [43, с.223].

Дар тазкираи Раҳматуллоҳи Возеҳ (1818-1893) доир ба Саҳбо маълумоте дода нашудааст. Сабаб он буд, ки дар вақти таълифи тазкираи Возеҳ (1288/1871) Мирзо Ҳайити Саҳбо ҳанӯз ҷавони 20-21-солае беш набуд ва табиист, ки ӯ он вақт чандон шуҳрати шоирӣ ҳам надошт, ки ба тазкираи мазкур ворид шавад.

Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» низ шарҳи ҳоли ду нафар Саҳбо омадааст. Аввалӣ Мирзо Ҳайити Саҳбост ва таснифи мақола оид ба эшон ба қалами С. Алиев тааллуқ дорад, вале мақолаи Саҳбои дувумро М. Ҷалилова нигоштааст. Муҳаққиқи дуюм маълумоти Возеҳро такрор карда, аммо аз Мирзо Убайдуллоҳ Саҳбо се байтро мисол меорад [165, с.6].

Расул Ҳодизода дар китоби «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX» доир ба се шоири Саҳбо-тахаллус дошта маълумоти мухтасар додааст. Ӯ зимни таҳқиқи тазкираи «Афзал-ут-тазкор фи зикр-уш-шуаро»- и Афзал Махдуми Пирмастӣ дар қатори дигар шоирони давр инчунин номи Саҳборо низ зикр менамояд: «Афзал ба тазкираи худ қариб 15 шоиреро, ки аз тазкираи Возеҳ берун монда буданд (чунончи, Аҳмади Дониш, Шоҳин, Офарин, Аҳқар ва ғайра), дохил кардааст. Аз тазкираи Возеҳ ба тазкираи худ танҳо ҳамон шоиронро такроран дохил намудааст, ки эҷодиёти он шоирон пас аз таълифи тазкираи Возеҳ давом дошт ва худи шоирон дар охири асри XIX ва аввали асри XX ҳанӯз зинда буданд (масалан, Сомӣ, Сират, Амлаҳ, Афқар, Возеҳ, Музтариб, Маҷнун, Фитрат, Исо-махдум, Зарир, Саҳбо, Сарир, Шаръӣ ва монанди инҳо)» [158, с.53].

Адабиётшиноси мазкур дар қисмати «Мулҳақот»-и китоб доир ба се шоири Саҳбо тахаллусдошта чунин маълумот додааст: «Саҳбо, Мирзо Абдулло, мударрисе буда, дар нимаи аввали асри XIX зиндагӣ карда, гоҳе шеър ҳам менавиштааст; Саҳбо, Мулло Убайдуллои Миёнколӣ, аз мударрисони охири асри XIX будааст; Саҳбо, Мирзо Ҳайити тӯпчибошӣ (соли қатл 1336/1918), аз арбобони пешқадами давлатӣ ва маърифатдӯсти аввали асри XX буд. Соли 1918 ба фармудаи амир Олимхон дар Қубодиён кушта шуд» [158, с.289].

Тавре ки аз тазкираҳои ин давра маълум мегардад, дар як шаҳр ва дар як замон ду ё се шоире бо тахаллуси Саҳбо зиндагӣ ва эҷод кардаанд ва дар тазкираҳо низ бо тахаллуси Саҳбо се шоир оварда шудааст. Дуруст аст, ки яке аз ин шоирон «дар «Тазкирату-уш-шуаро»-и Неъматуллоҳи Муҳтарам бо тахаллуси Субҳӣ ёд шудааст» [26, с.196].

Тибқи баррасиҳои Ҳ. Муродиён, устод С. Айнӣ соли таваллуди Саҳборо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» зикр накардааст, вале зодбуми шоирро ноҳияи Комоти қадима, Вобканди имрӯзаи Бухоро нишон додаанд [7, с.267-270; 4, с.281-282]. Аммо Саидҷон Алиев – муаллифи мақолаи «Саҳбо» дар ЭСТ дар истинод ба хотироти Оиша Мухторова – набераи Саҳбо ва Наҷмӣ Сайфиев соли мавлуди шоирро 1850 (идомаи умр 68 сол) [58, с.6; 37, с.26; 126, с.573], муаллифи қиссаи «Саҳбо» Ҳоҷӣ Муҳаммадсаид - соли 1845 (73 сол) [95, с.3], мураттиби «Ёди ёри меҳрубон» Мирзо Муллоаҳмад - соли 1262 ҳ. /1846 м. (73 сол) [20, с.763] муқаррар кардаанд. Аммо агар ба маълумоти устод Айнӣ эътимод намоем, ки гуфта: «синни Саҳбо ва рафиқаш (Ҳоҷӣ Додхоҳ – Ё.Ш.), ба ҳафтод наздик буд» [7, с.269], соли таваллуди Саҳборо метавон 1848 тахмин кард [95, с.4].

Атахон Сайфуллоев дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» дар мақолаи ба устод Садриддин Айнӣ бахшидааш аз рӯи хислатҳои нек доштани Саҳбо ва дигар ҳамақидаҳояш, ба онҳо ғоибона меҳру муҳаббати Айниро чунин баён намудааст: «Айнӣ маҳз дар маҳфили илмӣ ва адабии Садри Зиё сифатҳои Мирзо Ҳайити Саҳбо, Шамсиддин Шоҳин, Аҳмади Дониш ва дигарҳоро шунида, ғоибона ба онҳо муҳаббат пайдо карда буд» [186, с.117].

Тибқи маълумоти устод С. Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо», Саҳбо дар аҳди амир Абдулаҳад, вақте ки ӯ ҳанӯз ба аморат нарасида, ҳокими Кармина буд, ба хидмати дарбор ҷалб гардида, баъди ба ҳайси амири Бухоро пазируфта шудани амир Абдулаҳад низ дар хидмати дарбор монда, ба рутбаҳои «туқсабо» ва «бӣ» шарафёб шуда буд [4, с.281]. Саҳбо дар маҷлисҳои **Шарифҷон Махдуми Садри Зиё** ширкат варзида,

камбудҳои амирро бепарда фош мекардааст, ҳатто, дар ҳузури амир низ аз баёни сухани ҳақ ҳазар намекардааст [7, с.269; 58, с.88-91;166, с.103].

Устод С. Айнӣ, дар истинод ба «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон- махдуми Садри Зиё, ин хислатҳои Саҳборо чунин нишон додааст:

*Дигар шоире ҳаст донишшиор,*
*Зи тумони Комоти мулки Бухор,*
*Ки Мирзо Ҳайит ному Саҳбо – лақаб,*
*Занад ҷӯш табъаш чу май аз тараб.*
*Фазилатшиоре ғаюру далер,*
*Ба гуфтору кирдор чун наррашер.*
*Ба неруи бозуи он покдин,*
*Дар ин аср н-омад ба рӯйи замин.*
*Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон,*
*Надорад ҳазар аз кеҳону меҳон.*
*Ба ҳадде ки дар пеши шаҳ з-ин насақ*
*Кунад доимо нашр эълони ҳақ [7, с.270].*

Ҳамчунин, устод С. Айнӣ дар идомаи суханаш аз номи Садри Зиё оид ба саховатмандӣ, вафодорӣ ва ҷоннисории Саҳбо забони тавсиф мекушояд:

*Гаҳи эҳтиёҷ аст баҳри сахо,*
*Гаҳи имтизоҷ аст кони вафо.*
*Ба пойи касе гар занад хор неш,*
*Равон оварад марҳам аз ҷони хеш [7, с.270].*

Саҳбо илмомӯзиро дар мадрасаҳои Бухоро идома додааст, вале онро то ба охир расонида натавониста бошад ҳам, дар айни таҳсил шеъри салису равон ва ҷоншикори ӯ мухлисони худро пайдо кардааст. Ҳамагон ӯро чун шоири комил ва инсони фозил эътироф намуда, дар маҳфилҳои адабии фарҳехтагони Бухоро ба маҳсули хомааш баҳои баланд медодаанд. «Мушоринулилайҳ ба сифати шоире дар вақте ки амир Абдулаҳад ҳокими Кармина буд, ба хидмат ҷалб шуда, – таъкид менамояд устод Айнӣ, – баъд аз он ки амири мазкур ба ҷойи падар ҳукмрон гардид, Саҳбо ҳам ба хидмати

дарбор монд. Саҳбо бинобар собиқаи хидматаш ҳарчанд ба мансабҳои бузург расид, аммо аз он ҷо ки ҳамеша фасоди аҳли дарбор ва навоқиси ҳукумати амирро далерона танқид мекард, на аз амир, на аз вазир, на аз соири аҳли дарбору уламо рӯйи гарме надид» [7, с.269].

Махсусан, баъди ба сари қудрат омадани амир Олимхон, ки аз айёми наврасиаш бо Саҳбо ситораашон рост намеомад, мавқеи шоир тангтар гардид. Ин аст, ки номбурда Саҳборо аз дарбор ронда, ба мансаби миробии Шаҳррӯд таъйин намуд. Вале дид, ки вай дар байни кишоварзон соҳиби обрӯю эътибор гардид, ба ҳарос афтода, ӯро ба мақоми серғавғои миршаби Бухоро гузаронид. Аммо Саҳбо дуздону роҳзанону қиморбозонро ба ҷояшон шинонида, тартиботи шаҳрро рӯзонаю шабона ба низом даровард. Амир аз ин пешрафти Саҳбо сахт барошуфта, ӯро бо андак дастмузди амалдорӣ бознишаста намуд.

«Саҳбо барои сарфи рӯзгор тамоми ашёи хонааш ва анҷоми ороишоти занашро ба фурӯш гузошта, дар айёми бознишастагӣ ба мутолиаи китобу нашрияҳои ҷанбаи маорифпарварӣ ва инқилобидошта, ки аз Русия, Тотористон, Озарбойҷон ва дигар кишварҳо ба Бухоро ворид мегардиданд, машғул мешуд. Саҳбо моҳияти инқилобро баробари матбуоти даврӣ аз суҳбат бо болшевикони маҳаллӣ ва рус фаҳмида, руҳияи инқилобӣ пайдо кард. Норозиёни дарбор дар атрофаш ҷамъ шуда, аз аҳли дарбор ва амир изҳори нигаронӣ мекарданд. Амир аз ин амали Саҳбо ба ҳарос афтода, пайти мувофиқи аз байн бардоштанашро меҷуст ва ниҳоят ин фурсат низ муҳайё шуд. Амир дар соли 1915 бо супориши гумоштаи сиёсии Русияи подшоҳӣ тавассути ҷосусони худ қариб номи 40 нафарро навишта, ҳамчун ашхоси хатарнок ба қушбегӣ месупорад» [82, с.18].

Ба феҳрасти номҳои хатарнок Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳоҷӣ Додхоҳ, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва дигаронро низ ворид намуда буданд. Насруллоқушбегӣ якоякашонро ба маҳкама даъват карда, бо баҳонаи рӯзномахонӣ аз онҳо баёнот мегирад ва танбеҳашон медиҳад. Баъдан истиқомати доимии Саҳборо дар Бухоро амир ва қушбегӣ балохез דониста,

ӯро ба кори маъмурӣ ба Яккабоғ мефиристанд, вале вай дар ин мансаб низ дер наистода, истеъфо дода, дубора ба Бухоро бармегардад ва ба сафи мухолифони зидди аморат мепайвандад.

Баъд аз ҷадидкушии амир рӯзи 8 апрели соли 1917 Саҳбо дар қатори Ҳоҷӣ Додхоҳ ва Мирзо Абдулло дар арк ҳабс карда мешавад [121, с.54], вале баъдан аз маҳбас халосӣ ёфта, бо мақсади раҳоӣ аз таъқибот барои иштирок дар намоиши ҷавонбухориён ба Когон фирор мекунад, аммо устод Садриддин Айнӣ, Ҳоҷӣ Мирбобо, Муҳсинзода ва Мирзо Назрулло ба муҷозоти 75 чӯб задан маҳкум мешаванд.

Баъди чанд фурсат амир Олимхон бо мақсади исёнгаронро аз марказ дуртар бадарға карда, нест намудан, Саҳборо беки Қубодиён ва Ҳоҷӣ Додхоҳро беки Қӯрғонтеппа таъйин мекунад [82, с.19]. «Амир барои рӯйирост ба маҳбас кашидан ва куштани ӯ аз ғазаби халқ метарсид, чунки халқ бобоямро беҳад ҳурмат мекарданд, суханони ӯро хуш мепазируфтанд, – мегӯяд набераи Саҳбо Оиша Мухторова. – Барои ҳамин ҳам амир Олимхон бо роҳи ҳиллаю найранг мегузарад. Бобоямро ба ноҳияи Қубодиён ҳоким таъйин мекунад, зеро куштори Саҳбо дар ҳамон ҷо пешбинӣ шуда буд. (Дар асл барои куштани Саҳбо фармони махфӣ содир шуда буд)» [37, с.23].

Моҳи марти соли 1918 амир Олимхон ва атрофиёнаш ҳазорҳо ҳаводорони инқилоб ва иштирокчиёни намоиши ҷавонбухориёнро ба қатл маҳкум сохтанд. Амир додараруси худ Давронбек – писари Абдураҳмонбеки миршабро ба Бухорои Шарқӣ фиристода, бо супориши амир Ҳоҷӣ Додхоҳро дар Қӯрғонтеппа ва Мирзо Ҳайити Саҳборо дар Қубодиён кофир эълон карда, бо роҳи сангсор намудан ба қатл мерасонад.

Расул Ҳодизода дар пешгуфтори «Ашъори мунтахаб»-и Ҳайрат ҳарчанд роҷеъ ба Мирзо Ҳайити Саҳбо сухане наронда бошад ҳам, дар тавзеҳоти китоб симоҳои манфури Давронбек ва падараш - Абдураҳимбеки миршабро зимни ташреҳи ду рубоии дар мазаммати онҳо навиштаи Ҳайрат чунин тасвир намудааст: «Фарёду фиғони ман зи дасти писарат–ин рубоӣ дар ҳаққи

Абдураҳимбек-Миршаб ва писари ӯ Давронбек, ки ниҳоят золим ва бадкор буданд, навишта шудааст» [42, с.245].

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ғайр аз «Тазкори ашъор» дар тазкираи «Фузалои мутааххирин ва шуарои муосирини роқими адим-ул-қадр Зиёи Садр» (дастнависи 2193, вараќи 3326-3376) аз Саҳбо ва фоҷиаи ӯ ба таври зайл ёдоварӣ намудааст: Саҳбо «аз умарои давлати амир Абдулаҳадхон буд. Марде соҳиби ҳиммат ва инсоф буд. Ба ҳар коре, ки аз тарафи амир маъмур мешуд, изҳори ҳукм кард. Ҳатто аз ин ваҷҳ боре ба сахтии амир гирифтор шуда, таъриз ва ташвир ёфт. Дар замони амир Олимхон ба туҳмати ҷадидӣ, яъне инқилобчигӣ шаҳид шуд» [9, с.270].

Набераи Саҳбо Оиша Мухторова дар хотироташ овардааст, ки «Пас аз чанд вақт хабари шуми дар Қубодиён баста, сангсор карда, кушта шудани species бобоямро (бо думи асп баста кашидан) шунида, ғамгин шудем» [37, с.23**]**.

Ҳамчунин, мавсуф дар охири хотироташ боз ба ин фоҷиа баргашта, нақл мекунад, ки соли 1950 шоир Мирзо Турсунзода ҳангоми сафари Бухоро ба хонадони онҳо низ меҳмон шуда, дар истинод ба нақли пиронсолони душанбегӣ дар бораи кушта шудани Саҳбо ҳикоя кардааст: «Саҳарии барвақт (вақти азон) Саҳборо бо дастони баста аз арк мебароранд. Дар он ҷо якчанд аспе, ки барои қатли Саҳбо омода карда шуда буд, меистоданд. Ба думҳои ана ҳамин аспҳо шоири дасту пояш кишанзадаро мебанданд ва ба аспҳо қамчин мезананд. Аспҳо турида, ба тарафи кӯҳ медаванд. Мурдаи шоир дар кӯҳ мемонад. Амир Олимхон ҳатто ҷасади ӯро барои гӯронидан монеъгӣ мекунад» [37, с.25].

Ҷумъабой Азизқулов дар мақолаи «Имону инсофи устод Айнӣ» аз Махдуми Турон, хатиби масҷиди Хоҷа Зайниддини Бухороӣ нақл мекунад, ки бо Саҳбо дар Қубодиён зиндонӣ буда, золимона ба қатл расонида шудани Саҳборо ба чашми худ дидааст [50, с.27].

Шоир Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар суҳбат бо набераи шоир – Оиша Мухторова аз Саҳбо чунин ёд мекунад: «Ман 14-15-сола будам, ки бо падарам ба ҳавлии Саҳбо рафтем. Ба фикрам, падарам барои дилбардории ӯ

рафта буд. Аҳволи бобоятон бад, хеле хафа менамуданд. Дар меҳмонхона ҳеҷ чиз набуд. Амир молу мулки ӯро мусодира кардааст. Мо каме нишастем, баъди хайрухуш ба хона баргаштем. Ин вохӯрии пеш аз Қубодиён рафтанашон буд. Падарам (Раҳими Қанд– Ё.Ш.) ин воқеаро бисёр такрор мекарданд. Аз фоҷиавор, ноҳақ кушта шудани шоир ғамгин буда, ба амир лаънатҳо мехонд. Амир бобом барин чандин одамони пешқадамро кушт, ки ин аз хунхории ӯ дарак медод» [37, с.23].

Донишманди узбекистонӣ Саидҷон Алиев низ ваҳшиёна кушта шудани Саҳборо аз забони як шоҳиди воқеа муфассал баён кардааст, ки ба нақли Оиша Мухторова монанд аст [58, с.88-91].

Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» [189, с.20] ва осори ба таърихи Қубодиён бахшидашуда, аз ҷумла «Қубодиён. Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то ба имрӯз [79, с.38] ва «Қубодиён – сарзамини Тус ва Рашкиқамар [120, с.136-207] тафсилоти қазияи қатли Саҳбо якхела оварда шуда, аз ҳам фарқияте надоранд. Аммо муаллими забон ва адабиёти тоҷики ноҳияи Қубодиён Файз Зиёдалиев дар мақолаи хеш – «Фоҷиаи қатли мири Қубодиён» оид ба ин воқеа маълумоти дақиқтар медиҳад: «Соли 1918 бо дастури амири Бухоро Мирзо Ҳайити Саҳбои 70-сола бо иттиҳоми ҷадидӣ ваҳшиёна ба қатл расонида мешавад. Аввал Саҳборо дар таги девори Қалъаи мир сангсор мекунанд ва сипас, ҷасадашро ба думи асп баста, бузкашӣ намуда, ба таги кӯҳи Хоҷағозиён бурда мепартоянд. Мувофиқи гуфтаи сокини куҳансоли Гузари Боло (Қубодиён – Ё.Ш.) мулло Мухтор, чанд нафар ашхоси дилсӯзу худотарс ҷасади хуншору афгори шоири номуродро оварда, пинҳонӣ дар қабристони гузари Қиёти Қубодиён ба хок месупоранд. Турбати шоир дар сағонаи Қиётиён, ки ду километр дуртар аз деҳа ҷойгир аст, воқеъ мебошад. Мувофиқи баъзе ривоятҳо ва нақли соҳибкори қубодиёнӣ аз гузари Қиёт, Нормуъмин Юлдошев, гузаштагони ӯ ҷасади Мирзо Ҳайити Саҳборо дар сағонаи авлодии худ дафн намудаанд. Дар вазъияти даҳшатбори онвақта на ҳар кас ҷуръати ба хок супурдани шоирро мекард. Қиётиён бо сабаби бухориаслу соҳибмансаб будан ва ба ҳайси тураҳо нуфуз доштанашон шояд

ҷуръат намуда, ҷасади шоири ҳамшаҳриашонро дар сағонаашон ҷой дода бошанд» [82, с.19].

Муаллифи қиссаи «Саҳбо» Неъматулло Муҳаммадсаид баҳонаи қатли Саҳборо «ҷосуси урусҳо, душмани амир Олимхон…, шоир не, як ғайридини бехудо, аз Бухоро гурехта, ба Қубодиён омада, худро бек эълон кардааст» арзёбӣ намуда, овардааст, ки Саҳбои дастубастаро бо либоси сафед ба майдон мебароранд. Ҷаллоди қавиҳайкали зарде бо каланд ба сари ӯ мезанад. Ӯ калавида ба замин меафтад. Мардум ӯро сангсор мекунанд ва аз таги сангҳо ҷасади ӯ метапид. Саҳбо ваҳшиёна қатл шуда, ҷасадаш дар хандақи пушти қалъа партофта мешавад, то ки туъмаи сагон гардад» [25, с.81].

Аз нақли Ҳалима Мухторова, абераи Саҳбо, мураттиби маҷмуаи «Саҳбо» (Танланган шеърлар, 1991) маълум мегардад, ки Мирзо Саҳбо се духтар ва як писар доштааст: «Номи духтаронашон Эркаҷон (модари Ҳалима Мухторова – Ш. Ё.), Робияхон, номи холаи сеюмам дар хотирам нест... Тағоиям (номаш дар хотирам нест) дар 25-солагиаш вафот кардаст. Тағоям ҷавони босавод, донишманд шуда, ба воя расида буд. Қуръонро аз аввал то охир ёд гирифта буд, яъне қории Қуръон буд. Афсӯс, ки вай бисёр умр надид. Бобоям дар пириаш аз ҳама фарзандонаш ҷудо шуда, дар доғи онҳо сӯхтааст...» [37, с.19-21].

Хулоса, Мирзо Ҳайти Саҳбо соли 1918 бо амри махфии амири Бухоро дар Қубодиён бо баҳонаи ҷадидӣ аз тариқи сангсор кардан ба қатл расонида мешавад. Саҳбо 70 соли пурра умр ба сар бурда, дар муддати ҳаёти хеш, бо ин ки аз мансубони амирони Бухоро ба ҳисоб мерафт, бо сабаби майл ба андешаҳои ҷадидону навхоҳон, ба хосса ҷиҳати кӯшиш дар сохтани мактабҳои бо усули нав ҳамвора мавриди таъқибу вокунишҳои сиёсати амирӣ қарор дошт. Маҳз ҳамин майлу кӯшишҳои вай сабаб шуданд, ки амир ӯро қаблан аз мансабҳои волои дарборӣ маҳрум кард, баъдан ба шарқи Бухоро ба вазифаи ҳокими Қубодиён таъйин кард. Мансаби мазкур, бо ин ки баланд буд, барои Саҳбо ҳукми табъиду аз байн бурдани ӯро дошт, зеро маҳз дар Қубодиён бо нақшаи ниҳоии амир Саҳбо мавриди туҳмати сахт қарор

гирифта, дар ҳузури оммаи мардум ҳамчун кофиру хиёнатпеша ба қатл расонида шуд.

### 1.2. Мероси адабии Саҳбо

Ҳарчанд роҷеъ ба мероси адабии Мирзо Ҳайити Саҳбо дар тазкираҳо баъзе маълумотҳо оварда шудаанд ва агарчи худи Саҳбо ҳам ҳанӯз дар айёми зиндагонияш маҷмуаи ашъорашро ба дасти худ тадвин карда буд, аммо эҷодиёти ин адиби соҳибистеъдод, ки фақат навъи назмро дар бар мегирад, танҳо дар даврони истиқлол ба кириллӣ баргардонида шуд. Агарчи дар тазкираҳои охир дар хусуси эҷодиёти Саҳбо маълумот дода шудаанд, аммо ин маълумот аксаран бо овардани чанд байт аз шоир маҳдуд мебошанд. Дар Энсклопедияи советии тоҷик низ ҳамин ақида дастгирӣ шудааст: «Ашъори Саҳбо дар баёзу тазкираҳои ибтидои асри XX ва дар дасти ашхоси ҷудогона пароканда аст» [190, с.6]. Танҳо то солҳои охир хонандаи тоҷик бо намунаҳои ашъори Саҳбо тавассути «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод С. Айнӣ - 3 ғазал [7, с.236], маҷаллаи «Садои Шарқ» - 9 ғазал [34, с.131-135], рисолаҳои «Қубодиён. Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то ба имрӯз» - 3 ғазал [79, с.140-142], «Ёди ёри меҳрубон. Марзҳои шарқи шеъри порсӣ. Аз Тоҷикистон - Варорӯдон то Ҳинд» - 20 ғазалу 2 мухаммаси шоир [20, с.763-772] ошноӣ пайдо карда буданд, ки аксарашон такрори якдигар буданд.

Мирзо Ҳайит бо тахаллуси «Саҳбо» шеър менавишт, ки вожаи мазкур маънои майи сурхро дорад [143, с.231].

Устод С. Айнӣ дар охири маълумоти оид ба Саҳбо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааш қайд менамояд: «Саҳбо соҳибдевон аст. Номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯиро ба табъу нашр кардани девонаш, бо тарҷумаи ҳолаш зинда кардан аз ҷумлаи вазифаҳои инқилобист» [7, с.270].

Аз нақли Оиша Мухторова – набераи Саҳбо маълум мегардад, ки дар истинод ба гуфтаи бобои падариаш – Саидбек, Саҳбо девони бисёр доштааст, вале бисёрии онҳо бо фармони амир Олимхон дарёфт ва сӯзонида мешаванд [37, с.24]. Ба гуфти Неъматулло Муҳаммадсаид, дар Қубодиён одамони амир

хонаи Саҳборо ҷуста, шеърҳои як соли ахир навиштааш ва достони нотамоми «Қубодиённома»-ашро мусодира намуда, оташ мезананд [25, с.81]. Бинобар ин, шеърҳои дар даҳ соли охири умр (солҳои 1908-1918) таълифнамудаи шоир то ҳол нопайдост.

Дар аксари сарчашмаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва тазкираҳои Тоҷикистон таъкид шудааст, ки девони Саҳбо то ҳанӯз дастрас нест. Мураттибони «Гулшани адаб» низ дар робита бо мероси адабии Саҳбо танҳо ба ин нукта иктифо кардаанд: «Шояд девони ашъори шоир бошад, вале, мутаассифона, дастраси мо нагардидааст. Ашъори парокандаи шоир дар баёзҳо сабт гардидааст» [19, с.395].

Дар тазкираҳои дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX таълифгардида, ба монанди: «Афзал-ут-тазкор фи зикр-уш-шуаро» (1904)-и Афзал Махдуми Пирмастӣ (1840-1915), «Тазкират-уш-шуаро» (1904)-и Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ (1860-1022), «Миръот-ул-хаёл» (1904)-и Сомӣ (1838/39-1908), «Тазкор-ул-ашъор» (1910)-и Садри Зиё (1857-1932), «Тазкират-уш-шуаро» (1910)-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам (1880-1920) ва «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926)-и Садриддин Айнӣ (1878-1954) дар баробари шарҳи ҳол ва зиндагинома, ҳамчунин, роҷеъ ба осори Мирзо Ҳайити Саҳбо (1850-1918) маълумоти мухтасар дода, аз ашъораш намунаҳо низ оварда шудаанд.

Дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Айнӣ оид ба ҳунари шоирӣ ва эҷодиёти Саҳбо маълумот додани Садри Зиё дар «Тазкор-ул-ашъор» ишора намуда, чор ғазал (17 байт)-и ӯро ҳамчун намуна меоварад, ки матлаашон чунинанд:

*Гуфтам: «Ҳама побанди ту шуд». Гуфт: «Шумо чӣ?»*

*Гуфтам: «Зи ғамат сӯхт дилам». Гуфт: «Ба мо чӣ?» [7, с.234]*

* * *

*Савдои хами зулфи ту то бар сарам афтод,*

*Сад дарду алам дар дили ғампарварам афтод [7, с.234].*

* * *

*Кай тавонад, ки кунад фитна муҳайё наргис,*

*З-ин сабаб нест ба чашмони ту ҳамто наргис [7, с.235].*

* * *

*Гар барафтад акси рухсори нигори ман дар об,*

*Метавон кардан тамошои гулу гулшан дар об [7, с.235].*

Ҳамчунин, Абдулоҳхоҷаи Абдӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ ду ғазал ва як байти Саҳборо намуна меорад. Ғазалҳои намунаовардаи ӯ якеаш такрор аз «Тазкор-ул-ашъор»-и Садри Зиё буда (Гуфтам: «Ҳама побанди ту шуд». Гуфт: «Шумо чӣ?»), як байти алоҳида ва як ғазали он бори нахуст оварда мешавад. Байти алоҳида ва матлаи ғазали нав чунин аст:

*Ҷуз остони туам ҳеҷ такягоҳе нест,*

*Сари маро ҷуз аз ин дар ҳаволагоҳе нест [1, с.145].*

* * *

*Ёди майгуни лабат кардам хуморам тоза шуд,*

*Гулшани рӯи туро дидам, баҳорам тоза шуд [1, с.146].*

Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам ҳам дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ дар баробари он ки дар хусуси ҳунари шоирии Саҳбо қайд мекунад, ки «ғазалиёташ аз парешонаҷзоӣ доман чида, дар тилисми истеҳком ба девон расида», як ғазали 4-байтии шоирро низ намуна меорад [26, с.78]. Аммо ғазали овардаи тазкиранигори мазкур такрорӣ буда, ҳамон ғазали бо радифи «афтод» аст, ки Садри Зиё дар тазкирааш овардааст. Вале ин байти овардаи ӯ нав аст, зеро дар тазкираи Садри Зиё мавҷуд нест:

*Зуҳду вараъ ба хидмати султон нақиз нест,*

*Дилро ба Ҳақ бибанду камарро ба чокарӣ [26, с.78].*

Бояд қайд кард, ки аз ғазалҳои дар маҷаллаи «Садои Шарқ» интишоршуда 6-то такрор аз тазкираҳои собиқ буда, 3-тои он ғазалҳои тоза ба ҳисоб меравconfigured [34, 129-134]. Мутаассифона, таҳиягарон маъхаз ва ё сарчашмаи шеърҳои пайдо кардаашонро нишон надодаанд.

Дар поён фақат матлаи ғазалҳои тозаи дар маҷаллаи мазкур чопшударо намуна меорем:

*Ба дил ҳар лаҳза сад таъзим месозам ҷанобатро,*

*Ба ҳангоме тасаввур мекунам лаъли хушобатро [34, с.131].*

* * *

*Гуфтам ба дилбаре, ки рухи анварат чӣ шуд?*

*Ҳусни нишотбахши сафогустарат чӣ шуд? [34, с.132].*

Дар ғазали бо радифи «чӣ шуд» мисраи аввал дар девони шоир бад-ин тариқ тағйир дода шудааст: «Гуфтам ба ту, ки хатти рухи анварат чӣ шуд?» [89, 88]. Дар матлаи ғазали нахустин бошад, қофияи «ҷанобатро» бо «хаёлатро» иваз карда шудааст [34, 28].

Муқоисаи се ғазали дар маҷаллаи «Садои Шарқ» дарҷёфтаи Саҳбо бо ҳамин ғазалҳои дар девони аслӣ ва чопи тоҷикистонии шоир ҷойдошта (ки дар хусуси ин девонҳо дар поён қайд хоҳем кард), нишон дод, ки ҳар сеи онҳо каму беш аз ҷониби худи шоир таҳрир ёфтаанд. Масалан, ғазали бо матлаи «Аҳволи дил зи новаки дилсӯзи ёр пурс» аз ҷониби шоир таҳрири ҷиддӣ дида, ҷойи мисраъу байтҳо дигаргун ва таркибу калимаҳои он ҳам хеле тағйир ёфта, ба гунаи ғазали нав монанд гаштааст, ки он ғазал дар девони шоир «Соғари Саҳбо» (2018) ба ин гуна омадааст:

*Шоми фироқро зи шаби интизор пурс,*

*Аҳволи дил зи новаки дилсӯзи ёр пурс [36, с.153].*

Баъд аз панҷ сол мураттибони баёзи «Гулшани адаб» (1980) 9 ғазал ва 3 мухаммас (135 байт)-и Мирзо Ҳайити Саҳборо пешкаши ҳаводорони каломи мавзун мегардонанд. Ҳангоми муқоисаи ғазалҳои китоб бо ғазалҳои дохили тазкираҳо ва маҷаллаи «Садои Шарқ» маълум гардид, ки се мухаммас ва як ғазали Саҳбо шеърҳои тоза ба ҳисоб рафта, боқӣ 8 ғазал такрори нашрҳои собиқанд. Аз абёти зерин байти якум матлаи ғазал ва боқимонда мансуб бар мухаммасоти шоиранд:

*Маро ҳам кош будӣ аз қазо фархундаайёме,*

*Ки мебастам ба тавфи Каъбаи кӯи ту эҳроме [34, с.398].*

* * *

*Рухи худро зи ман кардӣ ниҳон оҳиста-оҳиста,*

*Рабудӣ тоқатам аз мағзи ҷон оҳиста-оҳиста [34, с.399].*

* * *

*Агар гӯям, рухат меҳри ҷаҳон орост, меранҷӣ*

*В-агар гӯям, ки маҳ бар оразат шайдост, меранҷӣ [34, с.400].*

* * *

*Гулзори ҳусн бе ту камоле наёфта,*

*Васфи туро хирад ба хаёле наёфта [34, с.400].*

Зимнан бояд зикр кард, ки ғазал ва мухаммасоти мазкур дар девони шоир мавҷуданд.

С. Алиев дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» дар бораи Мирзо Ҳайити Саҳбо маълумоти мухтасар дода, аз эҷодиёти шоир фақат ба ҳамон ғазали «Гуфтам: Ҳама побанди ту шуд. Гуфт: Шумо чӣ?» ишора карда, чунин нигоштааст: «Ашъори Саҳбо дар баёзу тазкираҳои ибтидои асри XX ва дар дасти шахсони ҷудогона пароканда аст. Саҳбо шоири лирик буда, ғазалҳову мухаммасҳояш бо эҳсоси баланд суруда шудаанд. Якчанд ғазали Саҳбо ба репертуари ҳофизон дохил гардидааст. Ғазали машҳури Саҳбо «Гуфт: «Ба мо чӣ?...» ҳоло ҳам аз тарафи ҳофизони касбии тоҷик суруда мешаванд» [191, с.5].

Соли 1991 ин фазои холигӣ ё халои фарҳангиро мураттиби китоби «Саҳбо» (Танланган шеърлар) Ҳалима Мухторова то андозае пур мекунад. Мураттиб дар оғози китоб доир ба Мирзо Ҳайити Саҳбо ва девони маҳфузмондаи ӯ, ки таҳти рақами 1982 дар пажӯҳишгоҳи дастхатҳои АУ Узбекистон мавҷуд буд, маълумоти муфассал дода, аз эҷодиёти шоир 38 ғазал (26-то тоҷикӣ, 12-то узбекӣ) (334 байт), 46 мухаммас (9-то тоҷикӣ, 37-то узбекӣ (740 байт) ва ду мусаддас (1-то тоҷикӣ, 1-то узбекӣ) (27 байт)-ро намуна меоварад. Шеърҳои дар китоби «Саҳбо» (Танланган шеърлар) овардашуда бевосита аз девони шоир баргузида шудаанд ва теъдоди умумии онҳо 1101 байтро ташкил медиҳад. Ҳалима Мухторова дар пешгуфтори ба китоб навиштааш доир ба миқдори ашъори Саҳбо чунин ёдрас мешавад: «Девон бо хатти нимшикастаи настаълиқ китобат шуда, аз 263 саҳифа

фароҳам омадааст ва дар он зиёда аз 550 адад ғазал, қасида, мухаммас, мусаддас, қитъа ва фардиёти шоир ҷамъ оварда шудаанд, ки 61 адади он (27 ғазалу 34 мухаммасу мусаддас) бо забони узбекӣ эҷод шудааст. Ҳамагӣ девон дорои 12900 мисраъ шеър мебошад» [37, с.10].

Ҳамин тавр, то замони соҳибистиқлолии ҷумҳуриамон ба ҷуз китоби «Саҳбо» (Танланган шеърлар) ва баъзе ишораҳои адабиётшиносон дар бораи Мирзо Ҳайити Саҳбо ва шеъри ӯ тадқиқоти ҷиддие сурат нагирифтааст.

Пас аз фосилаи зиёда аз 10-сола, донишманди тоҷик Мирзо Муллоаҳмадов дар китоби «Ёди ёри меҳрубон» (Теҳрон, 1338 / 2002) аз осори Саҳбо 26 ғазал, 9 мухаммас ва 1 мусаддас (369,5 байт)-ро ба нашр мерасонад, ки ӯ ин шеърҳоро аз китоби «Саҳбо» (Танланган шеърлар) интихоб намудааст. Ӯ дар пешгуфтори мухтасари навиштааш дар бораи мероси адабии шоир чунин мегӯяд: «Саҳбо шоири дузабона буд ва ба забонҳои форсию туркӣ шеър мегуфт. Девони шоир, ки ба хатти худи ӯ навишта шуда боқӣ мондааст, ки беш аз 550 ғазал ва мухаммасро дар бар мегирад» [20, с.763].

Ҳамон сол омӯзгори мактаби миёнаи №1-и ноҳияи Қубодиён Файз Зиёдалиев дар мақолаи бо номи «Қатли мири Қубодиён» навиштааш («Адабиёт ва санъат», №21-22, 31.05.2002) зимнан боз ҳамон ғазали «Гуфтам: «Ҳама побанди ту шуд». Гуфт: «Шумо чӣ?» (4 байт)-и Саҳборо интишор менамояд, ки он низ такрор аз нашрҳои собиқ мебошад. Ӯ мақолаашро ба тасвири ҷараёни кушташавии шоир бахшида, доир ба омӯзиши мероси адабии Саҳбо низ масъалагузорӣ мекунад: «Ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо, яъне ин адиби ширингуфтор ва пайравони ақидаҳои маорифпарварии Аҳмади Дониш то ҳол мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор нагирифтааст ва мо дар бораи худи ӯ, ба истиснои маълумоти устод Садриддин Айнӣ, иттилои пурра надорем» [82, с.8].

Баъдан, М. Ҷалилова дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» (2004) дар бораи Саҳбо мухтасар маълумот дода, аз шеърҳои қаблан чопшудааш боз ҳам он ғазали «Гуфтам: «Ҳама побанди ту шуд». Гуфт: «Шумо чӣ?» (8 байт)-и

шоирро такроран намуна меорад. Ҳамчунин, ӯ аз мавҷудияти девони шоир хабар надошта, иддао мекунад, ки «девони Саҳбо то ҳол дастрас нест» [191, с.117].

Пас аз ду сол Муҳаммад Алии Хуросонӣ дар баёзи бо номи «Шоирони Мовароуннаҳр» таҳиякардааш дар бораи Мирзо Ҳайити Саҳбо маълумоти мухтасар дода, аз эҷодиёти ӯ 7 ғазалу 2 мухаммас (105 байт)-ро пешкаши хонандагон мегардонад. Мазкур ба девони шоир ошноӣ надошта, ғазалҳоро аз «Намунаи адабиёти тоҷик»-и С. Айнӣ ва мухаммасҳоро аз баёзи «Гулшани адаб» интихоб менамояд, ки ҳамаашон такрори шеърҳои пештараанд.

Муаллифи мақолаи «Мирзо Ҳайити Саҳбо - адиби Қубодиёнӣ» Саид Зубайдуллоев, мураттибони баёзҳои «Гулшани адаб» ва «Шоирони Мовароуннаҳр» ва дигарон аз мавҷудияти девони шоир хабар надошта, афсӯс хӯрдаанд, ки девони Саҳбо то ҳол пайдо нагаштааст; ҳол он ки аз мавҷудияти девони шоир Ҳалима Мухторова дар пешгуфтори «Маҷмуаи шеърҳо»-и Саҳбо (Танлаганлар шеърлар) ҳанӯз соли 1991 хабар дода, як миқдор шеърҳои тоҷикию узбекии Саҳборо низ ба нашр расонидааст.

Баъди сипарӣ шудани шаш сол аз нашри «Шоирони Мовароуннаҳр», Азизи Фаттоҳ дар шумораи 35-уми рӯзномаи «Самак», ки 2 июли соли 2012 ба нашр расид [143], мақолаеро бо номи «Қатли Саҳбо дар Қубодиён» интишор намуда, ду ғазали шоирро намуна меорад, ки онҳо низ такрор аз нашрҳои пештараи шеърҳои шоир мебошанд. Хотиррасон менамоем, ки мақолаи мазкури Азизи Фаттоҳ баъдан дар рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи Шаҳритуз» (№23-14, 2018) [144] ва китоби бо номи «Фатҳи қулла» чопкардааш (2021) [145] ба табъ мерасанд.

Неъматулло Муҳаммадсаид соли 2014 дар пешгуфтори қиссаи бо номи «Саҳбо» навиштааш дар хусуси аз ҷониби муҳаққиқон пайдо шудани девони шоир чунин хабар додааст: «Соли 1980 номзади илмҳои филология Б.Ҳ. Ҳасанов девони пурраи Саҳборо таҳти рақами №1982 дар пажӯҳишгоҳи дастхатҳои АУ Узбекистон пайдо кард. Дар саҳифаҳои 1, 2, 3 ва панҷуми китоб мухри шахсии Саҳбо гузошта шуда, аслӣ будани онро нишон медиҳад.

Девон аз 263 саҳифа иборат буда, дар он 489 шеър (жанрҳои гуногун) ба забони тоҷикӣ ва 61 адад бо забони узбекӣ  ҷойгир мебошад. Дар маҷмуъ, ашъори Саҳбо аз 12900 мисраъ иборат аст. Саҳбо дар жанрҳои ғазал, мухаммас, мусаддас, марсия, фироқнома, мувашшаҳ ва ғайра қувваозмоӣ карда, ҳатто ба забони озарӣ низ шеър гуфтааст» [25, с.6-7].

Неъматулло Муҳаммадсаид баъди соҳибистиқлолии кишвар дар муқаддимаи қиссаи «Саҳбо» аз мавҷудияти девони Саҳбо хабар дода, мунтахаби ашъори Саҳборо бо забонҳои узбекӣ  ва қисман тоҷикӣ [16] ба ҷумҳурӣ ворид намудааст, ки онро рӯзноманигор Азизи Фаттоҳ девони Саҳбо пиндоштааст [143, с.81]. Саидҷон Зубайдуллоев, устоди ДДОТ ба номи С. Айнӣ афсӯс мехӯрад, ки то имрӯз девони Саҳбо пайдо нашудааст. Ӯ мероси адабии Саҳборо иборат аз 15 ғазал, 2 мухаммас ва 1 мусаддас мепиндорад, ки тамоман ғалат аст [63, с.19]. Танҳо устод Мирзо Муллоаҳмад дар «Ёди ёри меҳрубон» дақиқан аз мавҷудияти девони Саҳбо таҳти рақами 1982 дар захираи Пажӯҳишгоҳи дастхатҳои АИ Ҷумҳурии Узбекистон башорат дода, ҳамчунин аз интишори мунтахаби ашъори шоир дар соли 1991 дар шаҳри Тошканд ба забонҳои узбекӣ  ва тоҷикӣ хабар додааст.

Воқеан, дар Ҷумҳурии Узбекистон аз мавҷудияти девони Саҳбо қабл аз дигарон дар соли 1980 аввалин бор номзади илмҳои филологӣ Б. Ҳасанов ва Р. Холиқов иттилоъ додаанд [37, с.10].

Тибқи иттилои онҳо, девони Саҳбо таҳти рақами 1982 дар асоси ин дастхати худи шоир [37, с.177] дар Фонди захираи дастхатҳои ба номи Ҳамид Сулаймонови Пажуҳишгоҳи АИ Узбекистон маҳфуз аст. Аммо аз бими дастгоҳи идеологии давр – мураттиби маҷмуа ва муаллифи сарсухани он, абераи Саҳбо - Ҳалима Мухторова таҳти унвони «Сарояндаи зебоӣ ва ҳақиқат (ҳаёт ва эҷодиёти Саҳбо)» ва муҳаррири масъули он С. Ҳасанов натавонистаанд, ки девони комили Саҳборо мунташир созанд. Бинобар ин, онҳо ба ашъори узбекии Саҳбо такя намуда, гоҳо воқеиятро таҳриф кардаанд. Масалан, Ҳалима Мухторова таъкид мекунад, ки «Саҳбо бо забонҳои узбекӣ ва тоҷикӣ эҷод кардааст» [37, с.3] ва ба ашъори ночизи бо забони узбекӣ

эҷодкардаи Саҳбо арҷ мегузорад ва бартарият медиҳад. Ӯ аз қавли бобояш Саидбек, ки ба шавҳари Ҳ. Мухторова - шоир Васфӣ нақл кардааст, ҳикояти зеринро қисса мекунад, ки он аз воқеият дур аст: «Мирзо Саҳбо дар аввал фақат ба забони узбекӣ ғазалҳо менавиштааст. Амир Абдулаҳадхон (падари амир Олимхон, ки шоир буда, бо тахаллуси «Оҷиз» шеър эҷод мекард) Саҳборо дӯстдорӣ намуда, вайро ба дарбор даъват мекунад ва аз Саҳбо «Ғазалҳои тоҷикӣ нависед, намешавад-мӣ?» гӯён илтимос мекунад. Баъди ҳамин бобоям Мирзо Саҳбо ғазалҳои худро бо забони тоҷикӣ навиштанро оғоз мекунад» [37, с.24]. Неъматулло Муҳаммадсаид низ ба ин маълумоти иштибоҳангез такя намуда, дар қиссаи «Саҳбо» онро овардааст, вале сарчашмаи маълумотро зикр накардааст [25, с.10].

Бо вуҷуди он ки Ҳ. Мухторова Саҳборо шоири узбек номидааст [37, с.16], аммо дар муқаддимаи навиштааш маълумоти муфассал оид ба шоир аз ҷониби муқаррабони Саҳбо оварда шудааст. Мавсуф дар ин маврид қайд менамояд: «Маълумотҳои аввалин оид ба эҷодиёти Мирзо Ҳайити Саҳбо дар асарҳои ҳамзамонони вай дар тазкираи Афзалмахдуми Пирмастӣ (Институти шарқшиносии ш. Ленинград бо рақами инвентарии 1645) вомехӯрад... Пирмастӣ Саҳборо дар аввал бо ҳурмат ва эътибори амири Бухоро Абдулаҳад сазовор буданаш (ҳатто дар таги қаноти ӯ ба баъзе мансабҳо расиданаш, Абдулаҳад иқтидори шоирӣ, донишмандӣ, барин фазилатҳояшро қадр карданаш)-ро таъкид менамояд. Муаллифи тазкира дар баробари тавсифи ахлоқи Саҳбо дар бораи ҳунари шоирии вай чунин ҳикоя мекунад: «Ӯ ниҳоят шахси мард аст ва беҳад хушмуомила, олиҳиммат, марҳаматаш баланд, парҳезкор, бениҳоят бардам, боақл, дар шеършиносӣ ва байтшиносӣ беҳамто, табиаташ нозук, зеҳнаш тез, шеърҳояш бениҳоят зебо, фасоҳати суханаш баланд, девонаш дар ғазалиёт мукаммал ва ҳамаи асарҳои ӯ ба омма мақбул ва манзур аст. Дар ғазалгӯӣ чунон ба мартабаи баланд расидааст, ки дар таъбир ва таҳрир он бениҳоят нозук, ранг ба ранг ҷилва мекунад. Мазмуни ғазалҳои тоҷикӣ ва туркии ӯ хуб ва бо қофияҳои марғуб сохта шудааст ва ин абётро ӯ гуфта ва беҳад хуб гуфтааст:

*Гар барафтад акси рухсори нигори ман дар об,*

*Метавон кардан тамошои гулу гулшан дар об [37, с.5].*

Ҳ. Мухторова ҳамчунин меафзояд, ки дар фонди дастхатҳои шарқии Институти шарқшиносии Тошканд ба номи Абурайҳони Берунӣ бо рақами инвентарии 1943 тазкираи Мирзо Азими Сомӣ бо номи «Миръот-ул-хаёл» нигоҳ дошта мешавад, ки дар он низ дар бораи Саҳбо маълумот дода шудааст. Аз гуфтаҳои Мирзо Азими Сомӣ маълум мешавад, ки ӯ бо Саҳбо аз наздик шинос будааст, бо вай зуд-зуд мулоқот мекардааст. Ин маълумотҳо ба қайдҳои дар тазкираи Афзали Пирмастӣ зикршуда монандӣ доранд. Мирзо Азими Сомӣ афкори перомуни Саҳбо ироадоштаашро бо шеър баён намудааст. Аз ҷумла, ӯ шоирро ба ин тарз тавсиф мекунад:

*Узуббатбаёну малоҳатнишон,*

*Ҳақиқатсиришту муассирбаён.*

*Зи номаш, ки иди балоғат бувад,*

*Ҳайит туқсабо-бий мансаб бувад.*

*Варо ғайр аз ин аст ашъори нек,*

*Накардам рақам баҳри татвил лек.*

*Зи осори фазлу ҳунар он ҷаноб*

*Нахӯрда ба мирзои дил як дам об.*

*Гаҳе шодмон аст, гоҳе ба ғам,*

*Бувад ҳоли ӯ зулфосо баҳам.*

*Ниҳоли фазилат надорад самар,*

*Ба ғайр аз ғаму ғуссаву дарди сар» [37, с.5].*

Ҳ. Мухторова, ҳамчунин, аз тазкираи ба забони узбекӣ таснифшудаи Қорӣ Фатҳуллоҳи Бухорӣ бо номи «Жоду тили шоирлар ижоди» («Эҷоди шоирони ҷодузабон») ёдовар шуда, дар бораи Саҳбо ва маҳсули қалами ӯ чунин меорад: «Саҳбо ин тахаллуси Мирзо Ҳайитбек-бий, ҷаноби миршаб мебошад, ки ӯ зеби салтанати амир, зеби нақши гилеми бузурги давлат ва вилоятҳост, ҷодаи мусиқии заковати шоир баъзан дилҳои пур аз муҳаббатро

мисли парасту, ки бо нақароту зебоӣ аксаран ҳамсони суруду оҳангҳои инсон аст, тасхир месозад. Ӯ баъзан бо шеърҳои оличанобӣ худ, ки ба тарзи мактуб навишта шудааст, ба байни хайрхоҳони худ даромада меояд. Ҳаминро бояд ба назар гирифт, ки хотираи мусаффои ӯ доимо паҳну пурвусъат аст, донистани бисёр забонҳо ба ӯ хос аст. Рӯйи тоза, нурафшони ӯ ба хуб донистани забони Қуръон далолат мекард, ширинсуханин ӯро нишон медод. Кулбаи тасаввури бойи ӯро асарҳои туркӣ ва форсии ӯ равшан мекард. Қувваи доноии ӯро қасидаҳо, ғазалҳо, тахмисҳо, таҷнисҳои навиштаи ӯ нишон дода меистод» [37, с.8-9].

Бояд гуфт, ки дар маҷмуаи Саҳбо аз ашъори ба забони узбекӣ сурудаи шоир 12 ғазал, 34 мухаммас, аз ҷумла 6 мухаммас бар ғазалҳои Алишер Навоӣ, як мухаммас бар ғазали Абдурраҳмони Ҷомӣ, як мухаммас-мувашшаҳ ва як мусаддас ҷой дода шудааст. Ҳамчунин, ба маҷмуаи мазкур аз ашъори тоҷикии Саҳбо 36 адад анвои гуногуни шеърӣ, аз ҷумла 26 адад ғазал, 9 адад мухаммас ва 1 мусаддас дохил карда шудаанд. Хусусияти маҷмуаи мазкур чунин аст, ки дар як саҳифа намунаҳои ашъор ба забони тоҷикӣ ва дар саҳифаи муқобилаш тарҷумаи насрии он бо забони узбекӣ оварда шудаанд. Лозим ба таъкид аст, ки қисмати ашъори тоҷикии Саҳбо аз ҷониби мураттиб беҳад ғалатхонӣ шудааст ва муҳаррири масъул ҳам дар ин масъала беэътиноӣ зоҳир намудааст. Баъзан ба ҷойи содагӣ – судагӣ, сарвақт – сирвақт (141), коло – коре, Лайлинасаб – Лайли насб (147), оҳи – ойи, шарифи ту – шарифаш ту (155), ифшо – ихфо (157), андуҳу ғам – андуҳи ғам, пас – бас, ҳаргиз – ҳаргаз (161), гудозад – гузорад, рутбае –рутбаи, нолаю фарёди ӯ – нолаи фарёди ӯ (168), бадруллиқо – бадрулаҷо (173) ва монанди ин омада, мазмуни матнро коста гардонидааст. Дар саҳифаҳои китоб ба «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», аз ҷумла ҳуруфоти хосси забони тоҷикӣ, навишти калимаҳои мураккаб, навишти ӯ ва у, и ва й, ҷ ва ж низ беэътиноӣ зоҳир шудааст [37, с. 100; 2, 104, 106, 110, 112, 114, 116, 118, 120]. Бо вуҷуди ин китоби мазкур зиёда аз 27 сол аст, ки яке аз сарчашмаҳои муҳим дар

шинохти Саҳбо ва осори мондагори ӯ маҳсуб мегардид ва халои фарҳангии ҷомеаро пур менамуд.

Хушбахтона, ин фазои холигӣ дар Тоҷикистон бо кӯшиши аҳли илми кишвар пур карда шуд. Бо эҳтимоми профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Ҳасани Муродиён, таҳти назари Муҳаммадалии Аҷамӣ баргузидааи девони Мирзо Ҳайити Саҳбо таҳти унвони «Соғари Саҳбо» [36, с.416] ба зевари табъ ороста гардид. Агар ба суханони профессор Матлубаи Мирзоюнус гӯем, «...ба табъ расидани девони Саҳбо воқеан армуғоне буд, ки солиёни зиёд интизораш будем» [100, с.77-80].

Ҳасани Муродиён дар пешгуфтори «Соғари Саҳбо» маълумоти Ҳалима Мухтороваро, ки соли 1991 гуфта буд, чунин такрор менамояд: «Девон (-и Саҳбо, Ш.Ё.) бо хатти нимшикастаи настаълиқ китобат шуда, аз 263 саҳифа фароҳам омадааст ва дар он зиёда аз 550 адад ғазал, қасида, мухаммас, мусаддас, қитъа ва фардиёти шоир ҷамъ оварда шудааст, ки 61 адади он (27 ғазалу 34 мухаммасу мусаддас) бо забони узбекӣ эҷод шудааст. Ҳамагӣ девон дорои 12900 мисраъ шеър мебошад» [36, с.15].

Аз гуфтаи боло теъдоди ғазал ва дигар анвои шеърӣ (ба ҷуз шеърҳои ба забони узбекӣ гуфташуда)-и шоир маълум намегардад, вале як чиз аниқ мегардад, ки девони шоир аз 263 саҳифа иборат буда, миқдори шеърҳо 550 адад ва теъдоди онҳо 12900 мисраъ (6450 байт)-ро ташкил медодаанд. Тибқи ҳисобу китоби мо дар ҷилди якуми девони шоир, ки он бо номи «Соғари Саҳбо» интишор гардидааст, 176 ғазал (164 ғазали тоҷикӣ ва 12 ғазали узбекӣ), 26 қасида (тоҷикӣ), 111 мухаммас (73 мухаммаси тоҷикӣ, 38 мухаммаси узбекӣ), 4 мусаддас (3-то тоҷикӣ ва 1-то узбекӣ), 6 қитъа ва 6 фард бо забони тоҷикӣ фароҳам омадаанд. Ғайр аз ин, мо аз рӯи нусхаи девони Саҳбо, ки таҳти рақами 1982 маҳфуз аст, боз 12 ғазал ва як ғазали шоирро аз маҷаллаи «Садои Шарқ» (№2, 1975) низ мавриди истифода қарор додем. Агар ба шумораи умумии ғазалҳои бо хатти кириллӣ интишоргардида (тоҷикию узбекӣ, 176-то) боз 13 ғазали дигарро илова намоем, 189 ғазал

мешавад. Аз таҳқиқи ғазалҳои шоир ошкор гардид, ки ду ғазали шоир дар девон такроран омадаанд ва агар онҳоро аз шумораи умумии ғазалҳо тарҳ намоем, пас 187 ғазал боқӣ мемонад.

Ҳасани Муродиён теъдоди мухаммасу мусаддасҳои ба забони узбекӣ сурудаи шоирро 34-то донистааст, вале пас аз таҳқиқ маълум гардид, ки дар китоби мазкур 38 мухаммас ва 1 мусаддас ба забони узбекӣ оварда шудааст.

Аз девони Саҳбо мушоҳида мешавад, ки ӯ воқеан соҳиби табъи равону мавзун ва илҳому завқи саршор буда, дар сурудани анвои гуногуни шеъри ғиноӣ истеъдоди баланд доштааст. Мураттиб девони ашъори Саҳборо аз рӯи нусхаи ягонаи Фонди дастнависҳои ба номи Ҳамиди Сулаймон дар Пажӯҳишгоҳи Шарқшуносии АИ Ӯзбекистон., ки таҳти рақами 1982 маҳфуз аст, аз хатти арабиасоси форсӣ ба ҳуруфоти имрӯзаи кириллиасоси тоҷикӣ баргардон намудааст. Тибқи андешаи Ҳасани Муродиён, девонро худи шоир китобат кардааст ва дар саҳифаҳои 1-5 муҳри шахсии мавсуф гузошта шуда, дар муҳр «Мирзо Саҳбо, 1328» (1910 мелодӣ) навишта шудааст. Он бо хатти нимшикастаи настаълиқ китобат шуда, аз 263 саҳифа фароҳам омадааст. Бояд гуфт, ки саҳифаҳои 90 то 99-уми девон, дар маҷмуъ 10 саҳифа холист. Эҳтимол баъдан шоир онро пур карданӣ будааст. Гоҳо баъзе ғазалҳоро оғозаш ҳасту анҷомаш афтодааст. Ашъори шоир дар девон бо тартиби алифбои арабӣ ҷобаҷо шудааст.

Аз мутолиаи девон маълум мешавад, ки шоир баъдан бо ранги фарқкунанда ба девон ислоҳу таҳрирҳо низ ворид намудааст, баъзе абёташро сайқал додааст. Ҳатто дар ҳошияи саҳифаҳо вижагиҳои баъзе авзони арӯзро низ бо ранги сиёҳи баланд нишон додааст.

Қайди ин нукта зарур аст, ки дар оғози девонаш Саҳбо як ғазал ва як байти Бедилро ба ҳайси эпиграф меорад, ки ин аз таваҷҷуҳи вай нисбат ба эҷодиёти Абулмаонӣ далолат менамояд. Матлаи ғазал ва байти Бедил чунинанд:

*Фитрати аҳли хирад гӯё баҳори раҳмат аст,*

*Маънии рангин, бубин, аз баргу бори раҳмат аст [35, с.22].*

Ва:

*Мижгон ба ҳам овардаму рафтам ба хаёлат,*

*Парҳези тамошо ба чӣ найранг шикастам [35, с.22].*

Аммо абёти охир ва мақтаи ғазал дарҷ нагаштаанд ва Ҳасани Муродиён дар девони мураттабнамудаи худ дар поёни ғазал дар дохили қавс қайд намуда, ки «идомааш зудуда шудааст».

Лозим ба ёдоварист, ки баъд аз нашри девони ашъори Саҳбо адабиётшиносон Матлубаи Мирзоюнус бо номи «Девони Саҳбо – армуғони арзишманд» [100], Раҷабалии Худоёрзода тахти унвони «Даре ба олами Саҳбо» [147] тақриз навишта, ҳусну қубҳи девонро баррасӣ намудаанд.

Матлубаи Мирзоюнус изҳор менамояд, ки «Девон»-и Мирзо Ҳайити Саҳбо дар маҷмуъ хеле хонданӣ буда, бо камоли диққат баргардон ва мураттаб шудааст..., ки аз заҳмати зиёди дастандаркорони он дарак медиҳад. Дуруст хондани матн ва риояи мантиқ, таносуби маъниҳо дар абёт аз фазилатҳои ин девон аст, аммо чун бори аввал дар Тоҷикистон ба табъ мерасад, табиист, ки баъзе ғалатҳо ба он роҳ ёфтааст. Як сабаби дигар шояд он нукта ҳам бошад, ки танҳо як нусхаи девон дар ихтиёр буда, имкони муқоисаву муқобала ва интихоби нусхаи дуруст мавҷуд набудааст. Бинобар ин, баъзе байтҳо аз нигоҳи мантиқ нодуруст ба назар мерасанд» [100, с.79].

Мунаққид Раҷабалӣ Худоёрзода низ доир ба муваффақиятҳои девони Саҳбо чунин қайд намудааст: «Ҳасани Муродиён заҳмати фаровон кашида, девони ашъори як шоири камтадқиқшудаи адабиёти гузаштаи форсу тоҷикро аз хатти форсӣ ба хатти имрӯзаи тоҷикӣ баргардон карда, пешкаши ҳаводорони каломи бадеъ гардонидааст. Мураттиб дар оғози китоб дар ҳудуди 20 саҳифа бо номи «Пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯӣ» пешгуфтор навишта, аз корҳои то имрӯз оид ба шоир Саҳбо анҷомдодаи донишмандон ва муҳаққиқони тоҷик ёдовар шуда, зимнан андешаҳои мантиқии худро низ баён намудааст... Пешгуфтори ба китоб навиштаи ӯ ҷанбаи илмиаш қавӣ буда, ба ин восита ӯ роҳи тадқиқро роҷеъ ба рӯзгору осори шоир барои муҳаққиқони оянда ҳамвор намудааст. Пайдо

кардани маълумот ва тадқиқ намудани рӯзгору осори Мирзо Ҳайити Саҳбо (1846-1918) барои пажӯҳишгари тоҷик кори содаву осон нест, зеро баъзе тадқиқотчиён то ҳанӯз девони ӯро нопайдо меҳисобиданд. Ҳасани Муродиён кори хайреро анҷом дода, Девони Саҳборо пас аз гузаштани як аср аз рӯзи таваллуди шоир аз хатти арабӣ бо ҳарфи имрӯзаи тоҷикӣ баргардон ва мунташир сохт ва бо ин кори худ дар адабиётшиносии тоҷик саҳми бузурге гузошт» [147, с.14].

Баъдан мунаққиди мазкур дар баробари муваффақиятҳои китоб, ҳамчунин нуқсонҳои дар он роҳёфтаро низ нишон медиҳад. Чунончи, ӯ байтҳои нуқсондори ғазалеро аз саҳифаи 32-и китоб намуна оварда, чунин мегӯяд: «Таҳиягар дар байтҳои зерин аз сабаби нодурустхонӣ калимаҳои «оташгун» ва «лоим»-ро аз ҳарфи арабӣ ба кириллӣ дар шакли ғалати «оташкавн» ва «лавло» баргардон карда, маъниро табоҳ намудааст:

*Барорӣ аз ҳаё обу арақ аз рӯйи оташ кавн (?),*

*Бубин, эй пир, аз он тифл подоши кароматро.*

*Агар бинӣ ту, эй лавло (?), ҷамоли оламорояш,*

*Диҳӣ инсоф, созӣ тарк ойини маломатро [147, с.14].*

Ҳангоми муқоисаи абёти боло бо нусхаи аслии девон (№1982) маълум гардид, ки эроди ба байти якум гирифтаи мунаққид барҳақ буда, дар байти дуюм калимаи «лавло» мебоист «лоим» хонда мешуд, зеро вожаи «лавло» маънии мушаххасе намедиҳад:

*Агар бинӣ ту, эй лоим, ҷамоли оламорояш,*

*Диҳӣ инсоф, созӣ тарк ойини маломатро [35, вар.4а].*

Вожаи «лоим» дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «Лоим – сарзанишкунанда, маломаткунанда, накуҳишкунанда» [181, с.603].

Дар иртибот ба ин муаллифи мақолаи «Саҳбо» дар Энсиклопедияи советии тоҷик С. Алиев ёдрас шудааст, ки «Саҳбо шоири лирик буда, ғазалҳову мухаммасҳояш бо эҳсоси баланд суруда шудаанд. Якчанд ғазали Саҳбо ба репертуари ҳофизон дохил гардидааст. Ғазали машҳури «Гуфт: ба

мо чӣ…» ҳоло ҳам аз тарафи ҳофизони касбии тоҷик суруда мешавад» [191, с.6].

Дар ҳақиқат, овозхонҳои номвари тоҷик Боймуҳаммад Ниёз, Одина Ҳошим,Ҷӯрабек Набиев, Давлатманд Хол ва дигарон ба ашъори Саҳбо оҳанг бастаанд, ки онҳо хеле марғуб садо медиҳанд.

## Хулосаи боби аввал

Дар **хулосаи боб** метавон қайд кард, ки замони зиндагии Мирзо Ҳайити Саҳбо, ки ба охири асри XIX ва ибтидои асри XX рост меояд, яке аз давраҳои нооромӣ ҳаёти мардуми Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Саҳбо дар муҳите зиндагӣ кардааст, ки бар асари ба Русия ҳамроҳ кардани Осиёи Миёна (1868) дар ҳаёти иқтисодию хоҷагӣ ва фарҳангию адабии минтақа дигаргунӣ ва таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуҷуд омада, вуруди ҷадидону навхоҳон ё ҷавонбухориёни ислоҳотгаро ба арсаи сиёсати давр дар дигаргунии ҳаёти сиёсию ҷамъиятии ҳудуди аморати Бухоро нақши қобили таваҷҷуҳеро бар ҷой гузошт. Мирзо Ҳайити Саҳбо низ бо ҷадидия аҳди ҳамраъйӣ баста буд. Аксарияти муҳаққиқони адабиёти ин давра афкори адабӣ, мавқеъ ва ақидаҳои ҷамъиятии адибонро ба се равияи адабӣ ҷудо кардаанд: маорифпарварӣ, ҷадидӣ ва мактаби пайравони Бедил. Дар шеър асосан мактаби пайравони Бедил ривоҷ дошт ва шеъри Саҳбо низ майл ба равияи анъанавию бедилӣ дорад.

Мирзо Ҳайти Саҳбо соли 1848 дар тумани Комоти Бухоро таваллуд шуда, соли 1918 дар Қубодиён бо баҳонаи пайравӣ ба равияи ҷадидия бо амри Бухоро амир Олимхон аз тариқи сангсор кардан ба қатл расонида мешавад.

Саҳбо соҳибдевон буда, нусхаи ягонаи девони шоир таҳти рақами шартии 1982 Фонди дастнависҳои ба номи Ҳамиди Сулаймон дар Пажӯҳишгоҳи Шарқшуносии АИ Ӯзбекистон. маҳфуз аст. Ин девон аз он ҷиҳат муҳим ва арзишманд аст, ки дар саҳифаҳои 1–5-уми он муҳри шахсии

Саҳбо гузошта шудааст. Девони мазкур фарогири 263 саҳифа буда, бо хатти нимшикастаи настаълиқ китобат шудааст ва дар он 550 шеъри гуногунжанри шоир, аз қабили: ғазал, қасида, мухаммас, мусаддас, қитъа ва фардиёт гирдоварӣ шудаанд, ки дар маҷмуъ 6450 байт ё 12900 мисраъро фаро мегиранд. Аз инҳо 489 адад ашъори тоҷикӣ ва ҳамагӣ 61-тои он ашъори узбекӣ мебошанд.

Бо ин ки девони Саҳбо дар даврони муосир нахустин бор аз ҷониби муҳаққиқи узбекистонӣ Ҳалима Мухторова соли 1991 зери унвони «Саҳбо» (Танланган шеърлар) (1991) ба табъ мерасад ва ин чоп то андозае халои саҳбошиносиро пурра мегардонад, бояд қайд кард, ки девони таҳиянамудаи муҳаққиқи мазкур, ҳарчанд дар асоси нусхаи шартии №1982-и узбекистонӣ сурат мегирад, аммо нокомил буда, ҳамагӣ 1101 байт аз ашъори  Саҳборо дар бар мегирад, он ҳам 38 ғазал (26-то тоҷикӣ, 12-то узбекӣ - 334 байт), 46 мухаммас (9-то тоҷикӣ, 37-то узбекӣ - 740 байт) ва ду мусаддас (1-то тоҷикӣ, 1-то узбекӣ - 27 байт), ки ин барои муайян кардани теъдоди ашъори Саҳбо, анвои шеърӣ ва хусусиятҳои онҳо мушкилиро ба бор меорад.

Дар Тоҷикистон девони Саҳбо нахустин бор соли 2018 бо кӯшиши профессор Ҳасани Муродиён дар нашриёти «Адиб»-и Душанбе зери унвони «Соғари Саҳбо» ба табъ мерасад. Девони  мазкур иборат аз 416 саҳифа буда, дар шакли муосири чоп имрӯз мукаммалтарин маҷмуаи ашъори Саҳбо ба шумор меравад. Он дар асоси нусхаи асили девони шоир, яъне нусхаи узбекистонии зери шумораи шартии №1982 ба табъ расидааст.

## БОБИ II. МУШАХХАСОТИ АНВОИ ШЕЪРИ САҲБО

### 2.1. Мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои жанрии ғазалиёти Саҳбо

Мирзо Ҳайити Саҳбо чун ағлаби шоирони адабиёти классикии тоҷику форс идомадиҳандаи анъанаҳои гузаштагон мебошад. Тавре ки аз осори бамеросмондааш маълум мегардад, ӯ шеърҳои худро дар жанрҳои ғазал, қасида, мухаммас, мусаддас, қитъа ва фард эҷод кардааст. Муаллифони сарчашмаҳо ва ё муҳаққиқону адабиётшиносон аз рубоӣ сурудани Саҳбо лаб накушодаанд ва ҳамчунин, дар девони банашррасидаи худи шоир низ рубоӣ мавҷуд нест.

Жанри ғазал дар эҷодиёти Саҳбо ҳам аз нигоҳи теъдод ва ҳам аз нигоҳи басомади абёт бар кулли дигар жанрҳои шеърияш бартарӣ доранд. Ғазалиёти шоир дар маҷмуъ аз 191 адад иборат буда, 1631 байтро дар бар мегиранд, ки анқариб нисфи девони шоирро ташкил медиҳанд; дар сурате ки мухаммасоти вай 111 адад ва 822 байт, қасоиди ӯ 26 адад ва 462 байтро дар бар гирифта ва дигар анвои шеърияш, амсоли мусаддас (4 адад ва 151 байт), қитъа (6 адад ва 27 байт) ва фард (6 адад ва 6 байт) аз нигоҳи басомаду теъдод басо ночиз мебошанд. Чунонки дида мешавад, қисми зиёди осори Саҳборо ғазалҳои ӯ ташкил медиҳанд ва ин далолаткунандаи он аст, ки шоир нисбат ба дигар анвои шеърӣ нисбат ба жанри ғазал таваҷҷуҳи бештар доштааст. Худи Саҳбо низ ба ғазалгӯӣ бештар майл доштанашро дар байти зерин чунин таъкид намудааст:

*Баҳри тавсифи рухи меҳрфиребаш, Саҳбо,*
*Доимо табъи ман омодаи байту ғазал аст [36, с.52].*

Таърифи ғазалро назарияшиносони гузаштаи тоҷику форс дар осори таҳқиқии зиёде зикр намудаанд. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ ҳам дар «Бадоеъ-ус-саноеъ» ғазалро ба маънои луғавӣ ва ҳам ба маънои истилоҳияш баён месозад: «Ба забони суханшиносон ғазал назмеро гӯянд, ки муштамил бар васфи шаклу шамоили маҳбуб ва шарҳи шикояту ҳикояти ҳоли муҳиб

бошад ва ба наъти ҳусну ҷамол ва сифату зулфу хол ва баёни ҳаҷру висол ороста бувад. Ва саломати алфоз ва узубати маонӣ аз хасоиси ӯст ва тарсеи матлаъ аз лавозими ӯ ва аз муморисату истиқрои каломи арбоби фасоҳат мафҳум мешавад, ки камтари адади абёти ғазал панҷ аст ва аксари он понздаҳ ва он чи миёни ину он бувад, ансаби он аст» [46, с.628].

Агар ба ғазалҳои Мирзо Ҳайити Саҳбо тибқи таърифи донишманди мазкур назар намоем, онҳо пурра ба гуфтаҳои эшон мутобиқат мекунанд. Дар девони ашъори Саҳбо, ки ҷилди якуми он бо номи «Соғари Саҳбо» интишор гардидааст, қариб тамоми ғазалҳо дар шакли суннатӣ-анъанавӣ суруда шудаанд ва аз нигоҳи теъдоди абёт ба таърифи ин жанри шеърӣ пурра мувофиқат мекунанд. Теъдоди абёти ғазалҳои шоирро, ки дар «Соғари Саҳбо» ва дигар кутубу маҷаллаҳо мунташир шудаанд, дар ҷадвали зерин нишон медиҳем:

| Р/т | Теъдоди ғазалҳо | Теъдоди абёти ғазалҳо | Фоиз | Ҷамъи абёт |
|---|---|---|---|---|
| 1. | 67 | нуҳбайтӣ | 35,0 | 603 |
| 2. | 66 | ҳафтбайтӣ | 34,5 | 462 |
| 3. | 12 | ҳаштбайтӣ | 6,4 | 96 |
| 4. | 8 | дувоздаҳбайтӣ | 4,2 | 96 |
| 5. | 8 | ёздаҳбайтӣ | 4,2 | 88 |
| 6. | 8 | даҳбайтӣ | 4,2 | 80 |
| 7. | 7 | шашбайтӣ | 3,7 | 42 |
| 8. | 3 | панҷбайтӣ | 1,6 | 15 |
| 9. | 3 | сездаҳбайтӣ | 1,6 | 39 |
| 10. | 3 | понздаҳбайтӣ | 1,6 | 45 |
| 11. | 2 | чорбайтӣ | 1,5 | 3 |
| 12. | 1 | себайтӣ | 1 | 8 |
| 13. | 1 | шонздаҳбайтӣ | 0,5 | 16 |
| 14. | 1 | ҳабдаҳбайтӣ | 0,5 | 17 |
| 15. | 1 | бистуяк байтӣ | 0,5 | 21 |
| Ҳамагӣ: | 191 | | 100 | 1631 |

Аз ҷадвали дар боло нишондодашуда маълум мегардад, ки Саҳбо дар сурудани ғазал, аслан, сираи шоирони пешинро пайравӣ карда, кӯшидааст, то дар нигоҳ бар теъдоди абёт ҳудуди аз 7 то нуҳ байтро рахна насозад. Ҳамин аст, ки аксари ғазалҳои вай иборат аз 7 ва 9 байт буда, теъдоди камтари он аз 8, 11 ва 12 байт ва шумори камтарин он аз 3, 4, 5, 6, 16, 17 ва 21 байт иборат мебошад.

Устод Садриддин Айнӣ дар таҳқиқоти оид ба ғазалҳои Мирзо Абдулқодири Бедил анҷомдодааш роҷеъ ба ҳудуди абёти ғазалҳои шоир чунин мегӯяд: «Иқтидори шеърии Бедил бисёр баланд ва табъи ӯ дар шеъргӯӣ аз ҳад зиёд равон ва дар маҳсулдеҳӣ ҳиммати ӯ олист. Агар дар ғазал ҳадди миёнаи шоирони дигар ҳафт байт ва бисёраш нуҳ байт бошад, Бедил ғазалҳои 9-байтӣ кам дорад ва бештарини ғазалҳои ӯ 15-байтӣ аст» [6, с.104].

Корбурди тахаллус дар ғазалиёти Саҳбо вижагиҳои худро доро мебошад. Тахаллус ҳамчун яке аз ҷузъҳои ғазал ба ҳисоб рафта, шоирон онро асосан дар байти мақтаи ғазалҳои хеш овардаанд. Аз мушоҳидаҳои анҷомдода маълум мегардад, ки Саҳбо дар аксар ғазалҳои худ тахаллус гузоштааст. Аз 191 ғазали мавриди таҳқиқ қарор гирифта, аниқ гардид, ки дар 177 ғазал тахаллус мавҷуд буда, фақат дар 12-тои он тахаллус ба назар намерасад. Саҳбо асосан тахаллуси худро дар байти мақтаъ ҷой додааст. Ӯ дар 165 ғазал тахаллуси худро дар байти мақтаъ оварда, фақат дар як ғазал тахаллусро дар байти сеюми пеш аз мақтаъ гузоштааст:

*Маяфкан ту аз дида, Саҳбо, худ ӯро,*
*Ки ҳарчанд нолоиқу ганда бошад.*
*Маро кард ишқи ту охир қаландар,*
*Кунун ҷома андар танам ҷанда бошад.*
*Бинозам ба чашмони сеҳрофаринат,*
*Ҳам ошиқкушу ҳам фиребанда бошад [36, с.130].*

Аз таҳқиқи 11 ғазали бетахаллуси шоир аён мегардад, ки 5 ғазал аз лиҳози кам будани абёташон (аз 3 то 6 байт) ғазалҳои нотамомро мемонанд.

Барои исботи гуфтаҳои боло дар поён яке аз ғазалҳои шоирро намуна меорем, ки аз 3 байт иборат мебошад:

*Чашмат ба фитна ҷон зи тани хаста мебарад,*

*Рухсораат тароватн гулдаста мебарад.*

*Дар доми турраат наравад дил ба ихтиёр,*

*Оинаи дили маро бишкаста мебарад.*

*Таълими ноз қадди ту бар сарв медиҳад,*

*Хатти ту зеби сабзаи навраста мебарад... [36, с.130].*

Тавре ки аз мазмуни ғазали боло маълум мегардад, он нотамом буда, аз ҷониби шоир идома дода нашудааст ва аз ҳамин сабаб тахаллус низ дар он роҳ наёфтааст. Агар шоир дар 7 ғазали худ овардани тахаллусро зарур нашуморида бошад, вале дар панҷ ғазал бо иллати нопурра буданашон тахаллус дида намешавад.

Саҳбо дар бештари ғазалҳояш тахаллуси худро ба сифати номи шоирии худ овардааст, вале баъзан ӯ тахаллусашро ба маънии луғавии он низ кор фармудааст. Дар зиёда аз бист ғазали шоир тахаллус дар маънии аслӣ кор фармуда шудааст. Аз ҷумла, дар мисоли зер ҳамин ҷиҳат мушоҳида мешавад:

*Фурсати умрро ғанимат дон,*

*Хезу пур кун ту соғари Саҳбо [36, с.25].*

Яке аз хусусиятҳои корбурди тахаллус дар мақтаи ғазалиёти Саҳбо – ин ҳамчун воситаи тафохур истифода кардани он мебошад. Аз ҷумла, дар абёти зерин ҳамин вижагӣ мушоҳида мешавад, чун шоир дар онҳо мазмуни фахриявиро ҷой додааст:

*Умрҳо шуд маҳфилорои маонӣ гаштаам,*

*Ғам махӯр, Саҳбо, ки охир чашм бар ман мекунад [36, с.66].*

Ва:

*Нест дар майхонаи ишқат сазо ҳар беҳунар,*

*Ҷӯшише пайдо кунад он кас, ки то Саҳбо шавад [36, с.67].*

Ва:

*Дар васфи рухи ту килки Саҳбо,*

*Дар сафҳаи даҳр тарҷумон шуд [36, с.94].*

Ғазалиёти Саҳбо аз нигоҳи сужет ё якдастии мавзуъ ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: ғазалҳои дорои мавзуи воҳиду ягона ё сужетдор ва ғазалҳои парокандамавзуъ ё бе сужети ягона. Девони ашъори шоир дар баробари саршори ғазалҳои бесужет будан, инчунин дар он баъзан ғазалҳои сужетдор низ ба назар мерасанд. Саҳбо ҳамчун идомадиҳандаи анъанаи гузаштагон ғазалҳои худро асосан бесужет эҷод кардааст, вале баъзан ин анъанаро риоя накарда, ғазалҳои сужетдор ҳам гуфтааст. Дар миёни ғазалҳои Саҳбо баъзан ба ғазалҳое дучор мешавем, ки сужети муайян доранд, ки теъдоди онҳо дар дохили девони шоир хеле каманд. Қайди ин нукта зарур аст, ки ягонагии сужет ё ваҳдати мавзуъ дар ғазалиёти ишқии шоир, яъне ғазалҳое, ки сирф ба мавзуи ишқ ва тасвири ҳолоти ботинии шоир бахшида шуда, дар онҳо дигар мавзуъҳо, масалан панду ҳикмат, шикоят аз авзои замона ва амсоли инҳо ба назар намерасанд, бештар мушоҳида мешаванд. Бо вуҷуди тавотури мазомини ишқӣ ё гуногунии тасвири ишқ ва ҳолоти ботинӣ, маҳз тавассути ғазалҳои дар мавзуи ишқ сурудашуда дар матни ғазалиёти Саҳбо ваҳдати мавзуъ таъмин гашта, бад-ин тариқ маҷмуае аз як мавзуи воҳид ба вуҷуд оварда мешавад. Дар чунин ғазалҳо ваҳдату ягонагии мавзуъ пурра таъмин гашта, андешаи шоир танҳо гирди як мавзуи умумӣ, ки дар аксари маворид иборат аз тасвири ҳолоти ишқӣ мебошад, мутамарказ мешавад. Чунончи, дар ғазали зерин, ки мавзуи он ишқу муҳаббат аст, ҳамин хусусияти мавзуӣ мушоҳида мешавад:

*Ҳон, аз лаби шакарин бихандо,*
*Кун форiғам аз ҳадиси қандо.*
*Себи зақанат надод қандам,*
*Сарват чӣ бало бувад баландо.*
*Мискин дилу ҷони хастаи ман*
*Дар ҳалқаи турраат ба бандо.*
*Нақди дилу ҷон ба бӯсае гир,*
*Бигзар зи ҳадиси чуну чандо.*

*Мо боз ҳаёти тоза ёбем,*
*Ронӣ чу ба хоки мо самандо.*
*То кай зи висол бенасибӣ,*
*То чанд зи ишқ ин газандо.*
*Афсӯс, ки сӯхт ҷони Саҳбо,*
*Дар миҷмари ишқ чун сипандо [35, с. 34].*

Ҷалолуддини Ҳумоӣ гуфтааст, ки «ғазали хуб он аст, ки аз ибтидо то интиҳо дар як мавзуе воҳид, вале бо рангомезии гуногун сохта шавад» [161, с.5]. Ҳамин нукта дар мавриди ғазали боло низ собит мешавад. Чунонки дида мешавад, шоир дар байтҳои ғазал агарчи бар ҳолоти гуногуни ботинии ошиқ муроҷиат кардааст ва дар он мазомини шикоятӣ низ мушоҳида мешаванд, аммо дар умум, ҳамаи он вобастаи мавзуи воҳид - ишқ мебошанд ва шикваю шикоёти шоир танҳо хусусияти қалбӣ дошта, марбут бар ишқу муҳаббатанд, на шикоят аз авзои замон.

Дар миёни ғазалҳои шоир баъзан ғазалҳое ба назар мерасанд, ки дар онҳо мавзуъҳои гуногун пароканда ва бо ҳам дар шакли махлут омадаанд. Агар якчанд байти чунин ғазалҳо баёнгари зебоии маъшуқа бошанд, байтҳои дигари он мавзуъҳои ҳамла бар зуҳҳод, панду андарз, тавсифи маю майгусорӣ, хушгузаронии умр, бевафо ва даргузар будани дунёи дун ва ғайраро низ дар бар гирифтаанд. Ин ҷо гуфтаҳои Абдулғанӣ Мирзоев низ пеши назар меояд, ки дар иртибот бар гуногунии мавзуи ғазал иброз доштааст: «Дар ғазал одатан дар баробари маонии ишқу ошиқӣ – васфи зебоии маҳбуб, тавсифи рафтору кирдори ӯ, нолиш аз дарду ғам, сӯзу гудоз, оҳу нолаи ишқ, шикоят аз рақиб, тақдир, тасвири манзараҳои табиат, васфи май, қадаҳ, сабуҳӣ, тасвири ҳоли гӯянда ва амсоли инҳо агар, аз як тараф, акс ёбад, аз тарафи дигар, масъалаҳои ахлоқ, фалсафа, тасаввуф, панду мавъизат, шикояту бадбин будан аз муҳити мавҷуда ва ҳатто сиёсат аз мулоҳизоти ғазалсароён низ дар канор намондааст» [98, с.19].

Тавре ки аз гуфтаи А. Мирзоев бармеояд, ғазал метавонад мавзуъҳои гуногунро дар бар гирад ва чунин рангорангии мавзуъҳоро мо дар ғазалҳои

Мирзо Ҳайити Саҳбо низ дида метавонем. Ғазалҳои Саҳбо бар замми дарбаргирии мавзуъҳои анъанавии ишқ ва воридоти он, ҳамчунин мавзуъҳои тавсифи хӯрокиҳо, сиёсат, бадбинӣ нисбат ба ҳокимони замон, пазмонӣ ба дидори ёру дӯстон, бемеҳрии рафиқону дӯстон ва ғайраро низ фаро гирифтаанд. Чунончи, дар ғазали зерини Саҳбо ҳамин талаввун ё гуногунии мавзуъ мушоҳида мешавад:

*Ба он сарви сиҳӣ гуфтам: ба ман бинмой қоматро,*
*Чаро гуфто, ки барпо мекунӣ шӯри қиёматро?*
*Мазан бар рағми риндон, эй муаззин, наъраи қомат,*
*Биё дар маҷлиси риндон, бубин ин қадду қоматро...*
*Ҳазар кун, эй рақиб, аз тири оҳам, хез аз кӯяш,*
*Мадеҳ беҳуда аз каф домани амну саломатро.*
*Кунӣ дар пойи он бут саҷда, худро боз нашносӣ,*
*Ту, эй зоҳид, бубинӣ он шукӯҳу он шаҳоматро.*
*Агар ворастагӣ хоҳӣ зи ранҷу кулфати даврон,*
*Мадеҳ зинҳор, эй Саҳбо, зи каф ҷоми давоматро [36, с.32].*

Чунонки дида мешавад, дар ғазали боло дар байти 1-ум мавзуи сарви сиҳӣ (маъшуқа) ва муколамаи шоир бо ӯ, дар байти 2-юм муқобилагузории ринду муаззин (танқиди муаззин ва таърифи ринд), дар байти 3-юм мавзуи рақиб, дар байти 4-ум руҷуи фалсафии шоир дар иртибот бо зоҳид, дар байти мақтаъ панду ҳикмати фалсафигунаи шоир дар омезиш бо шиква аз даврон матраҳ гардидаанд.

Дар иртибот бар мавзуоти ғазалҳои Саҳбо қайд кардан бамаврид аст, аксарияти ғазалҳои шоир дар мавзуъҳои анъанавии адабиёт суруда шудаанд. Чунончи, аз 191 ғазали шоир 5-то шиквоӣ, 2-то пандуандарзӣ, 1-то баҳория, 1-то идона ва инчунин чанд ғазали риндона мавҷуданд, ки дар мавзуи май омехта бо ишқ суруда шудаанд. Бар замми ин, дар девони ашъори шоир инчунин ба ғазалҳое рӯбарӯ мешавем, ки дар мавзуъҳои дигар низ таълиф гардидаанд. Чунончи, аз зумраи ин ғазалҳо яке ғазали атъима (васфи

хӯрокворихо) ва 2-тои дигар ғазалҳои маснӯӣ мебошанд, ки шоир онҳоро барои нишон додани маҳорати шоирии худ эҷод намудааст.

Мавзуи ишқу муҳаббат аз асоситарин мавзуоти ғазалиёти Мирзо Ҳайити Саҳбо маҳсуб мешавад, он қариб 90 фоизи ғазалҳои шоирро дар бар мегирад, дар ҳолате ки кулли мавзуоти боқимонда дар якҷоягӣ 10 фоизи ғазалиёти ӯро фаро мегиранд.

Ғазалҳои дар мавзуи ишқ навиштаи Саҳбо ҳолатҳои гуногуни шахси ошиқро, ки худи шоир аст, инъикос намудаанд. Ғазалҳои ошиқонаи шоир дар назари хонанда аввал якрангу якмаром менамоянд, вале агар онҳоро аз лиҳози мазмуну муҳтаво таҳқиқ намоем, маълум мегардад, ки ғазалҳои ошиқонаи шоир баёнгари зебоии ишқ, ҳолати зори ошиқ, васфи чашми масти маъшуқ, интизории ошиқ дар роҳи омадани маъшуқ, тавсифи ҳусну зебоии ёр, ҳамла бар рақиб, панду ҳикмат, шиква аз беилтифотии ёр, дарду сӯзи ҳиҷрон, васфи кокулу абруи маъшуқа ва ғайра мебошанд.

Саҳбо дар ғазалиёти лирикии худ, асосан, ба тасвири ҳолоти ботинии хеш ба ҳайси шахси ошиқ дахл карда, зимнан ғазалҳои ҷудогонаеро ба тавсифи зебоиҳои маъшуқа, аз ҷумла кокул, лаб, абрӯи вай бахшидааст. Ин аз муносибати шоир ба ишқи воқеӣ гувоҳӣ дода, нишон медиҳад, ки ӯ зери таъсири воқеият қарор гирифтааст.

Чунончи:

*Мечакад оби ҳаёт аз лаъли ширинат мудом,*
*Медамад сунбул дамодам аз баҳори кокулат [1, с.49].*

Ва:

*Метапад ҷони ман аз бими камони абруят,*
*З-он ки бар дил мерасад ҳар дам синони абруят [1, с.50].*

Атахон Сайфуллоев лирикаро «ифодаи афкор ва эҳсосоти шоир» қаламдод карда, асоси асарҳои лирикиро «ҳақиқати ҳаёт ва руҳи замон» ва дигар падидаҳои алоқаманд бо ҳаёти иҷтимоиву моддии инсонҳо шумурдааст, ки қобили таваҷҷуҳ аст [127, с.120].

Образи маъшуқа дар ғазалиёти Саҳбо бештар алоқаманд бо маъшуқи табиӣ, яъне инсон мебошад. Масалан, дар калимаю ибораҳо ва таркибҳое, амсоли: «абрукамон», «айёр», «бадхӯ», «бебок», «бевафо», «бедодгар», «бутъузор», «гулъузор», «дилдор», «золим», «маҳ», «маҳваш», «маҳрӯ», «номеҳрубон», «сарфароз», «ситамгар», «тундхӯй», «ҷон», «ҷонон», «шӯх», «шӯхлаб», «бути бемеҳр», «бути бераҳм», «бути ваҳшитабиат», «бути дилҷӯ», «бути зебо», «бути кофиркеш», «бути маст», «бути наврас», «бути ноошно», «бути ҳурлиқо», «бути Чин», «бути ширинлиқо», «дарди шаби тор», «луълуи дандон», «маҳваши сангиндили бераҳм», «моҳваши шӯхи дилоро», «моҳи сипеҳри дилбарӣ», «моҳи ҷаҳонгард», «сармасти ноз», «сарви равон», «сарви сиҳиқомат», «сарви хушрафтор», «сарви оташинрухсор», «ҳури фалаксимо», «чашми хунрез», «ҷаврпешаи давр», «шӯхи дилозор», то чи дараҷа воқеӣ будани образи маъшуқа мушоҳида мешавад. Маъшуқа бо вуҷуди хислатҳои бевафоиву бераҳмӣ ва золимиву кофиркешӣ доштанаш, дар чашми қаҳрамони лирикии шоир ҳамоно дӯстдору маҳбубу азиз боқӣ мемонад. Чунончи, дар абёти зерин ҳамин вижагиҳои сифатии маъшуқа мушоҳида мешаванд, зеро дар байти аввал вай ҳамчун номеҳрубон ва дар байти дуюм ҳамчун бути ширинлиқо тасвир ёфтааст:

*Он чи бар ҷони ман аз тири нигоҳат рафтааст,*

*Як дар, эй номеҳрубон, кун он ҳама бедод ёд [36, с.76].*

Ва:

*Ба чарх ояд гар аз шӯхӣ бути ширинлиқои ман,*

*Дар атрофаш чу дилҳо чини домон мекунад бозӣ [36, с.162].*

Бинобар ин, қаҳрамони лирикии ғазалҳои шоир дар аксари мавридҳо шахсест, ки муҳаббати ӯ ҷанбаи воқеӣ дорад, аз дарди ишқи воқеии инсонӣ ранҷ мекашад, ба зулму бераҳмӣ ва беилтифотиҳои маъшуқа - дар симои зан сабру шикебоӣ пеша мекунад ва дар роҳи ошиқӣ маҳрумиятҳои зиёдеро аз сар мегузаронад. Ин қаҳрамон худи шоир аст, бинобар ин, дар матни ғазалҳояш шоир ҳамчун шахси ошиқ бо сифатҳое, амсоли: «бемор», «сӯхта»-

ву «озор»-дида, «хуни дил»-хӯрдаву доим бо «дидаи тар», мубталои «ғаму андуҳу ситам», кашандаи «бори ҷафо», ҳамеша «ҳазин»-у «маҳзун», «носабур»-у «дилхаста», бо «чашми ашкфишон»-у монанди «нақши по» гардидаву аз ғаму дард «фаногаштаи афгор» намудор мешавад. Адабиётшинос Абдураҳмон Абдуманнонов дар иртибот бо ҳамин мавзуъ чунин қайд кардааст: «Фардияти симои шоир дар лирикаи ошиқона барҷастатар ифода мегардад» [49, с.98]. Чунончи, дар абёти зер, ки баёнгари ҳоли қаҳрамони лирикист, симои фарди шоир ҳамчун шахси ошиқ барҷастатар баён мегардад:

*Мезанад тири ҷафо дам ба дам ӯ бар дили ман,*
*Захми ҷони мани бемор намепурсад ҳеч [36, с.63].*

*Бо ғами дурӣ чӣ сон бошам мани маҳзун сабур?*
*Мекунам чун булбули ошиқ ба рӯзу шаб наво [36, с.37].*

Дар баъзе абёти ғазалиёти Саҳбо мавзуъҳои ҳасбиҳолии шоир низ дарҷ гардидаанд. Бояд қайд кард, ки дар ҳар як давру замон аҳли илму дониш аз дасти одамони ҷоҳилу гумроҳ, соҳибмансабон, ҳокимони маҳал ва дигар табақаи ашрофзодаҳо зулму озор дидаанд. Мирзо Ҳайити Саҳбо низ аз дасти чунин афроди золими гумроҳ зулму ситамҳои зиёд дидааст, ки инро мо дар боби якуми диссертатсия тасвир намудаем. Бар заммии ин шоир ҳолати руҳии худро дар баъзе абёти ғазалҳояш возеҳан ба қалам додааст ва аз қироати онҳо пай мебарем, ки Саҳбо бо вуҷуди ҳамнишини амир Абдулаҳад буданаш, аз дарду ғами халқ бепарво набуда, пайваста аз ноадолатиҳои иҷтимоии замона ранҷ мекашидааст. Чунин ҳолати ногувори шоирро мо аз ғазали зерини ӯ ба хубӣ пай мебарем:

*Ҷаҳон, ки бо ҳама вусъат ба чашми ман танг аст,*
*Ки зиндагӣ ба чунин ҳол бас маро нанг аст.*
*Кашидаанд зи ман ёру дӯстонам дом,*
*Ба роҳи омадушуд пояшон кунун ланг аст.*
*Намуда ахтари масъуд рух зи ман пинҳон,*

*Ки бахти гашта ба ман умрҳост дар ҷанг аст.*

*Ба зарби путки ҳаводис нагаштаам фонӣ,*

*Магар, ки пайкарам аз оҳан асту аз санг аст.*

*Либоси толеи ман аз ҳаводиси афлок,*

*Ки ҳар дақиқа ба як сурат асту якранг аст.*

*Ба асли гавҳари худ гарчи гавҳаре дорам,*

*Вале чӣ суд, ки теғам фасонаи занг аст [36, с.58].*

Шикваи шоир аз ноадолатиҳои замона ва абнои ситамгори рӯзгор дар ғазали зери матлаи «Дорам уммед аз Худо, чаҳкан шавад дар зери чаҳ, Дам ба дам ҳолаш шавад аз кулфати даврон табаҳ» ҳам равшан мушоҳида мешавад [27, с.58]. Шоир аз дасти чунин афроди бадтинат на танҳо дар абёти ҷудогонаи шеърҳояш гилаву шикоят мекунад, балки ғазалу мухаммасҳои пурраи худро низ ба ин мавзуъ бахшидааст.

Адабиётшинос Худоӣ Шариф дар ҳамин маврид зикр кардааст, ки «мақсаду мароми гӯянда идея, ғояи шеър аст... Шеъри мавзуӣ тобеи идея аст ва шакли он ба тасвири ҳамон мақсад мувофиқат мекунад» [171, с.148]. Мақсаду мароми Саҳбо низ дар ғазалҳои боло иборат аз шикваю шикоят, аслан, норизоӣ аз вазъи сиёсию иҷтимоии замон аст ва ғояву мазмуни асосӣ, яъне идеяи ғазалҳои мазкур низ дар сари шиква аз зулми замон нуҳуфтааст.

Дар девони Саҳбо ғазалҳое, ки дар онҳо қаҳрамони лирикӣ ба зоҳиду муфтӣ ва муаззин хитоб карда бошад, чандон зиёд нестанд. Аз ин бармеояд, ки дар замони Саҳбо аҳли илму адаб ба сухани зоҳиду муфтӣ, муҳтасиб ва воиз чандон таваҷҷуҳ зоҳир накарда ва чандон назари хуше надоштаанд. Чунончи, дар абёти зерин ҳамин назари манфии шоир нисбат бар ашхоси мазкур мушоҳида мешавад. Саҳбо зоҳиду шайху муфтӣ ва дигар мухолифонашро мухотаб қарор дода, суханони онҳоро беарзишу беҳуда ва ҳамзамон сухану раъйи худро дурусту саҳеҳ мешуморад:

*Варақгардонии воиз назебад суҳбати моро,*

*Каси оқил намесозад ба оташ имтиҳон коғаз [36, с.132].*

* * *

*Мекунӣ, албатта, тарки зуҳду тақвову вараъ,*

*Гар ту, эй зоҳид, бидонӣ кешу ойини маро [36, с.24].*

* * *

*Кунӣ дар пойи он бут саҷда, худро боз нашносӣ,*

*Ту, эй зоҳид, бубинӣ он шукӯҳу он шаҳоматро [36, с.32].*

* * *

*Инсоф деҳ, эй муҳтасибо, шаръ, Худоро,*

*К-он рӯйи гулу зулфи сумансо ба кӣ монад? [36, с.123]*

Шаҳрошӯбнависӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс ҳанӯз аз асрҳои пеш шуруъ гардида, то асрҳои XIX ва XX идома кардааст ва Саҳбо низ аз ривоҷи ин навъи шеър нек бохабар буда, ба ин мавзуъ тавассути корбурди номи хӯроквориҳо фақат як маротиба барои санҷиши табъ рӯй овардааст.

Мадҳ дар ғазалиёти Саҳбо чандон мавқеи устувор надорад ва ӯ ҳамагӣ як маротиба дар мақтаи яке аз ғазалҳои худ онро бидуни зикри мамдуҳ овардааст. Аз байти мадҳиявӣ аниқ карда намешавад, ки шоир онро барои кӣ гуфта бошад, вале аз рӯзгори Саҳбо ошкор мегардад, ки ӯ ашъори мадҳиявии худро ба амир Абдулаҳад бахшидааст:

*Туро, ки ҳаст дуо дар забону дил, Саҳбо,*

*Макун ту сарф ба ҳар кас, ба шаҳриёр хуш аст [36, с.51].*

Умуман мадҳро дар қолаби ғазал гуфтан ҳанӯз дар осори шоирони гузаштаи форсу тоҷик ривоҷ дошт ва дар ин хусус Т. Самадов дар рисолаи «Анварӣ ва ғазалиёти ӯ» ҳангоми таҳқиқи ғазалҳои мадҳии шоир чунин овардааст: «Мадҳ дар ғазалҳои Анварӣ хеле кам ва ҳамагӣ дар ҳашт ғазали шоир ифода ёфтааст... Дар асрҳои XI – XII шоирон мадҳро на танҳо дар қасида, балки инчунин дар қитъаву ғазал ва рубоӣ низ меоварданд, ки дар натиҷа ғазалҳои мадеҳавӣ ба вуҷуд меомадаанд» [98, с.79].

Ҳарчанд ки дар адаби форсӣ то замони Саҳбо ғазалҳое, ки дар пояи мадҳ суруда шудаанд ва ё лоақал шоирон дар абёти алоҳида ба ин мавзуъ дахл мекарданд, дар ҳар даврае каму беш ба назар мерасанд, аммо дар девони Саҳбо ба ҷуз аз чанд ғазале (он ҳам дар абёти алоҳидаи ғазал), ки яке аз онҳо

дар боло оварда шуд, мадҳи абнои рӯзгор, ба хосса амирону бузургон, мушоҳида намешавад.

**Хулоса**, Мирзо Ҳайити Саҳбо дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX аз шоирони зуллисонайни Бухоро ба шумор рафта, бо забони тоҷикӣ ва ҳам бо забони узбекӣ  шеър сурудааст.

Шоир идомадиҳандаи суннатҳои пешиниён буда, дар шеъргӯӣ тарзу равияи шоирони классикии тоҷику форсро пайравӣ кардааст.

Саҳбо қариб 90 фоизи ғазалҳояшро дар мавзуи ишқу ошиқӣ ва 10 фоизи онҳоро дар мавзуъҳои дигар офаридааст.

Шоир дар эҷоди шеър гоҳо ба устодони сабки ҳиндӣ пайравӣ карда бошад ҳам, ғолибан ғазалҳояшро дар сабки ироқӣ офаридааст. Зеро ифодаи фикр ва тарзи баён дар аксари ғазалиёти шоир ба гунаи содатар аз шоирони сабки ҳиндӣ сурат гирифта, печидагӯиву мубҳамбаёнӣ, ки аз вижагиҳои аслии сабки ҳиндӣ ба шумор меравацд, дар ғазалҳои Саҳбо кам ба чашм мерасанд.

Саҳбо дар аксар ғазалҳояш тахаллуси худро ба сифати номи шоирии худ овардааст, вале дар зиёда аз бист байт тахаллус ба маънии аслӣ кор фармуда шудааст.

Асосан, тахаллуси худро Саҳбо дар байти мақтаъ ҷой додааст. Инчунин, ӯ дар баъзе ғазалҳо, ки нотамому нопурра мебошанд, тахаллуси худро нагузоштааст.

Аз мазмуни ғазалҳои шоир бармеояд, ки қаҳрамони лирикии ӯ ба суханони зоҳиду муфтӣ, муҳтасиб, воизу муддаӣ чандон таваҷҷуҳ накарда, онҳоро хеле кам мавриди хитоб қарор додааст.

## 2. 2. Мухаммасоти Саҳбо ва вижагиҳои онҳо

Мирзо Ҳайити Саҳбо чун дигар шоирони замони худ дар навиштани мухаммас истеъдод ва маҳорати баланд нишон додааст. Чун жанри мухаммас дар эҷодиёти Саҳбо аз нигоҳи теъдод ва басомади абёт нисбат ба қасоиди ӯ бештар мебошад ва пас аз ғазалиёти вай дар мақоми дуюм қарор дорад, бинобар ин мо мухаммости шоирро қабл аз қасидаҳояш овардем.

Мухаммас навъи шеърие мебошад, ки дар асоси жанри ғазал навишта мешавад [90, с.244]. Саҳбо дар баробари навиштани мухаммасҳои мустақил, инчунин ба зиёда аз 20 ғазали шоирони тоҷикзабону туркзабон мухаммас бастааст. Аз рӯи ҳаҷм калонтарин мухаммаси шоир 60 мисраъ ва хурдтарини онҳо аз 20 мисраъ иборат мебошад. Саҳбо чи дар навиштани мухаммасҳои мустақил ва чи мухаммасҳо бар ғазалҳои шоирон аз уҳдаи эҷоди ин навъи шеърӣ ба хубӣ баромадааст.

Дар девони ашъори шоир аз 110 мухаммас 74-тои он мухаммаси мустақил ва 36-тои дигар мухаммасҳои бар ғазалҳои шоирон басташуда мебошанд. Аз 36 мухаммаси бар ғазалҳои шоирон басташуда, 23-тояш бо забони тоҷикӣ ва 13-тояш бо забони туркӣ (узбекӣ ) иншо гардидаанд.

Аз шоирони дигар Саҳбо ба ғазалҳои Навоӣ 7 мухаммас, Саъдӣ 5 мухаммас, Ҳозиқ - 4, Салмон - 2, Ҷомӣ ва Фасеҳӣ думухаммасӣ ва бар ғазалҳои Саноӣ, Мушфиқӣ, Осафӣ, Ваҳшӣ, Соиб, Бедил, Зафар, Бурҳонӣ, Маҳзар, Назар, Ҳолима, Ҳайрат, Амир ва Мақдамӣ якмухаммасӣ бастааст.

Аз 20 шоире, ки Мирзо Ҳайити Саҳбо бар ғазалҳои эшон мухаммас бастааст, ёздаҳтои онҳо: Ҳаким Саноӣ (1075-1135), Саъдии Шерозӣ (1184-1292), Салмони Соваҷӣ (1310-1376), Абдурраҳмони Мушфиқӣ (1525-1588), Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492), Мир Алишери Навоӣ (1441-1510), Осафии Ҳиравӣ (1449-1517), Ваҳшии Бофқӣ (1532-1584), Соиби Табрезӣ (1603-1677), Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720), Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ (ваф.1843) дар таърихи адабиёти тоҷику форс маълуму машҳур буда, даҳтои дигарашон (Зафар, Бурҳонӣ, Маҳзар, Назар, Фасеҳӣ, Ҳолима, Ҳайрат, Амир, Мақдамӣ) чандон маъруф нестанд. Бештари мухаммасҳои тазмини таркиби ашъори

шоирро мухаммасҳои тоҷикии ӯ ташкил медиҳанд, зеро миқдори мухаммасҳои форсӣ-тоҷикии шоир ба маротиб бештаранд.

Мирзо Ҳайити Саҳбо ҳарчанд ба шоирони сабки ҳиндӣ таваҷҷуҳ доштаву бар ғазалҳои намояндагони он, аз ҷумла Ваҳшии Бофқӣ, Соиби Табрезӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва Зафар Шайх Бурҳониддин мухаммасҳо баста бошад ҳам, аз рӯи услубу сабки шеъргӯӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки ӯ дар эҷоди шеър пайрави сабки ироқӣ будааст. Ҳамин аст, ки ӯ бештар аз ҳама ба ғазалҳои намояндагони ин сабки адабӣ– Навоӣ (7-то) ва Саъдӣ (5-то) мухаммас бастааст.

Дар таҳлили омории теъдоди абёти умумии мухаммасҳои Саҳбо муайян гардид, ки мухаммасҳои мустақили шоир, ки 74 ададро ташкил медиҳанд, фарогири 2120 мисраъ (тоҷикӣ – 1420 мисраъ, узбекӣ - 700 мисраъ) мебошанд. Мухаммасҳои бар ғазалҳои шоирони тоҷикзабон басташуда (ки теъдодан 23-то мебошанд) 945 мисраъ ва мухаммасҳои бар ғазалҳои шоирони туркзабон (ки умуман 13-тоанд) 500 мисраъро ташкил медиҳанд. Саҳбо бар ғазалҳои 14 шоири форсу тоҷик 23 мухаммас ва бар ғазалҳои 6 шоири туркзабон 13 мухаммас бастааст.

Мирзо Ҳайити Саҳбо ҳам дар навиштани мухаммасҳои мустақил ва ҳам мухаммасҳои бар ғазали шоирон бастааш, аксаран, ҳудуди 25 мисраъро ихтиёр намудааст. Чунончи, ӯ дар 110 мухаммаси мустақилу мухаммаси бар ғазалҳои шоирон бастааш ин ҳудудро риоя кардааст. Аз тадқиқи ҳаҷми мисраъҳои мухаммасҳои Саҳбо маълум мегардад, ки ӯ 53 мухаммаси худро дар ҳудуди 25-мисраӣ гуфтааст, ки ин 48,1 фоизи мухаммасҳои шоирро ташкил медиҳад.

Мухаммасҳои 35-мисраъии Саҳбо дар ҷойи дуюм қарор доранд ва ин 19 фоиз буда, мухаммасҳои 45-мисраӣ 9%, 40-мисраӣ 3,6%, 30-мисраӣ 2,7% ва 20-мисраию 55-мисраии шоир низ 1,8%-и мухаммасоти шоирро ташкил медиҳанд.

Он мухаммасҳое, ки аз 25 мисраъ таҷовуз мекунанд ё мухаммас-мувашшаҳанд, ё мухаммасҳои мадҳӣ ва ё мухаммасҳои бар ғазалҳои шоирон

басташудаи Саҳбо мебошанд. Масалан, мухаммас-мувашшаҳи ба номи Исломхон навиштаи Саҳбо аз 40 мисраъ иборат мебошад. Шоир дар ин гуна ҳолатҳо ҳатман шарти мувашшаҳсароиро ба назар гирифта, ба ҳар як ҳарфи номи қаҳрамони лирикиаш мухаммас мебандад.

Мухаммаси дигаре, ки аз 40 мисраъ иборат аст, мухаммаси мадҳиявӣ буда, шоир онро дар мадҳи Абдулаҳадхон навиштааст. Банди аввали он чунин аст:

*Дӯш ҷон дар пайкари афсурда мекард изтироб,*

*Ҷисми маҳзунам чу зулфи ёр мезад печутоб,*

*Мечакид аз дидаи зорам дамодам ҷӯйи об,*

*З-оташи ҳасрат дилам гардида монанди кабоб,*

*Менамудам дафтари дарду аламро фаслу боб [36, с.240].*

Дар мухаммаси боло, бинобар амир Абдулаҳадхонро мадҳу санои бисёр кардан, абёти он низ зиёдтар оварда шудааст.

Вижагии назарраси мухаммассароии Мирзо Ҳайити Саҳбо дар он мушоҳида мешавад, ки ӯ баъзан қолаби анъанавию маъмулии онро шикаста, дар чанде аз мухаммасҳои худ (36, с.248, 255, 275, 276, 294, 301) мисраи панҷуми ҳар банди онро такроран меоварад. Чунончи, дар ин ду мухаммаси шоир, ки ҳар ду аз 5-бандӣ иборатанд, мисраъҳои охири ҳар банд (Бо ваъдаи дурӯғи туам эътиқод нест; Остинашро гирифтам, гуфт: «Оҳ, дастам шикаст») такроран омадаанд:

*Дил аз ҷафову ҷаври ту як лаҳза шод нест,*

*Корам ба ғайри нолаву афғону дод нест,*

*Моро ба ҷуз хаёли висолат ба ёд нест,*

*Нақши вафову аҳд туро дар ниҳод нест,*

*Бо ваъдаи дурӯғи туам эътиқод нест [36, с.248].*

********

*Ҷону дилро дар хами зулфи ту пайвастам, шикаст,*

*Дар вафоят ҳар қадар ман аҳдҳо бастам, шикаст,*

*Шишаи дил аз ҷафо он шӯхи бадмастам шикаст,*

*Соғари паймон, ки умре ман набишкастам, шикаст,*

*Остинашро гирифтам, гуфт: «Оҳ, дастам шикаст».*

*[36, с.255].*

Яке аз вижагиҳои мухаммассароии Саҳбо дар он инъикос мегардад, ки шоир баъзан дар чунин мухаммасҳое, ки мисраи охиринашро такрор меорад, зарбулмасал ва ё мақоли халқиро низ ҷой медиҳад. Масалан, дар ду мухаммаси зер мақоли халқии «Ҳут агар ҳутӣ кунад, кампира дар қуттӣ кунад»; «Бачаро нимашабӣ каттаи хушпул заду бурд»-ро истифода шудаанд:

*Пайкаратро хунукӣ имсол луълутӣ кунад,*

*Домани табъи туро тахтаи ях утӣ кунад,*

*Саҷда сад бор ба оташкадаҳо бутӣ кунад,*

*Ту мапиндорӣ, ки сармо пас аз ин утӣ кунад,*

*«Ҳут агар ҳуттӣ кунад, кампир дар қуттӣ кунад» [36, с.275].*

*******

*Дилам он шӯх ба як тарзи тағофул заду бурд,*

*Аз танам сабр ба он турраи сунбул заду бурд,*

*Кард як ишваву дар гардани ман ғул заду бурд,*

*Ҳамчунон бурд маро ёр, ки булбул заду бурд,*

*Бачаро нимишабӣ каттаи хушпул заду бурд [36, с.276].*

Дигар вижагии мухаммассароии Саҳбо иборат аз он аст, ки агар ӯ дар мухаммасҳои мустақилаш тахаллуси худро дар мисраи чаҳорум ва ё панҷуми банди охир биёварад, дар мухаммасҳои бар ғазалҳои шоирон навиштааш тахаллусашро аксаран дар мисраи сеюми банди охирини онҳо меоварад. Ёдовар бояд шуд, ки Саҳбо фақат дар се мухаммаси бо забони туркӣ (узбекӣ) эҷодкардааш тахаллуси худро нагузошта, дар 107 мухаммаси мустақил (тоҷикию туркӣ) ва ё мухаммасҳои бар ғазалҳои шоирон навиштааш (тоҷикию туркӣ) тахаллуси худро дар банди охирини онҳо дарҷ намудааст.

Тавре ки дар боло зикр намудем, Саҳбо бар панҷ ғазали Шайх Саъдӣ мухаммас бастааст. Мухаммаси зерини Саҳбо дар заминаи ғазали Саъдии

Шерозӣ навишта шудааст, ки он аз 25 мисраъ иборат мебошад ва ду банди он чунин аст:

*Бе висолаш ман чӣ сон ёбам қарори хешро,*
*Рашки Ҷайҳун мекунам бе ӯ канори хешро,*
*Ёбам андар ком он дам рӯзгори хешро,*
*«Ваҳ, ки гар ман боз бинам рӯйи ёри хешро,*
*То қиёмат шукр гӯям Кирдигори хешро»...*

*Эй дили хунгашта, умре шуд, ки ношодӣ ба ишқ,*
*Инчунин будӣ, ту худ баҳри чи афтодӣ ба ишқ,*
*Аз азал, Саҳбо, ҷайби хеш бикшодӣ ба ишқ,*
*«Дӯстон гӯянд, Саъдӣ, дил чаро додӣ ба ишқ,*
*То миёни халқ гум кардӣ виқори хешро» [36, с.235].*

Ғазали Саъдӣ аз 15 байт иборат буда, Саҳбо фақат ба панҷ байт (1, 2, 11, 13, 14-ум)-и он мухаммас бастааст.

Бояд тазаккур дод, ки шеърҳои Мирзо Ҳайити Саҳбо дар девонаш на аз рӯи жанрҳои адабӣ, балки тибқи тартиби алифбои арабиасос оварда шудаанд ва мухаммасҳои шоир низ тибқи риояи тартиби алифбоӣ бо дигар шеърҳо дар шакли махлут омадаанд.

Мухаммасҳои шоир мавзуъҳои гуногун, аз қабили ишқу ошиқӣ, ҳаҷру фироқ, орзуи висол, шиква аз ҷафои ёр, таманнои висол, шикоят аз бевафоии маъшуқа, фасли баҳор, файзи саҳархезӣ, моҳи сиём, мазаммати беҳунарию нодонӣ, хунукии фасли зимистон, васфи диёри Дарвозу Қаротегин, мазаммати зоҳид ва ғайраро дар бар гирифтаанд. Мирзо Ҳайити Саҳбо чун дигар шоирони замони худ дар мухаммасҳояш ҳамду санои Худованд ва васфу ситоиши паёмбарро низ кардааст. Масалан, ӯ дар мавзуи ҳамди Худованд 3 мухаммас ва дар санои Пайғамбари ислом низ 3 мухаммас навиштааст.

Миёни мухаммасҳои шоир навъҳои васфия ва мадҳияи он ҷойгоҳи вижа доранд.  Аз ҷумла, ӯ дар мавзуи баҳор ду мухаммас навиштааст ва ҳар ду ҳам

аз 35-мисраъӣ иборат мебошанд. Чунончи, дар банди аввали яке аз ин мухаммасҳои баҳорияаш фасли баҳорро чунин ба силки тасвир мекашад:

*Шуд гулистон ин чаман аз файзи анфоси баҳор,*
*Нуҳзатафзову тароватбахш сайри лолазор,*
*Таъназан шуд тори сунбул бар шиканҷи зулфи ёр,*
*Дошт гулбун дастгоҳи анбару мушки татор,*
*Чашми наргис боз ҳар сӯ ҳамчу чашми интизор [36, с.282].*

Ҳарчанд шоир мухаммаси мазкури худро дар васфи баҳор навиштааст, дар байти мақтаи он ба лутф кардани шаҳриёр чунин ишорае шудааст:

*Не маю не мутрибу не дилбари гулпираҳан,*
*Хуррамӣ набвад ба Саҳбо ғайри лутфи шаҳриёр [36, с.282].*

Аз ин ишорат бармеояд, ки шоир дар фасли баҳор ҳамроҳи шаҳриёри замон (зоҳиран шоир амир Абдулаҳадхонро дар назар дорад - Ш.Ё.) ба сайри лолазору дашту саҳро баромада ва мухаммаси мазкур таҳти таъсири он сайругашт иншо гардидааст.

Дар мухаммасҳои васфияи Саҳбо яке аз мавзуъҳои ҷолибу марказӣ – ин васфи Кармина ва зебоиҳои он мебошад. Чунончи, шоир дар яке аз мухаммасҳои 45-мисрагии худ дар васфи шаҳри Кармина эҳтимом варзидааст. Аз матни мухаммас бармеояд, ки Саҳбо шаҳри Карминаро хеле дӯст медоштааст ва нисбат бар ин шаҳр меҳру муҳаббати хоссаро дар дил мепарваридааст. Чунончи, дар абёти алоҳидаи мухаммаси мазкур ин муносибати қалбии шоир нисбат ба шаҳри Кармина ҳувайдо мешавад:

*Зи ҷаври чарх агар ғамгин шавӣ, о сӯйи Кармина,*
*Ту рахти азм барбанду магӯ шанбеву одина [36, с. 294].*

***

*Зи Кармина ба ҳар ҷо рафтӣ, чун тир аз камон рафтӣ,*
*Ҳисораш чист, то бошад Қаротегину Дарвозаш [36, с. 294-295].*

Шоир зимни тавсифи Кармина тафзилу қиёсро ба кор бурда, онро аз як қатор шаҳрҳои бузурги Хуросону Мовароуннаҳр беҳтару хубтар донистааст.

Маълум мегардад, ки мухаммаси мазкур дар замони ҳокими Кармина будани Абдулаҳадхон суруда шудааст.

Аз ибтикороти Мирзо Ҳайити Саҳбо дар мавриди мухаммассароӣ – ин корбурди санъати мувашшаҳ дар матни мухаммас аст. Чунончи, шоир дар яке аз мухаммасҳо, ки онро ба Исломхон бахшидааст, санъати мувашшаҳро басо ҳунармандона истифода кардааст. Мухаммаси мазкур аз 8 банд иборат буда, дар нахустмисраи ҳар банд як ҳарф аз вожаи «Исломхон» оварда шудааст. Бояд зикр кард, ки ягона мухаммас-мувашшаҳи шоир ба ҳисоб меравад ва банди аввали он чунин аст:

*Агар рӯйи ту партав афканад дар сафҳаи дунё,*

*Шавад шамсу қамар пеши ҷамолат волаву шайдо,*

*Набошад чун қадат дар бӯстон сарви сиҳиболо,*

*Кунад чашми ту дар ҳар ғамза чандин шӯру шар пайдо,*

*Занад сад таъна зулфат дам ба дам бар анбари соро [36, с.237].*

Ёдовар бояд шуд, ки мураттиби девони Саҳбо Ҳасани Муродиён дар китоби «Соғари Саҳбо» ба ҷойи «Мувашшаҳи Исломхон» навиштан онро «Мувашшаҳи Асламхон» [36, с.236-237] нигоштааст, ки эҳтимол дар ин маврид хатои техникӣ содир шудааст.

Агар исми қаҳрамони лирикии Саҳбо «Асламхон» мебуд, он гоҳ мухаммаси ӯ аз 7 банд (7х5=35) ва 35 мисраъ иборат мебуд. Аммо мухаммаси шоир 40 мисраъро ташкил медиҳад, пас он на Асламхон, балки Исломхон аст, зеро дар номи «Исломхон» ҳарфи алиф дар аввали бандҳои 1, 4 ва 7-уми мухаммас оварда шудааст, ки бо тартиби ҷойгузинии ҳарфи мазкур дар исми Исломхон мувофиқат менамояд.

Мо агар ҳарфҳои аввали ҳар банди мухаммаси болоро пайиҳам навишта хонем, номи қаҳрамони лирикии шоир – Исломхон мебарояд. Агар дар банди охирини мухаммас аз ҷониби шоир чунин ишорае намебуд, хонанда шояд аз мувашшаҳ будани он огаҳ намешуд. Ҳамин мураккабии масъаларо шоир пай бурда, дар банди охирини мухаммас «нигар дар ҳар сари банд», «ҳуруфи

номи некат кард зоҳир инчунин Саҳбо» - гӯён, ба он ишора кардааст ва аз ин маълум мегардад, ки шеъри шоир ба Исломхон бахшида шудааст.

Инро ҳам бояд зикр намуд, ки мураттиби китоби «Соғари Саҳбо» ҳангоми аз хатти арабиасоси форсӣ ба ҳуруфи кирилликии тоҷикӣ веросторӣ кардани шеърҳои шоир аз сабаби ғалатхонию ғалатнависӣ баъзе калимаҳоро нодуруст баргардон кардааст, ки дар натиҷа девони мазкур нуқсондор ба нашр расидааст. Барои он ки сухан беасос набошад, аз мухаммасоти китоб чанд байти нодуруст баргардоншударо намуна меорем. Чунончи, дар байти охири банди сеюми мухаммаси аввалини шоир, ки он мавзуи ҳамди Парвардигорро фарогир аст, бинобар сабаби якхела навишта шудани ҳарфҳои «коф»-у «гоф» ба ҷойи вожаи «камонҳо» калимаи «гумонҳо»-ро овардааст, ки мантиқан нодуруст мебошад:

*Ҳарфе ба ҷуз аз ояти фазлат ба забон нест,*

*Ҷуз тири санои ту чӣ бошад ба* ***гумонҳо*** *[36, с.231].*

Ҳамчунин, дар мисраи сеюми банди аввали мухаммаси зерин ба ҷойи калимаи «чашми» мураттиб вожаи «ҷисми»-ро оварда, маъноро табоҳ сохтааст:

*Аз таманнои лабат умрест шӯре бар сар аст,*

*Аз ҳавои турраат бар сина дарди дигар аст,*

*Дидаам дар иштиёқат ҳамчу* ***ҷисми*** *соғар аст,*

*Ҷомаи бетоқатӣ моро зи ишқат дар бар аст,*

*Рӯзу шаб аз интизорат чашму гӯшам бар дар аст [36, с.243].*

Истифода шудани ибораи «чашми соғар»-ро мо дар мухаммаси дигари шоир низ мебинем, ки дар мисраи чоруми он омадааст.

Ҳамчунин, мураттиб дар мисраи панҷуми он мухаммас калимаи «дилбарон»-ро дар шакли «дилбарат» оварда маъниро халалдор намудааст:

*Ёди лаълат дидаро чун чашми соғар мекунад,*

***Дилбарат*** *(?) аз шарми ҳуснат хок бар сар мекунад [36, с.266].*

Ё худ дар банди дуюми мухаммаси поён мантиқ талаб мекунад, ки таркиби «сарори нафс» дар шакли «шарори нафс» оварда шавад, вале дар китоб он дар шакли ғалат омада, мазмун хароб гардидааст:

*Бошад инони мо ҳама дар ихтиёри нафс,*
*Шуд сарф умрҳо ҳама дар корубори нафс,*
*Мо гаштаем дар ҳама кирдор ёри нафс,*
*Эмин наем дар ду ҷаҳон аз* ***сарори*** *нафс,*
*Кас ҳамчу мо шарир надидаст дар ҷиҳот [36, с.247].*

Ба ҳамин монанд, мисраъҳои зерин аз банди шашуми мухаммаси зерин нодуруст хондаву навишта шуда, дар онҳо ба ҷойи «чарх» – «харҷ» ва ба ҷойи «биёзорад» – «наёзорад» оварда шудаанд:

*Шарори нолаам оташ ба* ***харҷ*** *бигдозад,*
*Фалак чаро мани ғамдидаро* ***наёзорад****? [36, с.257]*

Мухаммаси дигаре, ки дар мавзуи мазаммати зоҳид навишта шудааст, веросторони девони Саҳбо банди панҷуми онро партофтаанд ва мо онро аз рӯи девони шоир (нусхаи рақами 1982) барқарор кардем, ки чунин аст:

*Шаб то ба рӯз металабам аз Худои Ҳай,*
*Маъшуқи сарвқомату минои пур зи май,*
*Овози уду барбату танбӯру савти най,*
*Бас, он замон намешунавам ман ҳадиси Кай,*
*Саҳбо, агар ту оқилӣ, кам гӯш дор баҳс! [35, вар. 41а]*

Чунин ғалатхониву ғалатнависӣ дар мисраи дуюми банди сеюми мухаммаси зерин низ рух додааст, ки дар натиҷа ба ҷойи калимаи «ҷинси» вожаи «ҷайши» омадааст, ки мазмуни дилхоҳ намедиҳад:

*Даст то дар домани он шӯхи маҳсимо задам,*
*Нақди сабру* ***ҷайши*** *тоқатро ба пушти по задам [35, с.255].*

Ҳамчунин, дар девони Саҳбо мисраи якуми банди аввали мухаммаси зерини шоир дар шакли нодуруст баргардон шудааст, ки аз он маънии зарурӣ ба даст намеояд:

***Муъҷаз*** *ба рух кашидаву моро баҳона кард,*

*Чашм ар ба чашм баставу ҷоро баҳона кард [36, с. 263].*

Асли байти болоро мо дар нусхаи асли девони шоир пайдо кардем, ки чунин будааст:

***Миъҷар** ба рух кашиду ҳаёро баҳона кард,*

*Чашм ар ба чашм баставу ҷоро баҳона кард [35, вар. 55].*

Дар банди чоруми ҳамин мухаммас ба ҷойи калимаи «сабҳа» вожаи «нусха» омада, мазмун табоҳ гардидааст:

*Дидам ба вақти базм чу маҳпораи рухаш,*

*Кардам ба **нусха** он ҳама шумораи рухаш [35, вар. 55].*

Дар байти аввали банди дуюми мухаммаси зерин низ хатоҳои фоҳиш роҳ ёфтаанд. Чунончи, веростор ба ҷойи таркиби «ба сар дар орзуи ӯ» калимаҳои номуносибро оварда, мантикро  хароб намудааст:

*Ҳазорон ҷӯйи хун дар ёди ӯ аз дидаи мо рехт,*

***Зи сарв орзуяш дар** ду олам ранги савдо рехт [36, с. 267].*

Ба ҳамин минвол дар баъзе шеърҳои шоир бинобар сабаби ғалатхониву ғалатнависӣ нуқсонҳо роҳ ёфтаанд.

Шоир дар мухаммасҳои худ таркибу ибораҳои зебои шоиронаро эҷодкорона кор фармудааст. Барои мисол, ибораҳои зебову нодири шоир, амсоли: «пояи васф», «пардаи ҷонҳо», «ҳарфи сифот», «гулшани тавҳид», «нағмаи ҳамд», «оинаи илм», «ояти фазл», «тири сано», «гулшани эҳсон», «чамани сунъ», «боғи карам», «бодаи ҳамд», «гулбонги сано», «саводи аъзами ҳамд», «Калими бод», «Тури тавҳид», «забони аҷз», «нашъаи ҳамд», «нахли сифот», «қурбонгоҳи шавқ», «хаданги ишқ», «бозори ғам» ҷиҳати боз ҳам муассиртару шавқангезтар гаштани андешаҳову тахайюлоти шоиронаи Саҳбо саҳми қобили таваҷҷуҳро бар ҷой гузоштаанд.

Саҳбо дар мухаммасҳои худ аз ҳарфҳои алифбои арабӣ низ истифода кардааст, бад-он маънӣ, ки ӯ баъзе аз ҳуруфи арабиро ҷиҳати тасвир ва баёни ҳолоти ботинии хеш ба кор бурдааст. Ин вижагӣ бештар дар мухаммасҳое, ки

ба ҳасби ҳол ё инъикоси аҳволи ногувори шоир бахшида шудаанд, ба назар мерасанд. Чунончи:

*Дили маҷруҳи ман аз дарди фироқаш хун шуд,*
*Ашки беҳосилам аз дурии ӯ Ҷайҳун шуд,*
*Қомати ҳамчу «алиф» доштам, охир «нун» шуд,*
*Дам ба дам нолаам аз дарди ғамаш афзун шуд,*
*Гаштам аз ақлу хирад лаҳзае сад бор ҷудо [36, с. 234].*

Аз ҳарфҳои алифбои арабӣ тимсолсозии Саҳборо мо дар мисраъҳои зерини мухаммасҳо низ мебинем, ки шоир қомати аз бори ғами ёр хамшудаи худро ба ҳарфҳои «нун»-у «дол» ва қомати ёрро ба ҳарфи «алиф» шабоҳат додааст:

*Қадам аз бори ғами кулфати ӯ «нун» гардид [36, с. 246]*

* * *

*Қоматам аз бори ғам чун ҳалқаи «нун» гаштааст [36, с. 258].*

* * *

*Аз бори ғамат қадам чу «нун» аст [36, с. 296].*

* * *

*Шуд қадам аз оқибат аз бори ғами ҳаҷр чу «дол» [36, с.301].*

* * *

*З-он ки дар мазраи дил нахли «алиф» биншондем [36, с.321].*

Саҳбо агар дар баъзе мухаммасҳои хеш ҳарфҳои мушаххаси алифбои арабӣ (алиф, нун) – ро зикр намуда, бо онҳо ростқоматии айёми ҷавонӣ ва хамгаштагии қоматашро дар пирӣ ташбеҳан зикр намуда бошад, дар баъзе ҳолатҳо аз ҳарфҳои мушаххаси алифбо ёдрас нашуда, фақат ба онҳо ишора мекунад. Масалан, дар байти зерини мухаммас шоир фақат аз ду ҳарф ҷумлаи олам ба вуҷуд омаданро ёдрас шудааст, ки ин чиз дар замони шоир ба хонанда маълум буд ва ин матлаб ба хонандаи имрӯз бидуни шарҳу тавзеҳ шояд мафҳум набошад:

*Кардӣ ба ду ҳарф ҷумла олам мавҷуд,*
*Аз зоти ту омад ҳама ашё ба вуҷуд [36, с.270].*

Аз мазмуни байти боло маълум мегардад, ки Худованд дунёро бо ду ҳарфи амркардашуда, яъне «коф»- у «нун» ба вуҷуд овардааст, ки агар он ду ҳарфро дар якҷоягӣ бихонем калимаи «кун» ҳосил мешавад.

Чунин тимсолро аксарияти шоирони гузаштаи форсу тоҷик дар шеърҳои худ истифода кардаанд. Чунончи, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар мақтаи яке аз ғазалиёти худ чунин кор фармудааст:

*Намоӣ Шамси Табрезӣ камоле,*
*Ки то нуқсе набошад «коф»-у «нун»-ро [36, с. 46].*

Вожаи «коф»-у «нун»-ро мураттибони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин тафсир кардаанд: «Ишора ба калимаи арабии кун дар ҷумлаи «кунфа кона», яъне Худо гуфт: «шав» ва «шуд», яъне олам ба вуҷуд омад» [181, с. 567].

Ин чиз, асосан, аз китоби муқаддаси Қуръони маҷид гирифта шудааст ва дар он ҷо чунин омадааст: «Кофу нун – кун, олам, нозир аст ба: Иннамо амруҳуизоародашайан ан яқула лаҳукунфаякун (Чун чизеро бихоҳад офаридан, фармони Ӯ ҷуз ин нест, ки ба ӯ бигӯяд: «Шав!» – Пас мешавад» [22, с. 445].

Ба ҳамин тариқ, Мирзо Ҳайити Саҳбо дар навиштани мухаммас қувваозмоӣ намуда, дар баробари мухаммасҳои мустақил, инчунин ба ғазали шоирони форсу тоҷик ва турк низ мухаммас бастааст. Аз рӯи ҳаҷм калонтарин мухаммаси шоир 60 мисраъ ва хурдтарини он 20 мисраъ мебошад.

Саҳбо бар ғазалҳои шоирони гузаштаву муосири худ аз 1 то 7 мухаммас бастааст. Аз 20 шоире, ки шоир бар ғазалҳои эшон мухаммас бастааст, ёздаҳтои онҳо дар таърихи адабиёти форсу тоҷик маълуму машҳур буда, даҳтои дигарашон чандон маъруф нестанд.

## 2. 3. Қасоиди Саҳбо ва хусусиятҳои мундариҷавии онҳо

Аз Мирзо Ҳайити Саҳбо 26 қасида ба мерос мондааст. Аз нигоҳи теъдоди абёт қасоиди шоир ба 14 гурӯҳ тақсим мешаванд: қасоиди 7-байтӣ, 9-байтӣ, 10-байтӣ, 15-байтӣ, 16-байтӣ, 19-байтӣ, 20-байтӣ, 23-байтӣ, 25-байтӣ, 29-байтӣ, 30-байтӣ, 35-байтӣ, 38-байтӣ ва 47-байтӣ. Чунонки дида мешавад, калонтарин қасидаи Саҳбо дорои 47 байт ва хурдтарини он дорои 7 байт мебошад.

Урватулло Тоиров дар китоби «Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ» доир ба ҳаҷми қасида ҳудуди муайянро таъйин кардааст: «Миқдори абёти қасида аз 15 байт то 120 байтро дар бар мегирад» [141, с.85].

Аммо Раҳими Мусулмониён, бар хилофи муҳаққиқи боло, маҳдудияти қасидаро қабул надошта, «аз рӯйи ҳаҷм ва вазн қасида маҳдудият надорад» [106, с.56] гуфтааст. Аз ҳамин нуқтаи назар қасидаҳои 7 ё 9-байтии Саҳбо низ шеърҳои комил буда, шаклан ва мазмунан ба талаботи жанри қасида ҷавобгӯ мебошанд.

Мураттиби девони ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо Ҳасани Муродиён аз сабаби кам будани абёти аксар қасидаҳои шоир онҳоро дар китоб зери унвони «Ғазалқасидаҳо» овардааст. Ҳамин чиз боис гардид, ки мунаққид ва адабиётшинос Раҷабалӣ Худоёрзода дар тақризи бо номи «Даре ба олами Саҳбо» навиштааш дар қатори дигар нуқсону камбудиҳои китоб, инчунин, ба қасидаҳои шоир худсарона унвонгузорӣ кардани мураттибро мавриди танқид қарор дода, аз ҷумла қайд кардааст, ки «ба қасидаҳои шоир низ номи «ғазалқасида» мондан ҳам зебанда нест, чунки ин навъҳои адабӣ гарчанде аз рӯи қофиябандӣ якхела бошанд ҳам, аз лиҳози шакл ва мазмун аз ҳамдигар фарқ карда меистанд» [147, с.14].

Аз нигоҳи басомад  миёни қасоиди шоир қасидаҳои 9-байтӣ мақоми аввал (9 адад), қасоиди 15-байтӣ мақоми дуюм (4 адад), қасоиди 23-байтӣ мақоми 3-юмро ишғол менамоянд ва қасидаҳои боқӣ ҳама 1-ададӣ мебошанд.

Саҳбо дар ҳамаи қасидаҳояш тахаллуси худро овардааст. Ҷойи тахаллус дар қасоиди Саҳбо устувор аст, он танҳо дар байти мақтаъ истифода гардидааст.

Аввалин қасидаашро, ки аз 34 байт иборат мебошад, шоир, чун анъана, ба тамҳиду санои Худо, ситоиши паёмбар ва чор ёри ӯ бахшида, баъдан ба мадҳи амир Абдулаҳадхон мепардозад. Чунончи, матлаи он:

*Зиҳӣ, аз ҷилваи Зоти ту шуд кавну макон пайдо,*

*Бувад як шамма аз сунъат вуҷуди Одаму Ҳавво [36, с.188].*

Миёни қасоиди Саҳбо як қасидаи маснуӣ низ мавҷуд аст, ки онро метавон аз ибтикороти шоир маҳсуб донист. Ин қасида аз 30 байт иборат буда, тибқи тартиби 28 ҳарфи алифбои арабӣ эҷод гардидааст. Ҳар як мисраи он бо яке аз ҳарфҳои алифбои арабӣ шуруъ мешавад, ки чунин амал дар таърихи адабиёти тоҷику форс собиқа надошт. Қасида бо ҳарфи алиф оғоз гардида, бо ҳарфи ё анҷом меёбад. Аз мавзуи қасида бармеояд, ки он тамҳидӣ буда, ба васфи сифоти Худо ихтисос ёфтааст. Чунончи, байти матлаъ ва мақтаи ин қасида:

*Алиф аз ваҳдати зоти ту нишонҳо дорад,*

*Бо ба теъдоди сифоти ту забонҳо дорад...*

*Йо яқин аст ба назди ҳама кас аз розат,*

*Дили Саҳбо зи дари ҳамди ту конҳо дорад [36, с.208].*

Қасидаҳои Саҳбо дар мавзуъҳои гуногун навишта шуда, фақат ба гурӯҳи қасидаҳои тамҳидӣ, мадҳӣ, васфия ва рисоия рост меоянд. Чунончи, дар қасоиди шоир мавзуъҳои мадҳу санои Холиқ, паёмбари ислом, чор ёрон (Абубакр, Умар, Усмон, Алӣ), мадҳу санои амир Абдулаҳадхон, миннатдории шоир аз амир, васфи наврӯзгоҳи Ширбадан, васфи вилояти Нурато, пазмонӣ аз дурии амир ва иштиёқи дидани дидори ӯ, талаби асп аз амир, васфи чаҳорбоғи Кармина, яхбандии фасли зимистон, пояндагии саломатию давлати амир, марсия дар фавти фарзанд ва ғайра ҷойгоҳи хосса доранд.

Саҳбо 16 қасидаи худро ба мадҳу санои амир Абдулаҳад бахшидааст. Дар ин қабил қасидаҳояш шоир ба амир Абдулаҳад бо сифатҳое ҳамчун: «атoриддабир», «қамаррикоб», «меҳрсипар», «шоҳи додрас», «шоҳи дин», «сипеҳри подшоҳиро чун моҳтоб», «шаҳриёри некахтар», «сипеҳри саховат», «мадинаи ҷуд», «матолеи девон» ва амсоли инҳо муроҷиат карда, чун дигар шоирони мадҳияпардоз мамдуҳи худ, яъне амир Абдулаҳадро ҳамчун тимсоли бузургиву шаҳомат, ҷуду саховат, адлу инсоф ва ғайраҳо таърифу ситоиш намуда, ӯро аз кулли шоҳони гузаштаву ҳозира боло мегузорад. Чунончи:

*Зиҳӣ, зи зоти ту шуд соҳиби шараф афсар,*
*Надошт рутба, ки ӯ соя афканад бар сар.*
*Бар остони ту шоҳон саройи паст ниҳанд,*
*Ба даргаҳи ту бишӯянд рух шамсу қамар.*
*Зи доду бахшишу ҷуди ту мекунам таъбир*
*Ба баҳри қулзуму абри баҳору боди саҳар.*
*Ба коми Нӯширавон заҳр гашт нӯши равон,*
*Шунида буд зи адли ту ӯ магар ки хабар.*
*Шаҳони даҳр куҷо ҳамсарӣ кунанд туро,*
*Намуд шаъни Фаридун зи шавкатат дун фар.*
*Ту он шаҳӣ, ки Сулаймон ҳарири Кайвон кард,*
*Камаррикобу атoриддабиру меҳрсипар....*
*Расид ситти атоят ба ҳафт хиттаи хок,*
*Ба Руму Рай, ба Тӯрону Машҳаду Ховар... [26, с.216-217].*

Ҷолиби қайд аст, ки бо он ки Саҳбо дар мавзуи мадҳия ибтикороте нишон намедиҳад ва дар риштаи васфу ситоиш кашидани мамдуҳи худ чун аксари шоирони мадҳияпардоз бештар аз тавсифу сифатчинӣ ва санъати муболиға истифода менамояд, аммо дар васфпардозиҳои вай як навъ тозагии тасвир ва баёни дилнишин эҳсос мешавад; чунончи, ин вижагӣ дар қасидаи боло ҳангоми бартар гузоштани шавкату шукӯҳи мамдуҳи шоир аз

подшоҳони Эрони Бостон – Нӯшервон ва Фаридун ба таври возеҳ мушоҳида мешавад.

Қасоиди васфияи Саҳбо, умуман, ба таърифу тавсифи табиат, баҳор, ҷашнҳои баҳорӣ ва бунёду зебокориҳои чаҳорбоғҳову дигар маконҳо бахшида шудаанд. Дар ин қасоид ҳунари хуби муаллифи онҳо, аз ҷумла вусъати тахайюл, тасвиркориҳо ва тарзи баёни содаву равон мушоҳида мешаванд. Аз ҷумла, дар қасидаи зерин ҳам, ки мавзуи он васфӣ мебошад ва ба боғи навбунёди шаҳри Кармина, ки ба номи «Ширбадан» мавсум буд, бахшида шудааст, ҳамин хусусиятҳо басо равшан ба назар мерасанд:

*Қазо ба килки қадар дар саҳифаҳо бинвишт,*
*Дар ин замона падидор гашт тоза биҳишт,*
*Ки яъне аз баракоти қудуми шоҳи ҷаҳон*
*Ба шаҳри Кармина аз нахли нур боғе кишт.*
*Надида кас ба ҷаҳон чорбоғ бар ин ранг,*
*Ки нақши хулди барин бинияш ту дар ҳар хишт...*
*Зи пири ақл чу Саҳбо биҷустамаш таърих:*
*Бигуфт аз сари илм ӯ маро, ки «рашки биҳишт» [36, с.199].*

Аз қасидаи мазкур ошкор мегардад, ки иморатҳои дохилу атрофи ин боғи қадима дар замони амир Абдулаҳад аз нав таъмиру тармим ва инчунин ба ҷойи дарахтони пири хушкгашта дарахтони тозаву нав шинонида шудаанд. Шоир дар байти мақтаи қасида соли бунёди боғро бо ибораи «рашки биҳишт» нишон додааст. Ибораи «рашки биҳишт» моддаи таърих буда, ишорат бар соли 1227 ҳ.қ. / 1812 мелодӣ менамояд. Агар ба ин таърих «сари илм», яъне ҳарфи «айн»-ро илова намоем, 1297-и солшумории ҳиҷрии қамарӣ мешавад, ки ба соли 1880-и солшумории мелодӣ баробар аст. Яъне, соли 1880 таърихи ифтитоҳи боғи зикршуда аст.

Саҳбо, чунонки дар мавзуоти тамҳиди Худо, мадҳи амир Абдулаҳад, васфи табиату зебоиҳои он ва рисои фарзанд қасоиди алоҳида дорад, дар мавзуи ҳасбиҳолӣ қасидаи алоҳидае надорад. Мавзуи мазкур дар дохили дигар мавзуъҳои қасоиди шоир, хусусан қасоиди рисоии ӯ, ҷо-ҷо мушоҳида

мешавад. Агар дар ғазалҳои Саҳбо лаҳзаҳои ҳасбиҳолӣ ба нудрат инъикос ёфта бошанд, аз қасидаҳояш баъзе паҳлуҳои шахсият ва рӯзгори ӯро муайян кардан мумкин аст.

Аз қасоиди рисоӣ ё марсиявӣ дар девони Саҳбо танҳо як қасида мавҷуд мебошад. Қасидаи мазкур аз 25 байт иборат буда, шоир эҳтимол онро дар фавти фарзандаш эҷод кардааст; зеро дар абёти зерини он ибораву таркибҳои «сар нокашида сарви ман», «нури дидаам» ва «нури чашми ман»-ро оварда, ки ҳамчунин суханон бештар ба хотири фарзанд гуфта мешавад:

*Сар нокашида сарви ман аз боғи хуррамӣ,*
*Пажмурда инчунин зи самуми хазон шавад.*
*Аз захми чашми золи замон нури дидаам*
*Якбора зери ҳалқаи олам ниҳон шавад...*
*Эй нури чашми ман, зи чӣ хомӯш гаштаӣ?*
*Ҳарфе чӣ мешавад, ки маро з-он даҳон шавад? [36, с.211]*

Неъматулло Муҳаммадсаид дар қиссаи «Саҳбо» дар хусуси писари шоир - Абдуррашид чунин зикр намудааст: «Писари ягонааш Абдуррашид дар 25-солагиаш аз олам гузашт. Абдуррашид қории мукаммали Қуръон, умеду такягоҳи Саҳбо буд. Саҳбо орзу дошт, ки писараш кори ӯро идома дода, ашъорашро ҷамъ оварда, китобҳои падарашро таҳия мекунад. Вале, афсӯс, ҷавонмарг шуд ва ормонҳои падар ношикаста монданд» [25, с. 24].

Дар ҷойи дигари қиссаи мазкур оид ба лаҳзаҳои ҷонсупории духтари шоир – Эркаҷон, ки сари фарзанд меравад ва аз мотамгирии Саҳбо ҷумлаҳои пурсӯзу гудоз оварда шудааст: «Эркаҷон гапашро тамом накарда ҷон дод, чашмонаш кушода монданд. Саҳбо сар ба китфи духтараш гузошта гирист. Чунон навҳа кард, ки аз навҳааш одамони дар ҳавлибуда низ гирён шуданд. Ҳавлӣ дар як он ба мотамсаро табдил ёфт. Саҳбо чун таомули мусулмонон дар ҷавоби зарбаҳои қисмат шукр мегуфт ва боз ҳам дар як гӯшаи дилаш саволе пайдо мешуд: «Худоё, барои кадом гуноҳҳоям ба ман ин қадар азобро раво мебинӣ?» [25, с.25]

Аз матни қасидаи марсия ду фарзияро метавон баён кард. Саҳбо онро барои писараш – Абдуррашиди ҷавонмарг ва ё барои духтараш – Эркаҷони сарифарзандрафта навишта бошад. Аммо аз рӯи он ки Абдуррашид дар синни 25-солагӣ фавтидаву шоир марсияашро ҳам дар ҳудуди 25 байт суруда, тахмин меравад, ки онро барои писараш – Абдуррашид гуфта бошад.

Дар девони шоир дар қатори дигар навъҳои шеърӣ, инчунин 6 қитъа (27 байт) ва 6 фард (6 байт) низ мавҷуд мебошанд. Чунонки дида мешавад, жанрҳои мазкур нисбат ба қасоид ва мухаммасоти ӯ миқдоран хеле кам (33 байт) мебошанд.

Қитъаҳои шоир дар мавзуъҳои ишқӣ, гилагузории шоир пеши дӯст, васфи хӯрокиҳо ва суҳбат бо шамъ суруда шудаанд. Абёти фардиёти Саҳбо 4-тоаш аз рӯи қофиябандӣ мурассаъ буда, байтҳои 2-тои онҳо номурассаъ омадаанд. Аз ҳамин лиҳоз тахмин кардан мумкин аст, ки шоир ин фардбайтҳоро барои ғазалҳои ояндааш гуфта бошад. Дар фардбайтҳои шоир фикрҳои баланди мушаххас ҷой дода шудаанд ва бо ҳамин хусусиятҳояшон онҳо жанри мустақилро соҳиб гардидаанд. Вусъати тахайюл ё хаёлбандии Саҳбо дар фардбайтҳо қобили таваҷҷуҳ аст. Чунончи, дар абёти зерин ҳамин ҳунари шоир эҳсос мешавад:

*Маро як зарра биме нест аз мурдан, вале тарсам,*
*Ки баъди ман майи васлат ба коми дигарон бошад [36, с.230].*

Ва:

*Оби лаъли оташинат дод хокамро ба бод,*
*Ҳасрати ин орзу сад доғ бар ҷонам ниҳод [36, с.230].*

Дар байти яке аз қитъаҳо тахаллуси шоир зикр гардида, дар дигар қитъаву фардиёти шоир тахаллуси ӯ ба назар намерасанд.

Дар девони шоир ҳамчунин 3 мусаддас низ вуҷуд доранд, ки дар умум дорои 72 байт мебошанд. Калонтарини он аз 45 ва хурдтаринаш аз 12 байт иборат мебошад. Мусаддасоти шоир дар мавзуъҳои ишқӣ, марсия «Дар азои Мустафо (с)» ва шиква аз чархи ситамгар суруда шудаанд. Ҳар мусаддас

байти гардоне дорад, ки баъди ҳар банди чаҳормисраии навбатии онҳо такроран оварда мешавад. Чунончи:

*Кокул ба рух фиканд, саборо баҳона кард,*
*Сад чок зад ба ҷайб, қаборо баҳона кард,*
*Зад нештар ба набз, даворо баҳона кард,*
*Хунам фурӯ бирехт, балоро баҳона кард.*
*Моро ба ғамза кушт, қазоро баҳона кард,*
*Рӯ сӯи мо накард, ҳаёро баҳона кард [36, с.328].*

**Хулоса**, қасидаҳои Мирзо Ҳайити Саҳбо ҳамчун идомаи қасидасаройии суннатӣ ба шумор рафта, онҳо ҳам аз ҷиҳати сохту шакл ва аз ҳам аз нигоҳи мавзуъ ва мундариҷа бо қасоиди суннатӣ мувофиқати том доранд.

Саҳбо дар қасоиди худ ибтикорот нишон дода, дар он санъати мувашшаҳро ҷой дода, онро мувофиқи тартиби ҳарфҳои алифбои арабӣ эҷод намудааст, ки чунин амал дар таърихи адабиёти форсу тоҷик собиқа надошт.

Шоир дар қасидаҳояш номи мамдуҳи худро зикр нанамояд ҳам, аз таърихи интишор шудани девонаш (1910) маълум мегардад, ки қасидаҳои мадҳиявии шоир ба мадҳи амир Абдулаҳадхон (1850 – 1910) бахшида шудаанд.

Қасидаҳои Саҳбо аз нигоҳи мавзуъ, умуман, ба чаҳор қисмат: тамҳидиву мадҳиявӣ, васфия, рисоӣ ва шиквоӣ ҷудо мешаванд. Қасоиди тамҳидиву мадҳиявии ӯ дар санои Худо, мадҳи пайғамбар ва ёрони вай, мадҳу санои амир Абдулаҳадхон, миннатдории шоир аз амир қасоиди васфияи ӯ дар васфи наврӯзгоҳи Ширбадан, васфи вилояти Нурато, пазмонӣ аз дурии амир ва иштиёқи дидани дидори ӯ, талаби асп аз амир, васфи чаҳорбоғи Кармина, яхбандии фасли зимистон, пояндагии саломатию давлати амир; қасоиди рисоӣ дар фавти фарзанд ва қасоиди шиквоияи вай шиква аз сиёҳкорону бадгӯёни дарбор, аз аспи қайсар ва ғайраро дар бар мегиранд.

Аз қасидаҳои шоир баъзе паҳлуҳои рӯзгори ӯро пайхас кардан мумкин аст. Саҳбо ҳамчун муқарраби амир Абдулаҳад дар аксар корҳои давлатдорӣ

машваратчии эътимодноки ӯ буда, ҷиҳати беҳтар гардидани вазъи зиндагии худ ба мадҳи мамдуҳи худ пардохтааст.

### Хулосаҳои боби дуюм

Дар **хулосаи боб** бояд қайд кард, ки дар эҷодиёти Саҳбо се жанр: ғазал, қасида ва мухаммас аз нигоҳи басомад, теъдод ва ҳусни таваҷҷуҳи шоир мақоми аз ҳама баланд доранд.

Жанри ғазал миёни кулли дигар жанрҳо дар эҷодиёти шоир ҳам аз ҷиҳати теъдод ва ҳам аз нигоҳи шумораи умумии абёт дар мақоми якум қарор дорад. Ғазалиёти шоир, дар умум, нисфи ашъори ӯро фаро мегирад, дар ҳоле ки дигар анвои шеърии ӯ ҳама – дар якҷоягӣ нисфи дигари ашъорашро ташкил медиҳанд.

Ғазалиёти Саҳбо аз нигоҳи якдастии мавзуъ ба мавзуъҳои воҳид ва пароканда ҷудо мешаванд. Ба навъи якум ғазалҳое тааллуқ доранд, ки дар матни онҳо ваҳдати мавзуъ риоя гардидааст. Ба ин навъ бештар ғазалҳои ишқии шоир тааллуқ доранд. Навъи дуюм ғазалҳое мебошанд, ки дар матни онҳо чанд мавзуъ тасвир гашта, аз нигоҳи якдастӣ ҳамоҳанг нестанд. Дар ин навъ ғазалҳо мавзуъҳои ишқӣ, пандуахлоқӣ, ҳасбиҳолӣ ва шиквоӣ ба ҳам омехтаанд.

Ғазалиёти Саҳбо аз нигоҳи мавзуъ ғанӣ буда, дар садри онҳо мавзуи ишқу муҳаббат қарор дорад. Ҳарчанд ки Саҳбо дар ғазалҳояш ба мавзуъҳои дигар низ, амсоли: панду андарз, тасвири табиат ва зебоиҳои он, мавзуъҳои ҳасбиҳолӣ, шиква аз рӯзгор ва ҷо-ҷо мавзуи мадҳ таваҷҷуҳ кардааст, аммо мавзуъҳои ишқӣ дар маркази тахайюлоти шоиронаи вай қарор дошта, қариб дар ҳамаи ғазалҳояш инъикос гардидааст. Муроҷиати шоир ба дигар мавзуъҳо низ, аксаран, дар ғазалҳое мушоҳида мешаванд, ки мавзуи асосии он ишқу муҳаббат аст. Дар мавзуоти ишқии шоир, аслан, тасвири ҳолоти ботинию равонии худи шоир ва бар асари ин, шикваю шикоят аз номеҳрубонию сангиндилии маъшуқа, тавсифи зебоиҳои маъшуқа ва амсоли инҳо мавқеи намоён доранд.

Дар ғазалиёти Саҳбо ҷо-ҷо ғазалҳое низ дида мешаванд, ки куллан орӣ аз мавзуҳои ишқиянд. Ин гуна ғазалҳо дар мавзуъҳои пандуандарзӣ, шиквоӣ, ҳасбиҳолӣ навишта шудаанд.

Дар ғазалиёти Саҳбо мурочиат ба аркони дину шариат, амсоли: шайху зоҳид, воизу муфтӣ ва монанди инҳо, ки дар ғазалҳои шоирони пешин, бахусус сабки ироқӣ аз мавзуоти марказӣ ба ҳисоб мерафтанд, чандон таваҷҷуҳе нашудааст.

Миёни ғазалиёти Саҳбо як ғазал бо истифода аз номи хӯроквориҳо бархӯрд мешавад. Гумон меравад, Саҳбо ин ғазалашро танҳо ҷиҳати озмуни табъ ва ё бар асари ривоҷи шаҳрошӯбнависӣ навиштааст.

Мадҳ дар ғазалиёти Саҳбо чандон мавқеъ надорад. Агарчи дар замони Саҳбо дар жанри ғазал, ба хосса дар қисмати абёти охири он, мадҳу ситоиш аз аркону бузургони давлат гоҳ-гоҳ ба назар мерасад, аммо Саҳбо дар ин жанр ба мадҳ рӯй оварданро он қадар намеписандидааст.

Саҳбо нисбат ба корбурди тахаллус таваҷҷуҳи хос доштааст, чун дар 177 ғазали вай тахаллус мушоҳида мешавад. Тахаллуси шоир дар ҳама ғазалҳои вай дар байти мақтаъ корбурд шудааст, ки ин аз риояи анъанаи ғазалсаройии шоир гувоҳӣ медиҳад.

Саҳбо дар навиштани мухаммас аксаран ҳудуди 25 мисраъро ихтиёр намудааст, ки ин 48,1 фоизи мухаммасҳои шоирро ташкил медиҳад. Мухаммасҳое, ки аз 25 мисраъ бештаранд, ё мухаммас-мувашшаҳанд, ё мухаммасҳои мадҳӣ ва ё мухаммасҳои бар ғазалҳои шоирон басташудаи Саҳбо мебошанд.

Мирзо Ҳайити Саҳбо дар мухаммасгӯӣ баъзан қолаби анъанавию маъмулии онро шикаста, дар чанде аз мухаммасҳои худ мисраи панҷуми ҳар банди онро такроран оварда, дар он зарбулмасал ва ё мақоли халқиро истифода намудааст.

Мирзо Ҳайити Саҳбо дар мухаммасгӯӣ ибтикор нишон дода, дар яке аз мухаммасҳои худ санъати мувашшаҳро ҷой додааст.

Қасоиди Саҳбо аз нигоҳи теъдод 26 адад буда, бузургтарини он дорои 47 байт ва хурдтарин дорои 7 байт мебошад. Агарчи қасоиди шоир аз нигоҳи сохту мундариҷа дар пайравӣ ба шоирони пешин навишта шудаанд, аммо Саҳбо дар мавриди жанри мазкур тавассути истифода аз санъати мувашшаҳ ибтикорот нишон додааст. Дар як қасидаи 30-байтии хеш Саҳбо бо истифода аз 28 ҳарфи арабӣ исми ҳар якеро ҷиҳати тасвиру тавсифи ҷалоли Худо ба кор бурда, бад-ин тариқ, на танҳо дар навъи қасидаи тамҳидӣ, умуман дар жанри қасида, ибтикорот нишон додааст.

Қасоиди Саҳбо аз нигоҳи дарбаргирии мавзуъ ба тамҳидӣ, мадҳӣ, динӣ-мазҳабӣ (наът, муноҷот, ҳамд), маснуъ, рисоия ва васфия ё тасвири зебоиҳои боғҳову табиат ҷудо мешаванд. Нахустин қасидаи шоир тамҳидӣ буда, аз 35 байт иборат аст. Қисми зиёди қасоиди шоир ба мадҳу ситоиши Амир Абдулаҳад бахшида шудаанд. Як қасидаи Саҳбо рисоӣ буда, ба фавти фарзандаш ихтисос ёфтааст.

Қитъаҳои Саҳбо дар мавзуъҳои ишқӣ, гилагузории шоир пеши дӯст, васфи хӯрокиҳо ва суҳбат бо шамъ суруда шуда, абёти фардиёти Саҳбо 4-тоаш аз рӯи қофиябандӣ мурассаъ буда, 2-тояш номурассаанд. Дар байти яке аз қитъаҳо тахаллуси шоир зикр гардида, дар дигар қитъаву фардиёти шоир тахаллуси ӯ ба назар намерасад.

Теъдоди мусаддасоти шоир 4-то буда, дар мавзуъҳои ишқӣ, марсия «Дар азои Мустафо (с)» ва шиква аз чархи ситамгар суруда шуда, байти гардонашон баъди ҳар банди навбатии онҳо такроран меоянд.

# БОБИ 3. ХУСУСИЯТҲОИ САБКӢ ВА ПОЭТИКИИ АШЪОРИ САҲБО

## 3.1. Вижагиҳои сабкии ашъори Саҳбо

Адабиёти тоҷик дар нимаи асри XIX ва ибтидои асри XX вобаста ба авзои сиёсӣ-иҷтимоии замон ва шароити ҳоким рушду нумуъ намуда, дар чанд самт хатти инкишофу таҳаввулотро сипарӣ мекард. Муҳаққиқони адабиёти ин давра афкори адабӣ, мавқеъ ва ақидаҳои ҷамъиятии адибони тоҷикро ба се равияи адабӣ ҷудо кардаанд: динию дарборӣ, анъанавию бедилӣ ва ҷадидӣ-маорифпарварӣ [95, с. 521-522; 46, с. 49-50].

Профессор Н. Сайфиев ин се равияи маъмули аҳди ҷадидияро мавриди таҳлил қарор дода, мақоми равияи сеюмро дар адабиёти ибтидои асри XX асосӣ меҳисобад. «Намояндагони ин равияи адабӣ бо мавзуъ ва мазмунҳои нави тасвири бадеӣ қадами ҷиддие ба пеш гузошта буданд. Дар баробари ин, …онҳо дар сабку услуби нигоришот ва демократӣ кардани забони асарҳои бадеӣ низ нақши намоён доранд» [126, с. 541-542].

Адабиётшинос Аламхон Кӯчаров дар иртибот бар ин мавзуъ қайд менамояд, ки «дар ибтидои асри XX адабиёти тоҷик низ аз ҷиҳати мундариҷа, лафз ва услуби нигариш ба дигаргуниҳо ва тағйироти ҷиддӣ мувоҷеҳ шуд, ба дараҷае ки устод Айнӣ онро оғози адабиёти давраи нави тоҷик медонад» [89, с. 123].

Аммо муҳаққиқи мазкур дар байни намояндагони равияҳои адабии анъанавӣ ва ҷадидия садди ҷиддӣ намегузорад ва муътақиди он аст, ки «қариб ҳамаи шоирони навпардози аҳди ҷадидия дар аввал идомадиҳандаи анъанаи ашъори гузаштагон будаанд ва ба намунаҳои барҷастаи ашъори Низомӣ, Саъдӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҳофиз, Камоли Хуҷандӣ, Шоҳин такя карда, хусусиятҳои муҳимми шаклию услуби бадеии ашъори онҳоро идома ва инкишоф медоданд» [89, с. 123].

Номбурда барои тақвияти фикр аз эҷодиёти Мунзим, Абдурауфи Фитрат ва Аҳмадҷони Ҳамдӣ мисолҳо овардааст. Вале перомуни бартарияти

адабиёти маорифпарварию ҷадидия аз равияи анъанавии адабиёт нуқтаи назари профессор Х. Асозода дигаргуна садо додааст. «Табиист, ки ин ҳолат (китобҳои саёҳатномаву сафарномаҳо, тарғиби мактабу маориф – Ё.Ш.) бахши публитсистии адабиётро қавӣ кунонида, ҷиҳатҳои тасвирӣ не, балки нақлии онро ба ҷойи аввал гузошт. «Адабиёт бештар сари мавзуъҳое баҳс орост, ки умри дарозе надоштанд ва дар инъикоси онҳо ҳунари зиёди нависандагӣ ба кор намерафт. Мушаххасияти мавзуъ буд, аммо дар фардияти инсони бадеӣ костагӣ рух дод» [65, с. 50].

Аз даврабандиҳои муҳаққиқони адабиёт маълум мегардад, ки замони зиндагии Мирзо Ҳайити Саҳбо ба замони таҳаввулоти ҷиддии адабӣ, аз ҷумла аз нигоҳи андешаи иҷтимоӣ: ба вуҷуд омадани афкори маорифпарварию таҷаддудхоҳӣ ва аз нигоҳи сабку баён: ба бозгашти адабӣ рост меояд ва ин гардиш ва ё сабки адабӣ ба эҷодиёти шоирони Бухоро низ бетаъсир набуд. Ва мушаххасоти шеъри ин давраро адабиётшиносон аз лиҳози шаклу маънӣ дар китобу мақолаҳои хеш баён намудаанд. Аз ҷумла Сируси Шамисо шеъри ин давраи форсиро мавриди тадқиқ қарор дода, вазъи шеъри давраи бозгаштро чунин ба риштаи тасвир кашидааст: «Қасида дар давраи бозгашт дорои ҳеҷ гуна асолате нест, нусхаи дувуми ашъори қудамо сабки хуросонӣ ва ироқӣ аст. Ҳар шоире, ки шеъраш ба нусхаи аслӣ наздиктар буд, аз шуҳрати бештаре баҳра дошт» [169, с.194]. Баъдан ӯ таъкид менамояд, ки «он чӣ дар боби қасидаи сабки бозгашт гуфтем, дар боби ғазали ин сабк сидқ намекунад. Ғазали давраи бозгашт маҷмуест аз аносири тарзҳои мухталиф, аз қабили шеваи Саъдӣ, Ҳофиз, Бобо Фиғонӣ ва ҳатто шоирони сабки ҳиндӣ ва албатта гоҳ худ низ ба нудрат андак тозагиҳое дорад. Аз ин рӯй, ғазали ин давра гоҳ бисёр ҷолиб аст» [169, с. 195-196].

Он чи муҳаққиқи боло дар хусуси шеваи баёни шоирони давраи мазкур дар жанри ғазал қайд намудааст, онро метавон дар мавриди ашъори Саҳбо, махсусан ғазалиёташ, истиқбол кард. Зеро дар ҳунари ғазалсароии Саҳбо, агар аз як тараф, дар нигоҳ бар осонбаёнию содагӯйӣ таъсири шоирони сабки хуросонию ироқӣ ба чашм расад, аз ҷониби дигар, корбурди қисмате аз

вожаҳои мураккаби тааммулталабу мушкилфаҳм таъсири шоирони сабки ҳиндӣ мушоҳида мешавад.

Ҳунари шоирӣ ва сабку шеваи баёни Саҳбо дар ғазалҳояш ҷилваи махсус дошта, маҳз аз тариқи жанри мазкур вижагиҳои зиёди ашъори ӯ, ба вижа забону услуби ӯро то ҷое метавон муайян кард. Ғазалиёти Саҳбо аз нигоҳи сабк хусусиятҳои худро доро мебошанд. Ӯ аксарияти шеърҳояшро дар сабки ироқӣ гуфтааст, вале барои санҷиши табъи худ гоҳ-гоҳ дар пайравии шоирони сабки ҳиндӣ низ ғазалҳо сурудааст.

Аммо, бояд зикр кард, ки ғазалҳои душворфаҳми Саҳбо, ки дар онҳо таркибу ифодаҳои тааммулталаб истифода шудаанд, дар қиёс бо ғазалҳои осонфаҳми вай, ки ду сабки пешин, бахусус ироқиро ба хотир меоваранд, хеле кам мебошанд. Чунончи, ғазали зерини Саҳбо бо равонию содагии худ ғазалиёти сабки ироқиро ба ёд меоварад, зеро дар он калимаву ибора ё таркибу ифодаҳои мушкилфаҳму тааммулталаб, ки дар бархе аз ғазалҳоияш корбурд шудаанд, мушоҳида намешаванд:

*Қосиде ку, ки зи ман нома ба дилдор барад,*
*Хокбӯсӣ зи мани зор ба он ёр барад.*
*Лоласон чоки дили хуншудаамро гӯяд,*
*Ашкафшонии ин дидаи хунбор барад.*
*Як салом аз мани афтодаи маҳзун шунавад,*
*Ки бар он маҳваши симинбари айёр барад.*
*Ҷигари решу тани костаам дид кунун,*
*Шарҳи ҳолам бари он ёр ба зинҳор барад.*
*Ашк дар ёди висолаш давад аз қулзуми чашм,*
*Баҳри исори қудумаш дури шаҳвор барад.*
*Нолаву оҳу фиғоне, ки кунам чун булбул,*
*Аз навоям асаре бар бути гулзор барад.*
*Чашми Саҳбо ба раҳаш шому саҳар мунтазир аст,*
*Хабари мунтазириҳои мани зор барад [36, с. 97].*

Чунонки дида мешавад, ғазали мазкур бар иловаи содаву равон будан, ҷолибу хотирнишин низ мебошад. Юсуф Акбарзод дар иртибот бар шеъри ҷаззоб қайд карда, ки он аз нахустин мисраъҳои худ таваҷҷуҳи дигаронро ба худ ҷалб менамояд [54, с.91]. Андешаи адабиётшиноси мазкур дар мавриди ғазали боло ҳам қобили қабул аст, зеро он тавассути вожаҳо ва ибораву таркибҳои содаву дилнишин, амсоли: «қосид», «хокбӯсӣ», «лоласон», «ашкафшонӣ», «айёр», «маҳваши симинбар», «чоки дил», «дидаи хунбор», «тани коста», «қулзуми чашм», «хабари мунтазириҳо», бо он ки ҳамагӣ обшуставу такрорианд, як навъ ҷолибиятро бар худ касб мекунад ва диққати хонандаро аз аввалин мисраъҳову байтҳо ба худ мекашад.

Инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки сурудани шеър ба сабки ҳиндӣ дар адабиёти замони Саҳбо ҳанӯз ҳам ривоҷ дошт ва ашъори шоирони ин сабк, бахусус равиши бедилӣ, сармашқи қисмате аз шоирон низ буд. Бинобар ин, Саҳбо, албатта, аз муҳити адабӣ ва равишҳои он бетаъсир буда наметавонист. Аммо, агар Саҳбо дар мавриди корбурди таркибу ифодаҳои тааммулталаб такя бар шоирони сабки ҳиндӣ карда бошад, дар мавриди содагии умумии забон бештар пайравӣ ба шоирони сабки ироқӣ намудааст. Ин ҳолат дар дигар шоирони форсу тоҷик низ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, Шарофиддин Асомиддинзода, таҳиягари девони шоири асри XVIII Воқифи Лоҳурӣ [23], зимни таҳқиқи ғазалҳои шоири мазкур ба сабки эҷоди ӯ дахл намуда, дар хусуси бо сабки ҳиндӣ ғазал насурудани ӯ чунин ақида рондааст: «Гарчанде Воқифи Лоҳурӣ ғазалҳои худро дар сабки ҳиндӣ эҷод накарда бошад ҳам, дар баъзе абёти ӯ нишонаҳои сабки ҳиндиро дидан мумкин аст. Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки шояд шуарои пешин ва муосири Воқиф, ки дар сабки ҳиндӣ эҷод кардаанд, ба ӯ таъсири худро гузошта бошанд. Воқиф дар эҷодиёти хеш ашъори устодони сабки ҳиндиро сармашқи кори худ қарор дода бошад ҳам, вале худ равияи муътадили ин сабкро пайравӣ кардааст» [66, с.73].

Амирбек Ҳабибов ҳам дар иртибот бо шоир Ҷамили Бадахшӣ дар китоби «Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон» чунин ибрози ақида

намудааст: «Сабки шеър эҷод кардани Ҷамил хеле сода ва фаҳмост, вале ба сабки ҳиндӣ, ки замони ташаккулро аз сар мегузаронд, шеър нагуфтааст. Ашъори ин шоир аз рӯи лафз, обуранги бадеӣ, истифодаи воситаҳои бадеӣ ва ғайра хеле равшан ва ҳамафаҳм мебошад» [155, с. 99].

Агар гуфтаҳои болоро ба ғазалҳои Мирзо Ҳайити Саҳбо низ нисбат диҳем, ҳеҷ ҷойи шакку шубҳае намемонад, зеро ӯ ҳам бар замми пайравии ғазалҳои шоирони сабкӣ ҳиндӣ карданаш, аксарияти шеърҳои худро дар сабки ироқӣ сурудааст. Чӣ хеле ки аз ғазалиёти Сахбо дида мешавад, яке аз назаррастарин хусусиятҳои сабкии ашъори ӯ – ин содабаёнӣ ба шумор меравад, ки маҳз аз тариқи ҳамин вижагӣ шеваи сухансароии вай бо сабкҳои қаблӣ алоқа пайдо менамояд.  Саҳбо бо тарзи хосси худ, сода, равон, фасеҳу равшан ва бе ягон сохтакориҳои маснуӣ шеър мегуфт. Ҳамин аст, ки хонанда ҳангоми мутолиаи ашъори шоир, аслан, душвориеро эҳсос намекунад ва мазмуни шеъри ӯро дар аксари мавридҳо бе мушкилӣ дарк менамояд. Саҳбо ба мисли шоирони гузаштаи сарзамини Ҳинд, амсоли Абулфайзи Файзӣ шеъри маснуӣ нагуфтааст. Абулфайзи Файзӣ ҳатто баъзе шеърҳои худро бо ҳарфҳои бенуқта менавишт ва бо ин восита мехост, ки маҳорати шоирии худро ба намоиш гузорад, вале ин сохтакории ӯ боиси ҳаҷви шоирони замонаш гардида буд. Адабиётшинос Зоҳир Аҳрорӣ дар бораи ба мамлакати Ҳинду Покистон сафар кардану сабки ҳиндиро қабул накардани Абдурраҳмон Мушфиқӣ ва бо ҳамон тарзи гузаштагони худ шеър гуфтани ӯ чунин ишорае мекунад: «Мушфиқӣ, баръакс, вай ба он сабки душворписанд ба назари манфӣ нигарист. Дар ин бора қитъаи дар хусуси як рисолаи бенуқтаи муътабартарин шоири дарбори Акбар - Файзии Даканӣ ба тариқи ҳаҷв навиштаи шоир далели равшан мебошад.

Чунончи:

*Омад аз Ҳинд нуктаи Файзӣ,*
*Силие аз барои ӯ силаст.*
*Нуқтае дар иборати ӯ нест*
*Суханонаш ҳуруфи муҳмал аст [67, с. 254].*

Тарзу шеваи суханварии Саҳбо низ дар бештари маврид ба монанди Мушфиқӣ, Сайидои Насафӣ содаву оммафаҳм аст. Содабаёнии Саҳбо, қабл аз ҳама, дар корбурди вожаҳо ва алфозу ифодаҳои хосси забони муҳовара ё зиндаи халқ таҷассум меёбад.

Тавре ки аз омӯзиши равияҳои адабӣ огаҳӣ дорем, дар нимаи асри XVIII ва асри XIX дар кишвари Эрон сабки «бозгашт» ба миён омад ва шоирони он замон на танҳо дар Эрон, балки дар Ҳиндустон ва Хуросон низ онро пайравӣ карда, ашъори худро ба тарзи сабки қудамо (хуросонию ироқӣ - Ё.Ш.) эҷод мекарданд. Бобобек Раҳимӣ дуруст зикр менамояд, ки «бо зуҳури равияи «бозгашт» на танҳо шеъри Бедил ва шоирони ҳамранги ӯ Ғании Кашмирӣ (ваф. 1668) ва Носиралии Сарҳиндӣ (1639–1697) инкор карда шуд, балки иддаи зиёди шоирони сабки ҳиндӣ, аз Урфию Зуҳурӣ то Калиму Соиб дар муҳити адабии асрҳои XVIII–XIX Эрон фаромӯш шуданд» [119, с. 518].

Сода будани ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо муҷиби он аст, ки ӯ анъанаи аз асрҳои пешин идомадоштаро пайравӣ кардааст. Дар ҷараёни мутолиаи ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо хонанда, аслан, дучори душворие намегардад, зеро ӯ дар аксари мавридҳо мақсаду матлаби худро возеҳу равшан баён карда тавонистааст.

Роҷеъ ба содаву фаҳмо гуфтани шеър Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» чунин нигоштааст: «Агар ғазалу тарона гӯйӣ, саҳлу латиф ва тар гӯй ва ба қавофии маъруф гӯй, тозиҳои сарду ғариб магӯй ва бар ҳасби ҳолҳои ошиқона ва суханҳои латиф гӯй ва амсолҳои хуш ба кор дор, чунонки хоссу омро хуш ояд, то шеъри ту маъруф гардад» [21, с.130].

Ҳамин аст, ки забони шеъри Саҳбо басо равону салис ва бо табиати муҳовараи мардуми маҳаллӣ наздикию қаробат дорад. Нозукандешию навпардозӣ, навҷӯию навгӯиҳо на дар ашколи шеърӣ, балки дар мазмуну муҳтавои шеъри шоир бештар ба назар мерасанд ва бо ин гуна хусусиёташ шеъри ӯ аз шеъри дигарон фарқ карда меистад. Каломи Саҳбо, дар умум, дорои як навъ вижагии хос аст, ки тарзи суханронии ӯро аз дигар намояндагони сабки ҳиндӣ каме ҷудо менамояд. Ин вижагӣ дар асолат ва

содагии сухани ӯ нуҳуфтааст. Адабиётшинос Юсуф Акбарзод каломи мавзунро агар «дар мазмун, маънӣ, афкор, тарзи образофаринӣ, сабку услуби ифода... навие надошта бошад, аслан шеъри асил нест», - гуфтааст, ки қобили таваҷҷуҳ аст [55, с.158]. Шеъри Саҳбо, дар умум, шеъри асил аст, чун дар он аз бисёр ҷиҳат як навъ асолати гуфтор эҳсос мешавад. Чунончи, дар забон ва тарзи баён шеъри ӯ намунаи сухани асили форсӣ-тоҷикист. Саҳбо аз мураккаббаёнию печидагӯӣ, ки хосси шоирони сабки ҳиндӣ мебошад, аслан иҷтиноб варзида, дар аксари маворид шеваи содабаёниро касб намудааст. Содабаёнии Саҳбо баъзан забони ӯро ба забони муҳовараи мардум наздик менамояд. Саҳбо дар баробари истифодаи калимаву вожаҳои сода, яктаркибаву бисёртаркиба, инчунин дар баъзе ҳолатҳо шакли ҷамъбандии арабию тоҷикии вожаҳоро низ дар якҷоягӣ корбаст намудааст. Масалан, ӯ калимаи арабии «ашҷор»-ро, ки худ ҷамъи шикастаи «шаҷар» мебошад, дар шакли «ашҷорҳо» овардааст, ки чунин корбасти калима аслан хосси забони гуфтугӯйӣ-халқист:

*Ашҷорҳо ба саҳни гулистон ба ҳар тараф,*

*Сад боғи баргу бар ба сари шох баркашид [36, с. 69].*

Яке аз хусусиятҳои услубии ғазалиёти Саҳбо – ин корбурди вожаҳои халқӣ ва ё талаффузи халқиёнаи вожаҳо мебошад. Мирзо Ҳайити Саҳбо ба монанди шоирони дигари замони худ барои ба табъи хонандаи одӣ ва хоссу ом наздиктар шудани шеъраш дар девони худ низ калимаю ибораҳоро аз забони мардуми маҳаллӣ истифода кардааст. Чунончи, чанде аз ин калимаҳои «айғоқ» [36, с.112], «ганда» [36, с.167], «ниго» [36, с.125], «паго» [36, с.169], «ҷанда» [36, с.167], «шилтоқ» [36, с.117] ба ҳисоб мераванд. Яке аз вижагии корбурди вожаҳои мазкур дар матни ғазалҳои шоир – ин дар мавзуи ишқ ва ҳолоти ишқӣ ба кор бурдани онҳост. Аскар Ҳакимов аз ҷониби шоирон истифода шудани калимаю ибораҳои халқиро «барои инъикоси таассурот ва тасаввурот аз дунёи хориҷ ва ботин», таровишҳои қалбӣ, характер ва идроки қаҳрамони лирикӣ ва ё худи

шоир» қаламдод карда, зикр намудааст, ки онҳо «барои ифодаи ҷиҳатҳои индивидуалии шахсият хизмат мекунанд» [156, с.68].

Дар ашъори лирикии Саҳбо низ гуфтаҳои Аскар Ҳаким собит мегарданд, зеро шоир дар аксари мавридҳо вожаҳою ибораҳои халқиро маҳз дар мавзуи ишқ, ҳолоти ошиқу маъшуқ ва баёни ҳолатҳои ошиқона истифода карда, бо ин роҳ таассуроти қалбии хешро инъикос намудааст. Чунончи:

*Ҳарфи мо ношуниданат* ***ганда,***
*Доман аз мо кашиданат* ***ганда*** *[*36*, с.167].*

Дар ҳамин маврид, яъне истиқбол аз забони зинда ва ба истилоҳ, кӯчаву бозор, шеъри Саҳбо ва тарзи баёни ӯ бо шеъри сабки ҳиндӣ наздикӣ пайдо мекунад, чун яке аз хусусиятҳои назаррас дар шеъри сабки мазкур – ин корбурди бепарвоёна аз малфузоти мардум ё забони зиндаи халқ мебошад, ки дар ду сабки бузурги қаблӣ – хуросонӣ ва ироқӣ дар ин маврид аз ҷониби шоирон эҳтиёткорӣ мешуд.

Дар бораи истифода бурдани вожаҳои маҳаллӣ дар ашъори шоирони сабки ҳиндӣ Шуҷоиддини Хуросонӣ гуфтааст: «Наздикии забони мактаби ҳиндӣ бо гуфтори авом, аз як тараф, агар сатҳи адабии адабиёти хос ва ашрофро поён оварда бошад, аз сӯйи дигар, муҷиби қурби ин шеър бо халқуллоҳ ва ғаномандӣ ва зарфияти густурдаи ганҷинаи луғавии порсӣ ҳам гардидааст» [151, с.153].

Як хусусияти дигаре, ки тавассути он шеъри Саҳбо ва шеваи гуфтори ӯ аз шоирони сабкҳои қаблӣ фосила пайдо карда, бо сабки ҳиндӣ, баръакс, наздикӣ пайдо менамояд, ин корбурди вожаву ифодаҳои тааммулталабу мушкилфаҳм мебошад. Бояд қайд кард, ки содабаёнию оммафаҳмие, ки дар боло дар хусуси шеваи ғазалсароии Саҳбо қайд намудем, нишондиҳандаи ин матлаб нест, ки Саҳбо пурра пайравӣ ба шоирони хуросонӣ ё ироқӣ карда бошад. Дар қисмате аз ғазалҳои Саҳбо агар содагии гуфтор ва шеваи баёни оммафаҳм мушоҳида шуда, тарзи баёни ӯро бо шоирони сабкҳои пешин наздик гардонад, дар як қисми ғазалҳои

вай бо ба кор гирифтани вожаҳои нисбатан мушкилфаҳм, баръакс, шеваи баёни ӯ бо шоирони сабки ҳиндӣ наздик мешавад. Зеро дар муҳит будану аз муҳит таъсир нагирифтан ғайриимкон аст. Анъанаи ғазалсароии шоирони сабки ҳиндӣ, хусусан охирин намояндаи бузурги он – Мирзо Абдулқодири Бедил, ки баъдтар муҳаққиқон мактаби ӯро ба ҷиҳати мушкилбаёнӣ ва печидагии баён аз сабки ҳиндӣ ҷудо намуданд, дар замони Саҳбо ва ҳатто баъд аз ӯ низ ривоҷ дошт.

Барои мисол, дар поён яке аз ғазалҳои дар сабки ҳиндӣ эҷодкардаи шоирро намуна меорем:

*То ба сайри гулшан он сарви сиҳиболо гузашт,*
*Нолаи қумрӣ ҳам аз ин чархи сандалсо гузашт.*
*Баҳри побӯсаш ба ҳар сӯ баски кардам изтироб,*
*Аз ҳуҷуми шавқ ҳар соат сарам аз по гузашт.*
*Он қадар аз яъси матлаб оби хиҷлат рехтам,*
*Оби рӯям, к-аз шитоби рафтан аз дарё гузашт.*
*Сояи боли ҳумо бар фарқи ҳар ноаҳл нест,*
*Кори уқбо мекунад он кас, ки аз дунё гузашт...*
*Дар ҳуҷуми яъс фикри роҳату меҳнат куҷост?*
*Нест тадбир он замон об аз сари Саҳбо гузашт [36, с.46].*

Доктор Сируси Шамисо дар китоби «Сайри ғазал дар шеъри форсӣ» дар фасли «Мазмуни ғазали ҳиндӣ» доир ба мазмуну муҳтавои жанри ғазал дар сабки ҳиндӣ бар чунин ақида аст, ки дар ғазали сабки мазкур такяи асосӣ бар мазмунёбӣ аст ва ҳамин такя бар мазмунёбист, ки андак-андак корро ба ифрот (ва албатта на ба ибтизол) мекашонад ва мазомини аҷиб ва ғариберо вориди шеър мекунад» [170, с.181]. Чунонки дида мешавад, ғазали болои Саҳбо ҳам нисбат ба қисмате аз ғазалҳои осонфаҳми вай, баръакс, тааммулталаб мебошад. Дар ғазали мазкур таркибу ибораҳое, амсоли: «нолаи қумрӣ аз чархи сандалсо гузаштан», «баҳри побӯс ба ҳар сӯ изтироб кардан», «оби рӯ дар шитоби рафтан аз дарё гузаштан», «сояи боли ҳумо бар фарқи ҳар ноаҳл набудан», «аз ҳуҷуми шавқ ҳар соат сар аз по гузаштан», «аз яъси

матлаб оби хиҷлат рехтан», «саъйи норасо», «авҷи матлаб», «азми сурайё кардан», «фитрати паст», «ҳарфи берабт бурун аз хотири доно гузаштан», «сози дилҳоро ба ғайр аз оҳанги бехудӣ набудан» истифода гардидаанд, ки бештар хосси сабки ҳиндӣ мебошанд.

Дар сабки ҳиндӣ, бо ин ки вожаҳову таркибҳои зиёди содаву оммафаҳм ва ҳатто, алфози ба истилоҳ кӯчаву бозор зиёд истифода мешуд, дар баробари ин, вожаҳои вофири тааммулталабу мураккаббаён низ ба кор гирифта мешуд. Агарчи назири вожаҳои мураккаби тааммулталаб дар шеъри сабки ироқӣ низ зиёд дида мешавад, онҳо бештар марбут бар ирфону маорифи қалбӣ буда, ҷанбаи рамзию истилоҳӣ доранд. Аммо, дар шеъри сабки ҳиндӣ, бурун аз ҷанбаи рамзиву истилоҳӣ, вожаҳои зиёди мураккабу тааммулталаб корбурд мешаванд, ки ҷанбаи тахайюлию тасвирӣ доранд ва аз тариқи онҳо тасвирҳои шоирона обу ранги бештар пайдо менамоянд.

Дар ғазалиёти Саҳбо низ ҳамин хусусияти шеъри сабки ҳиндӣ, ки авҷи истифодаи он дар ашъори Бедил ва намояндагони мактаби ӯ мушоҳида мешавад, баръало ба чашм мерасад. Дар ашъори Саҳбо, ба вижа ғазалҳояш, ҷуз аз таваҷҷуҳ бар луғати авом ва алфози гуфтугӯйӣ, ҳамчунин, корбурди вожаҳои зиёди мураккаб мушоҳида мешавад ва то ҷое шеваи баёни ӯро бо шоирони сабки ҳиндӣ наздиктар менамояд. Чунончи, дар ашъори ӯ вожаҳои зиёде, амсоли: «қубҳатобод», «ҷунунпаймо», «адамоҳанг», «барбастабодом», «булбулнаво», «гулгунсавор», «қадаҳсубҳӣ», «ишратгузин», «аблаҳфиребӣ», «лаъбгоҳ», «сарвиноз», «бисмилистон», «оташмизоҷ», «шабистон», «фитнаангез», «ҳайратобод», «тарабобод», «нишотбахш», «сафогустар», «баргаштанигоҳ», «бишкастакулоҳ», «наврустанигоҳ», «лиллаҳулҳамд», «ваҳшиғизолон», «ваҳшатсиришт», «дилбарфирор», «меҳрфиреб», «анқоибрат», «пойбандиибрат», «сияҳмаст», «болрехта», «афзунтирозиҳо», «байтулэҳзон», «накҳатафзотар» -ро метавон вохӯрд, ки назири онҳо дар ғазалиёти Толиби Омӯлӣ, Калими Кошонӣ, ба хусус Бедили Деҳлавӣ, бисёр ба чашм мерасад.

Тавассути корбурди вожаҳои мураккаби навъи боло андешаҳои шоиронаи Саҳбо бадеътар гашта, ҷанбаи тасвирии таъсирбахштаре бар худ мегиранд. Адабиётшинос Умар Сафар дар мавриди робитаи зеҳни шоир бо вожа ва муносибати ӯ бо чигунагии корбурди вожаҳо қайд менамояд, ки «шоир дар ҷаҳону коргоҳи эҷоди хеш ҳамроҳ бо вожагони забон ба сар мебарад. Танҳо ӯ метавонад ба обу гили ин калимот зебоӣ бисозад, деворҳои нақшини рӯзгори моро бино бикунад» [133, с.143]. Дар иртибот бо гуфтаҳои адабиётшиноси мазкур дар ғазалиёти Саҳбо намунаҳои зиёдеро метавон пайдо кард, ки дар онҳо шоир тавассути вожагони амсоли боло дар зинат додани каломи мавзуни хеш муваффақ гаштааст. Чунончи, дар байти зерин бо истифода аз вожаи мураккаби «барбастабодом», ки киноят аз чашмони махмури маъшуқа аст, образи ғиноӣ – маъшуқа бо ҳам зеботар гардидааст:

*Ҳамоғӯши тамошои қаду чашми ту гардидам,*

*Бувад аз нахли гул сайри гули* ***барбастабодоме*** *[36, с. 187].*

Дар байти зер ҳам бо истифода аз ду вожаи зебои мураккаб: «таронасанҷ» ва «бадшиор», хусусан вожаи якум, шоир ба тасвири зебое муваффақ гардидааст:

*Сар то қадам ба ёди ту гаштам* ***таронасанҷ,***

*Азбас ғами ту рехт ба дил* ***чархи бадшиор*** *[36, с.135].*

Аскар Ҳаким дар иртибот бо дарёфтҳои ҳунарии шоир, ки тавассути вожаҳои офаридаи худи шоир сурат мегиранд, қайд кардааст, ки «вақте ки калима барои ифодаи мафҳуми батамом дигаре меояд, вай ягона ва нотакрор аст ва он мафҳуми тозаро танҳо дар ҳамон матн ифода мекунаду бас. Ин ҳолат дар асари бадеӣ маҳсули тафаккур ва тахайюлоти фикрии адиб буда, кашфиёти шоиронаи ӯ ҳисобида мешавад» [156, с.133]. Дар такя ба гуфтаҳои мунаққиди мазкур бояд зикр кард, ки дар байти Саҳбо, агарчи миёни ҳар ду ҷузъи вожаи мураккаби «таронасанҷ» («тарона» ва «санҷ») робитаи мантиқӣ вуҷуд надорад, аммо шоир тавонистааст, бо ба ҳам овардани ҳар ду ҷузъ образ ва мазмуни нави шоиронаро ба вуҷуд биёрад. Феъли «санҷидан», аслан, бори истилоҳӣ ва илмӣ дорад ва бо вожаҳое, ки қобили санҷидану

ченак мебошанд, робитаи мантиқӣ дорад; аммо шоир бо истифода аз феъли мазкур маънои нави бадеи (на луғавию истилоҳӣ)-ро офаридааст. Вожаи «таронасанҷ» ҷанбаи асарбахшии байтро бештар намудааст. Яъне: сар то қадами ту (маъшуқа)-ро бо таронасанҷ месанҷам. Гӯё таронасанҷ асбобе бошад, ки шоир тавассути он қадду басти маъшуқаи худро месанҷад. Вале ин ҷо нозукии адо нуҳуфтааст, манзури шоир ин аст, ки сар то қадами маъшуқа чун тарона зебост ва назокату мавзунии онро бо тарона метавон маълум кард. Юсуфи Акбарзод дар иртибот бо шеъри баланд қайд кардааст, ки комёб шудани шоир ба чунин шеър «на аз тариқи тасвирҳои тоза ва таркибҳои равон, балки аз тариқи андешаи баланд сурат мепазирад» [56, с.126]. Гуфтаҳои адабиётшиноси мазкур дар мавриди байти Саҳбо қобили қабул аст, зеро дар он тахайюли баланди шоир мақоми аввалро ишғол менамояд.

Яке аз хусусиятҳои назарраси сабкӣ дар ашъори Саҳбо – ин корбурди зиёди вожаҳои хосси таббохӣ ё хӯрокпазӣ ва мусиқӣ ба ҳисоб меравад. Дар ашъори ҳар шоир дар иртибот бо хасисаҳои забонию сабкии ӯ, вожаҳову таркибҳо ва истилоҳоте мушоҳида мешаванд, ки таваҷҷуҳи шоир дар корбурди онҳо бештар мебошад. Чунончи, тибқи таҳқиқоти адабиётшинос Озод Саидҷаъфаров, дар ғазалиёти Назирии Нишопурӣ дар қатори таркибҳову ибораҳои зиёди шоирона, ҳамчунин, вожаҳову истилоҳоти тиҷорӣ ё хосси савдову бозор ва дар ғазалиёти Соиб вожаҳову истилоҳоте, ки дар офариниши мазомини нави ӯ мақоми калидӣ доранд, амсоли: тифл, кӯдак, фарзанд, модар, падар, шамъ, фонус, субҳ ва ғайра зиёд истифода шудаанд, ки аз вижагии забонию сабкии ашъори онҳо шаҳодат медиҳанд [123, с. 112-119; 125, с.180-184].

Дар иртибот бо ин, дар ғазалиёти Саҳбо низ баъзан вожаҳое ба чашм мерасанд, ки нишондиҳандаи таваҷҷуҳи хосси шоир нисбат бар онҳо мебошад. Ин вожаҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд ва яке марбут ба санъати мусиқӣ ва дигар мансуб ба хӯроквориҳо буда, дар ҳар ду пеша ҳукми истилоҳро доро мебошанд. Саҳбо як ғазал ва як қитъаи хурд дорад, ки дар онҳо вожаҳои мансуб бар хӯрок ва васоити хӯрокпазиро истифода кардааст.

Чунончи, дар ғазали зерин Саҳбо исми 21 таому меваҳо, ба монанди: *угро, шӯрбо, мураббо, каллаву поча, дунба, гипо, мошоба, умоч, палав, тушбера, санбӯса, пашмак, бақоба, нишалло, яхнӣ, баррабирён, мурғ, мусаммо, шафтолу, хурморо* номбар карда, бад-ин васила шавқу завқи хонандаро ба қироати давоми ғазали хеш бедор намудааст:

*Боз дил андешаи гесуи* ***угро*** *мекунад,*
*Иштиҳо табъи маро равшан зи* ***шӯрбо*** *мекунад.*
*Кори себи ғабғабу шаҳди шакаррези лабаш,*
*Кай ба ин сармояи ширин* ***мураббо*** *мекунад.*
***Калла, пӯсту дунбаву поча*** *нашуд ороми дил,*
*Хотири мо майл акнун сӯйи* ***гипо*** *мекунад.*
*Нуктаи* ***мошобаву умоч*** *н-ороад бар забон,*
*Аз* ***палав*** *як дегаке ҳар кас, ки боло мекунад... [36, с.89].*

Ғазали мазкур аз 13 байт иборат буда, шоир онро ба ду қисмат ҷудо намудааст. Агар дар қисмати оғози ғазал то байти ҳафтуми он исми хӯроку меваҷот номбар шуда бошад, аз байти ҳаштуми он сар карда мазмуни ишқро дар бар гирифтааст. Азбаски ғазал ба мавзуи хӯрокиҳо бахшида шудааст, бинобар ин шоир дар байти 11-уми он лаззати лаби маъшуқаро ба маззаи шафтолуву хурмо низ ташбеҳ кардааст:

*Аз лаби ӯ лаззати шафтолу омад дар мазоқ,*
*Турфа шафтолу, ки кори чанд хурмо мекунад [36, с.89].*

Дар ғазали мазкур дар қатори номи дигар таъомҳо инчунин исми хӯрданиҳои «гипо», «мошоба», «нишалло», «пашмак» ва«угро» низ зикр гардидааст, ки ин навъи хӯрокҳо дар миёни мардуми шаҳри Бухоро ва атрофи он ҳамчун хӯрокҳои миллӣ хеле маъруфу машҳуранд. Бояд қайд кард, ки ин қабил калимаҳо аввал дар гуфтори шевагӣ зуҳур карда, баъдан ба адабиёти хаттӣ низ ворид гардидаанд. Мураттибони «Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро» чигунагии ин навъи хӯрокҳоро чунин шарҳ додаанд: «Гипо – як навъ таом, ки гӯшт ва дилу ҷигари кӯфтаро бо қадре биринҷу нахӯд ба даруни шикамба андохта мепазанд», «мошоба – таоми шуррутест

(суюқ, обакӣ, сероб, Ё.Ш.), ки бо ҷӯшонидани мош бо об ва қадре орд задан бар он тайёр мешавад», «нишолло – ширинӣест, ки бо омезиши қиёми шакар ё ширинӣ ба кафки бех ва сафедии тухм сохта мешавад» [176, с. 66, 155, 165].

Дар қитъаи зерин вожаҳои *иштиҳо, равған, дег, палав, ҷӯшиш, сарпӯш (-и дег), бӯй* ва *ҷӯшиш* ба истилоҳоти таббохӣ тааллуқ доранд:

*Димоғи* ***иштиҳо*** *аз* ***бӯйи равған*** *шӯрише дорад,*
*Магар* ***деги палав*** *имшаб ба як ҷо* ***ҷӯшише*** *дорад.*

*Дар он вақте ки* ***сарпӯш*** *аз сари* ***деги палав*** *гирӣ,*
*Биё, инсоф деҳ, охир, чӣ сон* ***бӯйи*** *хуше дорад [36,с. 229].*

Ғазал ва қитъаи мазкури Саҳбо ба шаҳрошӯб тааллуқ доранд. Холиқ Мирзозода дар «Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик» шоирони шаҳрошӯбнависро ба ду гурӯҳ тақсим карда, ба гурӯҳи якум вазъи адабиёти асри XIX-ро мавриди тадқиқ қарор дода, сабабҳои ба навгӯӣ пардохтани шоирони суннатгароро чунин ба қалам додааст, ки ин матлаб ба эҷодиёти Мирзо Ҳайити Саҳбо низ мутааллиқ аст: «Азбаски дар услуби эҷодии шоирони пайрави адабиёти классикӣ ҳам шакл ва ҳам мазмун куҳна шуда буд, намояндагони ин услуб кӯшиш мекарданд, ки ба худ роҳи наҷот ёбанд. Як қисми ин гурӯҳ шоирон роҳи халосиро дар мазмунҳои нави замонавӣ медиданд, ки адабиёт ва афкори иҷтимоиро ба сӯи тараққиёти фикрӣ-иҷтимоӣ мебурд. Гурӯҳи дигар (ва баъзе маорифпарварон ҳам) роҳи халосиро дар он медиданд, ки дар мавзуъҳои маишӣ бо ибораву ифодаҳои шавқовари халқӣ сухан ронанд. Масалан, дар мавзуи хӯрокиҳо, бозии қимор, маҳбубаҳои гунгу кару кӯру кал ва ғайра. Дар ин роҳ маҳорати Савдо, Шоҳин, Ҳайрат ва ғайра хеле калон аст» [99, с.66-67]. Саҳбо низ аз чунин раванди адабӣ бохабар буд ва вобаста ба талаби замон дар он низ ғазале эҷод кардааст.

Дар мавриди вожаҳои марбут ба соҳаи мусиқӣ бояд қайд кард, ки дар ғазалиёти Саҳбо вожаҳое амсоли: *арғунун, бонг, даф, дуҳул, захма, наво, нағма, оҳанг, рубоб, рӯд, савт, соз, суруд, тараб, тор, уд* истифода

гардидаанд, ки тавассути онҳо мазомини шоиронаи Саҳбо ҷилваи бештар пайдо намудаанд. Вожаҳои мазкур дар матни ғазалҳои шоир вазифаҳои гуногуни шаклию мундариҷавиро иҷро менамоянд: таъмини хушоҳангӣ ва бахшидани ҷанбаи бештари мусиқӣ, баёни андешаҳои ҳикматию фалсафӣ, панду андарз ва тасвирҳои бадеи шоирона. Масалан, дар ғазали зерин вижагиҳои мазкур мушоҳида мешаванд:

*Замон – замон **рубоб зан**, қадаҳ – қадаҳ **шароб зан,***

*Ба ёр **печутоб зан**, фикан зи дил ғуборҳо.*

*Шавӣ зи ҷаври чархи дун агар чу сина пур зи хун,*

*Ба **савти рӯду арғунун** бикун **тараб** нисорҳо.*

*Ғанимат аст даври **гул**, бигир ёру ҷоми **мул,***

*Ба **нағмаи дафу дуҳул** ту **захма** зан ба **торҳо** [37, с. 31].*

Чунонки дида мешавад, дар ҳама байтҳои ғазали мазкур вожаҳои хосси соҳаи мусиқӣ дар созмони шаклии матни ғазал, яъне дар қофиябандию саҷъбандӣ нақши барҷаста доранд; аз ҷумла, вожаҳои *рубоб, арғунун, дуҳул* ба вазифаи қофияи дарунӣ ё саҷъ ва вожаи *тор* ба вазифаи қофияи умумии ғазал истифода гардидааст. Дар байти дуюм шоир тавассути вожаҳои савт, рӯд ва арғунун андешаи фалсафии худро нисбат ба дунё (-и дун) баён доштааст. Дар байти охир панду андарзи шоир бо тасвири шоирона омезиш ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки вижагии корбурди вожаҳои мутааллиқ ба касбу пешае, агарчи дар суханварони сабки ҳиндӣ ҷилваи бештар дорад, танҳо махсуси сабки мазкур нест, зеро дар ашъори шоирони ду сабки қаблӣ низ вожаҳои нишондиҳандаи соҳа ё пешае бисёр ба чашм мерасанд. Бинобар ин, дар мавриди корбурди вожаҳои мазкур наметавон чунин ақида баровард, ки Саҳбо ба шоирони сабки ҳиндӣ пайравӣ кардааст.

Хулоса, забони ашъори Саҳбо, аслан, содаву равон буда, аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст. Аввал ин ки дар ашъори ӯ вожаҳои зиёди хосси забони мардум ё алфози гуфтугӯйӣ ба чашм мерасанд, ки ин агар аз як тараф, забон ва шеваи ғазалсароии ӯро бо забони муҳовара ва услуби халқӣ наздик

гардонад, аз ҷониби дигар, тарзи баёни ӯро бо шоирони сабкҳои қаблӣ, бахусус ироқӣ, ки жанри ғазал аз анвои асосии ин сабк мебошад, наздиктар менамояд. Дуюм, бо вуҷуди содагӣ дар тарзи баён дар ашъори Саҳбо, ҳамчунин вожаҳои зиёди мураккаб истифода гардидаанд, ки аксаран андешаталаб буда, шеваи баёни ӯро бо шоирони сабки ҳиндӣ наздик менамоянд. Корбурди вожаву таркибҳои хосси забони гуфтугӯйӣ ё ба истилоҳ, кучаву бозор ва бар болои ин, истифода аз вожаҳои мураккаби мушкилфаҳм, ки ин ду вижагӣ, аслан, хосси шоирони сабки ҳиндӣ мебошанд, сабк ва шеваи баёни Саҳборо ба шоирони сабки ҳиндӣ бештар наздик менамояд. Бад-ин ҷиҳат, сабку услуби Саҳборо метавон талфиқӣ ё муътадил арзёбӣ кард, зеро дар он нишонаҳо ва ё омезишу ду тарзи баёни матлаб мушоҳида мешавад.

## 3.2. Хусусиятҳои бадеии ашъори Саҳбо

Ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо бо санъатҳои бадеӣ, монанди: ташбеҳ, истиора, талмеҳ, таҷнис, мувашшаҳ, тавсиф ё сифатчинӣ, тазод, такрор, муболиға, иҳом ва амсоли инҳо ороиш ёфтаанд.

Доир ба аҳамияти истифодабарии санъатҳои бадеӣ дар осори адабӣ донишмандони илми бадеъ ва адабиётшиносони муосир суханони арзишманд иброз намудаанд. Чунончи, Абдулҳамид Шоев ва Саидраҳмон Саидов дар иртиботи шеър бо воситаҳои тасвирофаринӣ образи бадеиро, ки тавассути санъатҳои бадеӣ ба вуҷуд меояд, мағзи шеър қаламдод карда, қайд менамоянд: «Шоир (офарандаи шеър) фикрҳои дақиқ ва маъноҳои барҷастаро дар бораи манзараҳои табиат ва ҷамъият, нуктасанҷона, бо ҳаяҷон ва латофату назокати сухан ба воситаи санъатҳои бадеӣ оро медиҳад» [175, с. 29].

Санъати бадеии ташбеҳ дар ашъори Саҳбо, бахусус ғазалҳояш, нақши барҷаста дорад. Ташбеҳ, чунонки донишмандон қайд кардаанд, монанд кардани ашёву мафҳумҳо ба якдигар мебошад [30, с.278; 46, с.149; 52, с.153]. Яке аз вижагиҳои корбурди санъати ташбеҳ дар ашъори Саҳбо – ин печидабаёнӣ ё мубҳамӣ дар тарзи баёни он ва омезиши ин воситаи тасвир бо санъатҳои дигар мебошад, ки дар ин маврид, бешубҳа, тарзи суханварии Саҳбо бо шоирони сабки ҳиндӣ наздикӣ пайдо мекунад. Аз ҷумла, дар мисоли зер ҳамин навъ печидабаёниву мубҳамгӯйӣ ба чашм мерасад:

*Чун қадат сарв ба гулзори ҷаҳон ҳаст, маро нест,*
*Ҳамчу абруи ту дар даҳр камон ҳаст, маро нест [36, с.44].*

Шоир дар байти боло қади маъшуқаашро ба сарв ва абруи ӯро ба камон монанд мекунад. Чунонки мушоҳида мешавад, дар тарзи баёни ташбеҳ дар байти мазкур печидагии гуфтор мушоҳида мешавад. Омили чунин печидагии баён истифодаи санъати тазод тавассути феълҳои «ҳаст» ва «нест» мебошад.

Саҳбо дар шабеҳсозии мазомин ва ашё бештар аз адоти ташбеҳ истифода мекунад. Аз серкорбурдтарин адоти ташбеҳ дар ашъори шоир – ин

«чун» ба ҳисоб меравад. Агарчи дар ташбеҳоти шоир бо ин адот баъзан мубҳамӣ дар тарзи баён мушоҳида мешавад, вале дар аксари мавридҳо ин адот муҷиби равшанбаёнӣ дар шабеҳсозии мазомини ашъори ӯ мегардад. Чунончи, дар байти зер ин содабаёнӣ ба чашм мерасад:

*Ҷамоли ту чун Меҳр рахшанда бошад,*

*Ба пеши қадат сарв чун банда бошад [36, с. 130].*

Шоир дар байти боло ҳусну ҷамоли маъшуқаро ба офтоби дурахшон ва қомати баланди ӯро ба баландии дарахти сарв шабоҳат додааст.

Дар ташбеҳсозиҳои Саҳбо монандкунии ашёи моддӣ (конкретӣ) ё қобили ламс бо мафҳумҳои ғайримоддӣ ё маънавӣ (абстрактӣ) низ мушоҳида мешавад. Чунончи, дар мисоли зер шоир қадди баланди маъшуқаро ба умри дароз ва тори гесуи ӯро ба риштаи ҷон ташбеҳ додааст, ки хеле зебову нодир ба назар мерасад:

*Қадди зебои ту чун умр дароз аст зи бас,*

*Тори гесуи ту аз риштаи ҷон сохтаанд [36, с. 105].*

Қобили зикр аст, ки дар шабеҳ кардани мазомини мантиқан номуносиб, яъне мазомини шайъӣ ба ғайришайъӣ ё ғайри қобили ламс шоир таносуби каломро ба таври басо моҳиронаву зебо риоя карда, бо ин тариқ ҳусни каломи мавзуни хешро бештар намудааст. Чунончи, ин вижагӣ, яъне мутаносибии ду навъи мазмуну мафҳум (шайъиву ғайришайъӣ, яъне конкрету абстракт) дар байти боло дар мисоли «қадд»-у «умри дароз» ва «тори гесу»-ю «риштаи ҷон» ҳифз карда шудааст.

Мирзо Ҳайити Саҳбо дар тасвири мазомини шеърӣ ба санъати бадеии истиора таваҷҷуҳи хосса изҳор кардааст. Тибқи гуфтаи назариётчиёни адабиёт истиора ба орият гирифтани чизе мебошад [44, с.12; 60, с.83].

Дар мавриди корбурди анвои истиора дар ашъори Саҳбо бояд қайд кард, ки шоир ба ҳар ду навъи истиора, ҳам истиораи равшан ва ҳам истиораи пӯшида таваҷҷуҳ дорад. Чунонки маълум аст, истиораи равшан танҳо аз вожаи истиорашаванда иборат мебошад ва истиораи пӯшида тавассути

ибораи изофӣ сохта шуда, истиорашаванда дар он зикр нагашта, танҳо ягон аломати он қайд мегардад [80, с. 62-65; 184, с. 37-38].

Як хусусияти истиорагузинии Саҳбо дар иртибот бо анвои равшану пӯшидаи истиора иборат аз он аст, ки шоир дар корбурди онҳо танаввуъ ё гуногунрангиро бо истифода аз тавсифу сифатчинӣ ва таркибҳои киноӣ бо маҳорати хос истифода карда, бо ин роҳ ҷанбаи таъсирбахшии истиораҳоро қавитар сохтааст. Чунончи, дар байти зер шоир дар мисраи аввал якбора ду навъи истиора, яке равшан: «гул» (-и хушрангу бӯй) ва дигаре пӯшида: «гулшани аҳду вафо»-ро ба кор бурдааст:

*Эй гули хушрангу бӯй, эй гулшани аҳду вафо,*

*Бе вуҷудат маҳфили моро намебошад сафо [36, с. 37].*

Шоир дар байти боло истиораҳои «*гул*» ва «*гулшани аҳду вафо*»-ро ба маъноҳои ёри зебову хушбӯ ва ёри дар аҳд вафодору устуворбуда кор фармудааст. Дар байти зер шоир тавассути ибораи изофии киноии «сарви хиромон» истиораи хуберо дар тавсифи маъшуқа корбаст карда, бо ин роҳ сифатҳои фаттонию дилрабоии маъшуқаро ёдрас шудааст:

*Ба чандин ранг он сарви хиромон мекунад бозӣ,*

*Зи шавқаш дар тани афсурдаам ҷон мекунад бозӣ [36, с.162].*

Дар байти боло шоир вожаи «сарв» ва умуман таркиби «сарви хиромон»-ро на дар маънои аслиаш, балки дар маънои истиоравии маъшуқаи хушхиром кор фармудааст. Бо овардани чунин ифода шоир гуфтан мехоҳад, ки ҳар гоҳе ки маъшуқаи сарвқади ман бо рангорангии худ ба хиромидан медарояд, аз дидани ин ҳама ҷон дар бадани афсурдагаштаи ман ҳам бо шавқ омада, ба бозӣ кардан медарояд.

Бояд қайд кард, ки дар истиораи навъи «сарви хиромон» нақши санъати бадеии ташхис ва киноя, бахусус аввалӣ, қобили мулоҳиза аст. Қисмате аз истиораҳои изофии дар ашъори Саҳбо истифодашуда маҳз тавассути санъатҳои ташхису киноя ба вуҷуд омадаанд. Чунончи, дар байти зер ҳам истиораи «наргиси маст» ба воситаи киноя («наргис» – киноя аз чашм) ва

ташхис («наргиси маст» – чашми ба мисли инсонҳои маст ба ҳар сӯй мойил) ба вуҷуд оварда шудааст:

*Дил аз савдои гесуи ту гардидаст савдоӣ,*

*Хирад шуд аз фусуни наргиси масти ту ҳарҷоӣ [36, с. 164].*

Саҳбо дар байти мазкур ба ҷойи чашми афсунгари ёр ибораи «наргиси маст»-ро истифода карда, сухани худро зинати бештар бахшидааст. Шоир гуфтан мехоҳад, ки дил аз гирифтории гесӯи ёр савдозадаву девонаавзо гаштаву ақлу хирад ҳам аз дидани чашми масти афсунгари ӯ дарбадару кӯбакӯ шудааст. Калимаҳои «савдои гесу» бо вожаҳои «савдоӣ» ва «хирад» бо «ҳарҷоӣ» муносибати мантиқӣ доранд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар байти мазкур ҷуз аз истиора санъати таҷнис низ тавассути вожаҳои «савдо» ва «савдоӣ» басо ҳунармандона истифода шудааст. «Савдо»-и аввал дар маънои тиҷорӣ (аммо киноят аз фаттонии гесуи ёр) ва «савдоӣ» дар маънои бехуду гумгашта корбурд шудаанд.

Санъати дигари маънавӣ, ки дар ашъори Саҳбо мақоми хосса дорад – ин санъати талмеҳ ба ҳисоб меравад. Дар «Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ» дар иртибот бо талмеҳ омадааст, ки «Талмеҳ  аз санъатҳои маънавист ва он иборат аз он аст, ки шоир бо як ишора маънии чуқур ва баландро ифода мекунад [122, с.105].

Мирзо Ҳайити Саҳбо ҳам дар девони ашъори худ дар баробари овардани байту мисраъҳои шоирони гузаштаву муосир, инчунин ба ҳайси талмеҳ исми паёмбарон, шоирон, қаҳрамонҳои достонҳои маъруф, номи шаҳру кишварҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ашхоси таърихию асотирӣ, кутубу рисолаҳо ва ояву сураҳои қуръониро низ фаровон зикр намудааст.

Маълум мегардад, ки талмеҳ яке аз навъҳои санъати маънавӣ ба шумор рафта, шоирон ба василаи он ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, номи ашхоси барҷаста ва осори онон ишораҳо мекунанд ва сухану афкори худро низ зимнан тақвият мебахшанд.

Саҳбо чун шоирони гузаштаи адабиёти форсу тоҷик дар абёти ҷудогонаи ғазалиёташ ба номи ошиқони маъруфи достонҳои ишқӣ, ба монанди Маҷнуну Фарҳод, Хусраву Ширин ва ғайра ишораҳои фаровон намудааст. Чунончи:

*Ҷаври ҳиҷрону ҷафоҳои ту, эй Лайлӣ, маро*

*Ҳамчу Маҷнун оқибат берун аз ин кошона кард [36, с.68].*

Зикр кардан бамаврид аст, ки ишорат бар қаҳрамонони достонҳои ишқӣ дар ғазалиёти Саҳбо нав нест ва собиқаи корбурди он дар осори ҳама шоирони қабл аз вай басо зиёд мушоҳида мешавад. Дар иртибот ба ин масъала муаллифи китоби «Осафии Ҳиравӣ ва эҷодиёти ӯ» Саодат Назарова ҳам дар хусуси шабоҳат доштани қаҳрамони лирикии Осафии шоир ба қаҳрамони лирикии достонҳои ишқии Абдурраҳмони Ҷомӣ чунин ишора кардааст: «Ошиқ дар ғазалҳои Осафӣ аз бисёр ҷиҳатҳо бо Маҷнун ва Фарҳод аз достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Хусрав ва Ширин», алалхусус бо достони Абдурраҳмони Ҷомӣ, умумият ва шабоҳате дорад» [110, с.80].

Агар мо ин гуна баҳоро дар ҳаққи Мирзо Ҳайити Саҳбо ҳам ҷоиз шуморем, ғалат нахоҳад буд, зеро дар ғазалиёти Саҳбо низ чунин ишораҳо ба номи қаҳрамонҳои маъруфи достонҳои ишқӣ зиёд ба назар мерасанд. Ин тамоюли Саҳборо ба мазомини анъанавӣ ё дарёфтҳои бадеии шоирони гузашта ва истиқболу пайравии онҳоро нишон медиҳад. Бинобар ин, дар ашъори Саҳбо, хосса дар ғазалиёташ, дар иртибот бо корбарии талмеҳ мазомини зиёдеро пайдо метавон кард, ки баргирифта аз шоирони собиқанд ва такрорӣ ба ҳисоб мераванд. Аксари талмеҳоти Саҳбо, ҳам талмеҳоте, ки марбут бар мавзуъҳои диниянд ва ҳам талмеҳоте, ки ба қаҳрамонони ишқномаҳо тааллуқ доранд, такрори мазомини пешиниёнро метавон мушоҳида кард. Аммо, бо вуҷуди такрори талмеҳоти қудамо, дар каломи Саҳбо дар мавриди корбурди санъати мазкур тарзи баёни нав, ки махсус ба худи ӯст, мушоҳида мешавад. Чунончи, дар байти зерин бо истифода аз исми «Сулаймон» ва нигини ӯ дар гуфтори шоир як навъ навҷӯйӣ дар андеша дида мешавад:

*Сулаймон куҷо рафту тоҷу нигинаш,*

*Нигин чист, нақши нигин ҳам намонад [36, с. 73].*

Яъне: Сулаймон ва тоҷу нигини ӯ куҷо шуданд? Нигин чӣ, ҳатто, нақши он боқӣ намемонад. Бояд қайд кард, ки дар ҳамчунин талмеҳоти шоир ибтикорот, аслан, дар андешаи фалсафии ӯ мушоҳида мешавад.

Саҳбо дар абёти ҷудогонаи ашъораш, ки мазмуни гуногунро дар бар мегиранд, киноятан бо калима ва ибораҳои «аринӣ», «лантаронӣ» ва «яди байзо» ишораҳое кардааст ва бо ин ӯ таваҷҷуҳи хонандаро ба воқеаҳои ба Мусо пайғамбар алоқамандбуда равона месозад.

Бояд зикр намуд, ки ибораи «яди байзо» дар фарҳангу луғатҳо ба маъноҳои гуногун шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Чунончи, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин таркиб ба шаш маъно, аз ҷумла «а) киноя аз дасти муъҷизакори Мусои пайғамбар, ки гӯё агар дасти худро дар бағал карда берун барорад, мисли офтоб медурахшид», б) киноя аз дасти сафеди ёр, в) равшанӣ; киноя аз офтоб, г) муъҷиза; корнома, ғ) маҳорат, тавоноӣ, қудрат, д) машҳур, маълум, забардаст» [182, с. 627] омадааст.

Азбаски шоирони гузаштаи тоҷику форс аз ин нақлу ривоят ва қиссаҳои ишқиву таърихӣ огоҳии комил доштанд, бинобар ин, онҳо ҳангоми эҷоди шеърҳо ба он ривояту қиссаҳо ишорат карда, суханони худро рангинтар месохтанд. Ҳамин аст, ки Мирзо Ҳайити Саҳбо низ дар абёти ҷудогонаи хеш бо истифода аз таркибу калимаҳои киноявии «аринӣ» ва «лантаронӣ» ба ҳазрати Мусо пайғамбар ишора мекунад. Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» вожа ва таркиби болоро чунин шарҳ додааст: «Аринӣ ба маънии бинамо маро; ва ин ишорат аст ба қиссаи Мусо алайҳиссалом («қола: Раббӣ, арини анзур илайка». Гуфт Мусо алайҳиссалом: –Эй Парвардигори ман, бинамо маро дидори худ, то бибинам ба сӯи ту! Қола: алантаронӣ, - фармуд Ҳақ-таоло, ки ҳаргиз дидан натавонӣ маро!») [178, с.49].

Дар девони ашъори Саҳбо ба исми Одам (а) талмеҳан баъзан ишораҳо шудааст, ки мазмунҳои гуногунро ифода мекунанд. Инро ҳам ёдрас бояд шуд, ки Саҳбо баъзан Одам пайғамбарро бо номҳои истиоравиашон, яъне

Бутуроб ва Абулбашар низ зикр менамояд. Аммо дар бисёр маворид шоир номи паёмбари мазкурро ба ҳайси талмеҳ ба кор мебарад. Чунончи:

*Чу Одам ба хулди барин ҳам намонад,*

*Бад-ин зиндагӣ бар замин ҳам намонад [36, с.73].*

Яъне: агар Одам дар хулди барин ҳам боқӣ намонад, пас зиндагии ӯ дар рӯи замин ҳам пойдору ҷовидонӣ нест.

Дар ашъори Саҳбо нақши санъати таҷнис – ба ҳайси рукни муҳимми тасвирҳои шоирона дар баробари дигар воситаҳои бадеӣ, амсоли ташбеҳу истиора ва талмеҳ басо назаррас аст. Таҷнис ҳамчун саъати бадеӣ – ин ҳамшаклу ҳамҷинс будани чанд калима бо маъниҳои гуногун мебошад [80, с. 163; 84, с. 162].

Таҷнис чун воситаи зинатбахшии каломи бадеӣ дар ғазалиёти шоирони ҳар сабке ба таври гуногун мавриди истифода қарор гирифтааст. Агарчи санъати саҷъ дар эҷодиёти аксари адибони классик корбурди васеъ дорад, аммо чунонки муҳаққиқон қайд менамоянд, дар осори Саъдии Шерозӣ, ҳам «Гулистон»-у ҳам ғазалиёташ санъати мазкур нақш ва ҷилваи бештар дорад [59, с. 90].

Санъати таҷнис дар эҷодиёти Саҳбо миёни дигар анвои шеърӣ дар ғазалиёташ ҷилваи бештар дорад. Аз навъҳои таҷнис дар ғазалиёти шоир навъи лафзии он дар қиёс бо маънавӣ бештар истифода гардидааст. Таҷнисҳои ашъори Саҳбо дар мавзуъҳои гуногун корбаст шуда, омили ғановати мазмун ва таъсирбахшии бештар мегарданд. Аз сӯйи дигар, як вазифаи таҷнис дар матни ашъори Саҳбо – ин бахшидани оҳанги махсус ва ҷанбаи мусиқӣ ба ҳисоб меравад. Чунончи, дар байти зер вожаи «қомат» ба таҷниси лафзӣ тааллуқ дорад, зеро вожаи мазкур дар ҳар ду мисраъ аслан як вожа буда, аз як реша баромадааст. Таҷниси мазкур ҷуз аз эҷоди мазмун, ҳамчунин, байтро аз нигоҳи умумӣ оҳангноктар гардонидааст:

*Мазан бар рағми риндон, эй муаззин, наъраи қомат,*

*Биё дар маҷлиси риндон, бубин ин қадду қоматро [36, с. 32].*

Бояд қайд кард, ки таҷниси ғазали боло ба навъи том тааллуқ дорад, зеро тибқи қоида чунин навъ дар навишт яке ва дар маънӣ мухталиф аст [163, с. 49]. Шоир дар мисраи якуми байти боло муаззинро мухотаб қарор медиҳад, зеро дар масоҷид вазифаи ӯ аз азону қомат додану намозгузоронро ба намоз даъват кардан иборат аст. Дар мисраи дуюми байт шоир муаззинро ба маҷлиси риндон даъват карда, дидани қомати баланди маъшуқаро талаб мекунад. Яъне, «қомат» дар ин байт ба ду маънӣ омадааст: якум дар маънии «қадду қомати салот» гуфтани муаззин ҳангоми намоз ва дуюм дар маънии қомати баланди маъшуқа кор фармуда шудааст. Бад-ин маънӣ, ибораи «қадду қомат», дар навбати худ, санъати иҳом низ ба ҳисоб меравад, чун вижагии аслии санъати мазкур чандмаъноии он мебошад. Ин вижагӣ, махсусан, дар «қомат»-и мисраи аввал равшантар ҷилва менамояд.

Як вижагӣ дар корбурди таҷнисҳои лафзӣ дар матни ашъори Саҳбо, махсусан ғазалҳояш, иборат аз он аст, ки ӯ дар баъзе мавридҳо вожагони гуногунрешаро бо ҳам ҳамҷинс қарор дода, бо ин роҳ мазмуни абёти худро боз ҳам пурғановаттару шавқангезтар гардонидааст. Чунончи, дар байти зер ҳамин вижагӣ ба чашм мерасад, чун дар он шоир ибораи «ба ид»-ро бо вожаи «баид» бо ҳам таҷнис сохтааст:

Ҳама ***ба ид*** бувад шоду ман зи ёр ***баид,***

Чу ман зи ёр ***баидам***, маро чӣ кор ***ба ид***? [36, с. 75]

Дар байти боло шоир калимаи «баид» (дурӣ) ва ибораи «ба ид» (ба рӯзи ид)-ро ба тарзе кор фармудааст, ки агар дар хатти имрӯзаи тоҷикӣ дар навишт фарқияти шаклӣ дошта бошанд, дар хатти арабиасоси форсӣ онҳо якхела навиштаву хонда мешаванд ва хонанда фақат аз рӯи мантиқ метавонад ба маънои ҳар кадоми онҳо сарфаҳм равад. Қайд кардан зарур аст, ки таҷниси байти боло ба навъи лафзӣ ё шаклии таҷнис мансуб мебошад. Ба эътибори он ки яке аз силсилаҳои таҷниси боло аз ду вожа («ба» ва «ид») ба вуҷуд омадааст, бинобар ин, таҷниси мазкурро метавон навъи ноқис маҳсуб донист.

Яке аз хусусиятҳо корбурди таҷнис дар ғазалиёти Саҳбо – ин марбут бар тахаллуси худи шоир мебошад. Саҳбо дар чандин ғазали хеш тахаллусашро

дар ду маънӣ истифода кардааст. Ин вижагӣ, агар аз як тараф, мӯҷиби пайдоиши таҷниси навъи маънавӣ гардида бошад, аз сӯйи дигар, мӯҷиби ҳусни тахаллус, ки аз санъатҳои дигари маънавӣ мебошад, гардидааст. Бад-ин маънӣ, дар қисматҳое аз мақтаоти ғазалҳои Саҳбо омезиши таҷниси маънавӣ ва ҳусни тахаллус мушоҳида мешаванд. Чунончи:

*Тоза гардад пайкари афсурдаам,*

*Гар диҳад ӯ соғари Саҳбо маро [36, с. 33].*

* * *

*Ҷоми Саҳбо ту дар ин базм бигардон, соқӣ,*

*Рангу бӯйи чаман аз оби равон омадааст [36, с. 33].*

Дар абёти боло ҳамин вижагӣ мушоҳида мешавад, чун дар онҳо вожаи «саҳбо» ҷуз аз ин ки ба ҳайси тахаллуси шоир истифода шудааст, ҳамчунин, маънои аслиаш, яъне шаробу майро низ ифода мекунад.

Санъати дигари шеърӣ, ки дар ашъори Саҳбо мақоми хос дорад, ин санъати саҷъ мебошад. Раҳими Мусулмониён дар китоби «Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик» ба назми мусаҷҷаъ ишорае карда, бобати омӯзиш ва тадқиқи он чунин масъалагузорӣ намудааст: «Санъати саҷъ дар шеър низ кор фармуда мешавад ва онро назми мусаҷҷаъ мегӯянд, ки ин тадқиқоти махсусеро талаб мекунад» [107, с. 20].

Саҳбо ҷуз аз он ки дар абёти ҷудогонаи ғазалиёташ санъати саҷъро кор мефармояд, ҳамчунин ғазалҳое дорад, ки саршори санъати саҷъ мебошанд.

Чунончи, дар ғазали зер ҳамин хусусияти баённамудаи муҳаққиқи боло мушоҳида мешавад:

*Нигор зулф **бишканад**, шикан ту гӯшаи кулаҳ,*

*Агарчи шиша **бишканад**, зи май шикан хуморҳо.*

*Маҳӯр фиреби осмон, гузин ту ёри дилситон,*

*Хуш аст сайри **бӯстон** ба ёрҳо,баҳорҳо.*

*Расид мавсими **тараб**, бигир бодаи инаб,*

*Ба гулъузори **шаҳдлаб** нишин ба сабзазорҳо.*

*Шабе, ки он бут **оядо**, ба ишва дил рабоядо,*

*Кунам фидош* ***боядо*** *зи ҷону дил нисорҳо*

*Сафири мурғи* ***бӯстон*** *диҳад каломи ёри хуш,*

*Сафои ҷоми* ***арғувон*** *сазад ба марғзорҳо [36, с. 31].*

Тавре ки дар ғазали боло дида мешавад, калимаи «*бишканад*» дар ду мисраи нахустин, «*осмон*», «*дилситон*», «*бӯстон*» дар байти баъдӣ, «тараб», «инаб», «шаҳдлаб» дар байти сеюм, «*оядо*», «*рабоядо*», «*боядо*» дар байти чаҳорум ва «бӯстон»-у «арғувон» дар байти охир бо ҳам мусаҷҷаъ буда, бо ин васила хушоҳангию мавзунияти шеърро таъмин намудаанд, ки хонанда ва ё шунаванда аз истимои он лаззати маънавӣ ҳосил менамояд. Дар ғазали мазкур, ҳамчунин, вожаҳои «*рубоб зан*», «*шароб зан*», «*печутоб зан*»; «*тараб*», «*инаб*», «*шаҳдлаб*»; «*дун*», «*хун*», «*арғунун*»; «*гул*», «*мул*», «*дуҳул*»; «*бӯстон*», «*арғувон*» низ ба ҳайси саҷъ ва қофияи дохилӣ омадаанд, аммо чун онҳо дар мавзуи сабки шоир қайд гардиданд, барои такрор нашудан абёти мазкур оварда нашуданд. Агар қоидаи тасҷеъро ба назар гирем, миёни ҳама вожаҳои мусаҷҷаъ танҳо вожаҳои «*дун*» - «*хун*», «*гул*» - «*мул*» ба саҷъи мутавозӣ тааллуқ доранд ва вожаҳои боқимонда ба саҷъи мутарраф тааллуқ доранд. Чунонки муҳаққиқон қайд кардаанд, дар саҷъи мутавозӣ вожаҳо ҳам дар вазн, ҳам дар ҳарфи равӣ мутобиқ буда, дар саҷъи мутарраф дар ҳарфи равӣ як, дар вазн мухталиф мебошанд [161, с.43].

Ҳарчанд ки муҳаққиқон саҷъи навъи мутавозиро миёни дигар навъҳои он қавитарин саҷъ дар ҷанбаи мусиқӣ бахшидан қаламдод кардаанд [169, с. 27], аммо чи хеле ки дар ғазали мазкури Саҳбо дида мешавад, нақши саҷъи мутарраф ҳам дар оҳангнокии матни ғазал қобили таваҷҷуҳ аст. Ҳам саҷъи мутавозӣ ва ҳам саҷъи мутарраф – ҳар ду мусиқии дохилии матни ғазали болоро таъмин карда, дар хушоҳангтар гаштани ҳама байтҳои ғазал дар якҷоягӣ бо қофияҳои он иштироки фаъол доранд.

Санъати дигари лафзӣ, ки дар ашъори Саҳбо мавриди истиқболи хосса қарор гирифтааст, ин мувашшаҳ ба ҳисоб меравад. Дар таваҷҷуҳ ба ашъори шоирони асрҳои XVIII-XIX форсу тоҷик маълум мегардад, ки санъати мувашшаҳ дар онҳо ривоҷи зиёд дошт. Дар иртибот ба нақши санъати мазкур

дар осори шоирони даврони фавқуззикр Раҷабалӣ Худоёрзода дар китоби «Дарёи мусаффои шеър» дар мақолаи «Мувашшаҳ дар осори Туғрал» муайян намудааст, ки дар беш аз 45 ғазал ва як рубоӣ-мустазоди Туғрал санъати мувашшаҳ дида мешавад [150, с.99]. Ҳамчунин, ӯ дар мақолаи дигари бо номи «Мувашшаҳоти устод Айнӣ» навиштааш овардааст, ки «устод (Айнӣ - Ё.Ш.) дар 15 ғазал санъати мувашшаҳро истифода кардааст, ки ҳамаи онҳо ба исми одамони алоҳида марбут мебошанд» [151, с.94].

Мирзо Ҳайити Саҳбо ҳам, ки дар доираҳои адабии Бухоро ширкат меварзид ва аз осори шоирони гузаштаву ҳамасри худ нек бохабар буд, дар пайравии осори эшон ашъори худро бо санъати мувашшаҳ зинат додааст. Ӯ махсусан дар ғазал ва мухаммасҳои худ мувашшаҳро моҳирона истифода намудааст. Шумораи умумии мувашшаҳоти Саҳбо тибқи дастрасии мо то кунун 41 адад мебошад.

Он мувашшаҳоте, ки дар ҷилди якуми девони Саҳбо ба назар расид, шумораашон 37-то мебошад. Саҳбо ба номҳои Қулиҷон 16 мувашшаҳ, Очилдиҷону Ёдгор – 4-тоӣ, Абдулқодирҷону Асламхон - 2-тоӣ ва ба номҳои Мансурҷон, Муллобаротҷон, Ҳоҷимуродҷон, Мастонҷон, Назриҷон, Мирзоҳамдамҷон, Маҳдиҷон, Нуъмонхоҷа ва Юсуфӣ яктоӣ мувашшаҳ овардааст. Ба ғайр аз ин, як мувашшаҳ бо исми «Аминҷон» аз нусхаи соли 1982 [90, с.204] ва як мувашшаҳи дигари шоирро ба номи «Юлдошҷон» низ аз намунаи ғазалҳои шоир, ки дар маҷаллаи «Садои Шарқ» [34, с.132] интишор гардидааст, пайдо намудем.

Яке аз хусусиятҳои назарраси корбурди мувашшаҳ дар ашъори Саҳбо вусъати доираи мавзуъ дар он аст, ки ин ҷиҳатро метавон ибтикороти шоир эътироф кард. Агар шоирони гузаштаву ҳамасри Мирзо Ҳайити Саҳбо дар ашъори худ санъати мувашшаҳро танҳо бо номи одамон нигошта бошанд, ӯ ба ғайр аз номи одамон, ҳамчунин бо номҳои «Абҷад» ва «Алиф, бе, те, се... йо» низ мувашшаҳ навиштааст.

Саҳбо ҷуз аз забони тоҷикӣ бо забони узбекӣ ҳам мувашшаҳ навиштааст. Чунончи, аз 41 шеъри дар шакли мувашшаҳ навиштаи Саҳбо 8

мувашшаҳ бо забони узбекӣ иншо шудаанд. Шоир ҷуз аз 3 мувашшаҳ дар 38-тои он тахаллуси худро дарҷ намудааст.

Аз мувашшаҳоти Саҳбо 36 мувашшаҳи ӯ дар шакли ғазал ва 5 мувашшаҳ дар шакли мухаммас иншо гардидаанд.

Шахсоне, ки Мирзо Ҳайити Саҳбо ба номи эшон мувашшаҳ навиштааст, исми панҷ нафар: якум Абдулқодир (мударрис Абдулқодир-махдум), дуюм Қуличон (яъне Мирзо Мустафоқулӣ писари Бӯрибой), сеюм Очилдӣ (мулло Очилдӣ писари мулло Боқӣ), чорум Очилдӣ (устои чармгари қубодиёнӣ) ва панҷум Мансур (қозии Қубодиён) ошкор мегардад, ки ҳар кадоми онҳо чи дар Бухоро ва чи дар Қубодиён шахсони обруманд ва барои шоир низ азизу соҳиби иззату эҳтиром будаанд.

Яке аз хусусиятҳои корбурди мувашшаҳ дар ашъори Саҳбо, бахусус ғазалиёти ӯ, иборат аз он аст, ки шоир ҳангоме ки ба исми шахсе мувашшаҳ менависад, дар анҷоми ғазал-мувашшаҳи худ ба ғайр аз номи аслии шахс, инчунин ҳиссаи эҳтиромию навозишии «ҷон» ва ё «хон»-ро илова мекунад. Ин корро бо он хотир анҷом медиҳад, ки теъдоди абёти ғазал-мувашшаҳоти шоир ақаллан аз 5, 6 ё 7 байт камтар наоянд. Аз ҷумла, дар ғазали зерин, ки ба Мулло Очилдӣ бахшида шудааст, Саҳбо ба номи мамдуҳ вожаи «ҷон»-ро зам менамояд:

*Эй зи рашки оразат хуршед андар изтироб,*
*Чун ҷамолат дар назарҳо нест маҳбуб Офтоб.*
***Ч**ашми бад дур аз ту, эй моҳи сипеҳри дилбарӣ,*
*Авҷи хубиро ту меҳрӣ, фанни донишро ту боб.*
***Л**оиқи васфат чӣсон созам иборат мунтазам,*
*З-он ки шуд мафҳуми хубӣ аз ҷамолат интихоб.*
***Д**идаи маҳҷур бар рӯйи ту во созам даме,*
*Мешавад аз пастии толеъ саросар мавҷи об.*
***Ё** зи дил меҳрат бикан, ё аз бадан ҷонам бубар,*
*Ё маро бо ваъдаи имрӯзу фардо деҳ ҷавоб.*
***Ҷ**уфти абрӯят ҳилоли ид агар хонам, равост,*

*З-он ки дар ҳар айшу ишрат ид бошад фатҳёб.*

***И**мшаб аз шавқи ҷамолат дил саропо нола буд,*

*То ки аз фарёди ман гардид берун Офтоб.*

***Н**оми некат бурдан аз Саҳбо саросар айб буд,*

*З-ин сабаб шуд аз сари ҳар байт номат интихоб [36, с.39].*

Чунонки аз ғазали боло дида мешавад, шоир дар мисраъҳои нахустини ҳар байти он исми «Очилдиҷон»-ро бо тартиб ҳуруфи арабӣ чидааст. Ин исм тавассути ҳуруфи аввали вожаҳои *эй* (алиф), *чашм* (чим), *лоиқ* (лом), *дида* (дол), *ё* (йо), *ҷуфт* (ҷим), *имшаб* (алиф), *ном* (нун) сурат пазируфтааст.

Дар ғазалиёти Саҳбо нақши санъати сифатчинӣ низ басо барҷаста аст. Ғазалҳои шоир моломоли санъати мазкур мебошанд. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки Саҳбо дар ғазалиёти хеш санъати тавсиф ё сифатчиниро бештар дар таърифу ситоиши маъшуқа ва азобу ранҷҳои кашидаи қаҳрамони лирикиаш мавриди истифода қарор додааст. Чунончи:

*Он абрӯи шӯху сафи мижгони балоҷӯ*

*Бар ошиқи маҳзуни ситамдида чиҳо кард [36, с.125].*

Вижагии назаррас дар корбурди сифатчинӣ дар ашъори Саҳбо – ин таносуби санъати мазкур бо дигар васоити тасвири бадеӣ, амсоли: ташбеҳ, истиора, талмеҳ ва бо истифода аз ин санъатҳо марғубтар гардонидани каломи хеш мебошад. Чунончи, дар абёти зерин ҳамин хусусият инъикос мегардад:

*Қадат сарву рухат моҳи мунаввар,*

*Хатат мушкину гесуят муанбар.*

*Лабат ёқути тар бо лаъли сероб,*

*Даҳонат ҷоми май бо тунги шаккар [36, с.144].*

Чӣ тавре ки аз мазмуни абёти боло бармеояд, шоир сифатҳои зебои маъшуқаро дар таносуб додан бо ташбеҳи пӯшида як-як чидаву нишон додааст: мавзунии қади ӯро ба сарв, сафедию равшании чеҳраи ӯро ба моҳ, хат (-и лаб)-ашро ба мушк, хушбӯйии гесувонашро ба анбар,

серобии лабҳои ӯро ба ёқуту лаъл ва даҳонашро ба ҷоми майю тунги шакар шабеҳ сохтааст.

Саҳбо дар як қасидаи васфияе, ки ба Ҷашни Наврӯз дар мавзеи Ширбадан бахшида шудааст, санъати сифатчинӣ нақши калидӣ дошта, шоир онро ҷиҳати мадҳу ситоиши Амир Абдулаҳад басо ҳунармандона ба кор бурдааст. Дар қисмате аз абёти қасидаи мазкур таносуби санъати сифатчинӣ бо ташбеҳу талмеҳ, бахусус дуюмӣ, басо назаррас аст:

*Шаҳи мулки Бухоро, шаҳриёри волаи кишвар,*
*Амири одилу султони дину миллати байзо.*
*Раиятпарвару оҷизнавозу маъдалатгустар,*
*Саховатпешаву эҳсонсиришту мамлакаторо.*
*Ҳамаодил, ҳумоюнтоҷу султони шиҳобафсар,*
*Фалакқадру малактинат, сипаҳдори қамарсимо.*
*Сикандарҳашмату акнунмакону Муштаритолеъ,*
*Аторудмуншию Баҳромсавлат, меҳримулкоро.*
*Сулаймонтахту Афлотунмизоҷи Буалидониш,*
*Ҳасантабъу Ҳусайнахлоқу шоҳи одилу доно... [36, с. 193].*

Чунонки аз қасидаи боло дида мешавад, нақши санъати сифатчинӣ ва, ҳамчунин, таносуби он бо санъати талмеҳ басо назаррас аст.

Дар ашъори Саҳбо, аз ҷумла дар ғазалиёташ, санъати суолу ҷавоб низ вомехӯрад. Санъати мазкур дар матни ашъори шоир гоҳо ба таври ҷудогона ё пароканда, яъне ҷо-ҷо дар абёти алоҳида истифода мешавад, гоҳо баръакс, пурра мундариҷаи шеърро фаро мегирад. Тарзи дуюми корбурди санъати суолу ҷавоб дар ғазалиёти Саҳбо таваҷҷуҳи хонандаро бештар ҷалб мекунад; зеро аввал ин ки банду басти зоҳирӣ ё устухонбандии ғазал тавассути ин санъат сурат пазируфтааст, сониян, муҳтавою мазмуни ғазал маҳз бо ин санъат ба вуҷуд омада, ҷанбаи ғоявии матни шеър ба воситаи он устувортар мегардад. Яъне, санъати мазкур дар матни ашъори шоир ҳам ҷанбаи сохторӣ ва ҳам ҷанбаи ғоявии онро ташаккул медиҳад. Чунончи, дар ғазали зер ҳамин хусусиятҳои санъати суолу ҷавоб ба таври басо барҷаста мушоҳида мешавад:

*Қадат чӣ? – Сарв. Чӣ сон сарв? – Сарви боровар.*

*Рухат чӣ? – Моҳ. Чӣ сон моҳ? – Моҳи меҳрсипар.*

*Лабат чӣ? – Шаҳд. Чӣ сон шаҳд? – Шаҳди руҳфизо.*

*Хатат чӣ? – Сабза. Чӣ сон сабза? – Сабзаи ахзар...*

*Нигоҳ чист? – Ду ҷоду. Чӣ сон? – Баҳри фиреб,*

*Фиребу сеҳр ба ман? – На, ба ҷумла аҳли башар.*

*Фиғону нола. – Зи чӣ? – Аз ҷафои ёр. - Чаро?*

*Зи баҳри он ки ба Саҳбо накард ҳеч назар [36, с. 142].*

Бояд гуфт, ки аз назари сохтор чунин шакли эҷод нахуст дар эҷодиёти устод Рӯдакӣ ба шакли рубоӣ дида мешавад, ки он чунин сурат дорад:

Омад бари ман? Кӣ? Ёр. Кай? Вақти саҳар,

Тарсанда зи кӣ? Зи хасм. Хасмаш кӣ? Падар.

Додам-ш ду бӯса. Бар куҷо? Бар лаби тар,

Лаб буд? На? Чӣ буд? Ақиқ.Чун буд? Чу шакар. [31,**66]**

Баъдан ба чунин тарз сурудани рубоиро Мирзо Абдуқодири Бедил идома дод. Адабиётшинос Нуралӣ Нурзод зимни таҳқиқи ин масъала менависад, ки “Рубоии сурудаи Бедил низ бар ҳамин шакл ва аммо бар дигар қофияву радиф аст, ки истиқболи онро аз каломи султони шоирон ба субут мерасонад:

Дӣ хуфт. Кӣ? Ноқа. Дар куҷо хуфт? Ба гил.

Кардам. Чӣ? Фиғон. Аз чӣ? Зи ёди манзил.

Дод! Аз кӣ? Зи худ. Чаро? Зи саъйи ботил,

К-афтод. Чӣ? Бор. Аз кӣ? Сар. Бар кӣ? Ба дил [127,216].

Ҳарчанд дар нусхаҳои девони Бедил низ ин рубоӣ мавҷуд аст, аммо ба он ҳамчун сурудае дар истиқболи устод Рӯдакӣ яке аз шогирдони Абулмаонӣ – Хушгӯ дақиқан дар тазкираи худ ишорат намудааст. Дар «Сафинаи Хушгӯ» бо таъкид бар ин матлаб чунин омада: «Бедил «рубоӣ гуфт дар ҷавоби Одамушшуаро Ҳаким Рӯдакӣ, ки то ҳол мумтанеъулҷавоб буд. Эшон баъди

сесад сол аз ӯҳдаи ҷавоби он баромадаанд… Фақир Хушгӯ низ ланг-лангон ба сари манзили ҷавоби он расида. Ҳар се нигориш меёбад». Аз ин баёноти Хушгӯ ҳувайдост, ки худи ӯ низ дар ҷавоби Рӯдакӣ ва Бедил рубоие бад-ин шева сурудааст:

Хушгӯ:

Рафтам. Ба куҷо? Ба боғ. Кай? Фасли баҳор.

Дил танг. Чӣ сон? Чу ғунча. Чун? Бе дилдор.

Дидам. Чӣ? Шикастагуле. Аз чӣ? Зи бӯе,

Гул буд? На. Чӣ буд? Нома. Аз кӣ? Аз ёр [127, 215-216].

Ин ҷо маълум мешавад, ки сурудаи Хушгӯ дар пайравии рубоии Бедил анҷом ёфтааст ва ин амр аз мутобиқати радиву қофияи он равшан мегардад. Аммо ба ҷуз рубоии боло дар девони Бедил дигар рубоие низ мавҷуд мебошад, ки бо ҳамин шева суруда шудааст:

Нолид. Кӣ? Булбул. Ба куҷо? Дар гулшан.

Кай? Вақти саҳар.

Аз дасти кӣ? Аз шурӯ шари зоғу заған.

Хун кард ҷигар.

То во шавад роҳи чӣ? Амн. Аз кӣ? Зи ман.

Гуфтам: Чӣ? Сафар.

Гуфт: Оҳ, куҷо? Масӯз дурам зи ватан.

Гуфтан: Таҳи пар [107, 788]. [116, с.307-308]

Аммо эҳсос мешавад, ки чунин тарзи эҷодро Саҳбо дар ғазал таҷриба намудааст, ки аз ҷумлаи таҷрибаҳои нодири ӯ дар сурудани ин навъи суннатии шеър ба шумор рафта, дар эҷодиёти дигар ҳамасрони ӯ ба мушоҳида нарасид.

Дар ғазалиёти Саҳбо санъати таҷоҳули ориф низ гоҳо истифода гардидааст. Таҷоҳули ориф чунон санъати шеъриест, ки «шоир худро ба нодонӣ зада суол медиҳад ва дар айни ҳол худи суол ҷавоб мешавад, ин гуна санъатро дар илми бадеъ таҷоҳули ориф меноманд» [60, с.116]. Бо ин ки нақши санъати таҷоҳули ориф дар ғазалиёти Саҳбо чандон барҷаста нест,

аммо тарзи истифодаи таъсирбахши он ва омезиши он бо хаёлпардозиҳои шоиронаи Саҳбо дар матни ашъори ӯ қобили таваҷҷуҳ аст. Чунончи, ҳамин вижагӣ – корбурди таҷоҳули ориф ва бо хаёлпардозиҳо омезиш додани он дар мисоли зер мушоҳида мешавад:

*Надонам, аз чӣ хун умрест меҷӯшад дар аъзоям,*

*Магар дорад ба сар завқи ҳавои теғи қотилҳо [36, с. 23].*

Роҷеъ ба санъати муболиға ҳам аз ашъори Саҳбо мисолҳои зиёдеро пайдо кардан мумкин аст, чун санъати мазкур дар матни ашъори вай мукаррар ба чашм мерасад. Муболиға дар ашъори Саҳбо дар бисёр мавридҳо ба василаи корбурди дигар васоити тасвири бадеӣ сурат пазируфта, дар омезиш бо онҳо зинат ва асарбахшии бештар пайдо мекунад. Чунончи, дар мисраи аввали байти зер шоир санъати муболиғаро тавассут ё дар омезиш бо истиораи «дуди оҳ» ба вуҷуд оварда, муҳобот ё фикри муболиғаомези худро маҳз бо ин роҳ таъсирбахштару зеботар гардонидааст:

*Дуди ҳасрат ба фалак мерасад аз синаи ман,*

*Дорад он дилбари бераҳм зи ман ор чаро? [36, с.35].*

Дар эҷодиёти Саҳбо як намуна аз моддаи таърих ба ҳайси мақтаи қасидае ба чашм мерасад:

*Зи пири ақл чу Саҳбо бибахшамаш таърих,*

*Бигуфт аз сари илм ӯ маро, ки рашки биҳишт [36, с.199].*

Қасидаи мазкур ба ифтитоҳи Боғи Кармина аз ҷониби Амир Абдулаҳад бахшида шуда, дар байти фавқуззикр ибораи «рашки биҳишт» моддаи таърих буда, ишорат бар соли 1227 ҳ.қ. / 1812 мелодӣ менамояд. Агар ба ин таърих «сари илм», яъне ҳарфи «айн»-ро илова намоем, 1297-и солшумории ҳиҷрии қамарӣ мешавад, ки ба соли 1880-и солшумории мелодӣ баробар аст. Яъне, соли 1880 таърихи ифтитоҳи боғи зикршуда аст.

Саҳбо баъзан барои нишон додани ҳунари шоирии худ бо истифода аз санъати лафзии илтизом як калимаеро баргузида, онро дар шеъри худ мукарраран меоварад. Донишмандони илми бадеъ «ин санъатро лузуми моялзам (лозими нолозим) ҳам мегӯянд» [80, с. 188].

Чунончи, дар ғазали Саҳбо бо ин матлаъ, ки аз ҳафт байт иборат аст, зиёда аз чил дафъа калимаи «чашм» такрор ба такрор оварда шудааст:

*Ба чашмат чашми ман чун чашми мардум чор мегардад,*

*Ба чашмам ғайри чашмат ҳамчу чашми мор мегардад [36, с.80].*

Агарчи такрори вожа, он ҳам мукаррар дар ҳама мисраъҳову байтҳо, худ иллати каломи мавзун буда, то ҷое муҷиби қабоҳату гӯшхарошии шеър низ мегардад, аммо чунонки аз ғазали Саҳбо дида мешавад, такрори вожаи «чашм» ба василаи ҳунармандона истифода кардан ва тавассути эҷоди мазомини гуногун бо ин вожа, он қадар ҳам гӯшхарош ва дорои қубҳ нест.

### 3.3 Вазни ашъори Саҳбо ва хусусиятҳои он

Қабл аз он ки дар бораи авзони шеъри Саҳбо сухан ронем, лозим медонем, ки дар ин ҷо каме дар бораи назарияи шеър ва баҳрҳои шеърӣ маълумот диҳем. Дар мавриди зарурати донистани назарияи шеър донишмандони классикӣ, амсоли: Насируддини Тӯсӣ [3], Шамси Қайси Розӣ [30], Атоулло Ҳусайнӣ [46] ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, монанди: Баҳром Сирус [136; 137], Тӯрақул Зеҳнӣ [80; 81], Юрий Бобоев [71], Субҳон Давронов [77; 78], Раҳими Мусулмониён [105], Абдунабӣ Сатторзода[131] Урватулло Тоиров [141], Рустам Тағоймуродов [140], Ваҳидиён Комёр [74], Абдулҳусайни Зарринкӯб [74], Абулҳодии Қандил [90], Сируси Шамисо [167; 169], Муаззама Иқболӣ [84] Мисбоҳиддини Нарзиқул [111;112], Сорбон Азизов[51;52;53] ва дигарон ибрози ақида намудаанд.

Дар шинохти шеър бояд қайд кард, ки муҳимтарин унсури он марбут бар сохтору шакл аст, чун бе вуҷуди шакл шеър, аслан, шеърияти худро гум менамояд. Рустам Тағоймуродов дар ин маврид овардааст: «Маълум аст, ки назарияи шеър пас аз амалияи он арзи вуҷуд кардааст, барои ҳамин ҳам ҳар як муҳаққиқи назарияи адабиро воҷиб аст, ки баҳри таҳқиқ ва арзёбии анвои адабӣ ба унсурҳои шаклии онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунад, чунки аксарияти жанрҳои адабии адабиёти форсии тоҷикӣ ба василаи шинохти қонуниятҳои адабии он мушаххас мешаванд» [140, с.5].

Рустами Ваҳҳоб барои ҳар шоире эҳсоси вазну оҳанги шеърро аз унсурҳои муҳимми шеърӣ арзёбӣ карда, онро «заминаи зеҳнии пазириши шоиронаи воқеият» медонад, ки «дар матои шеър вуҷуди айнӣ меёбад» [75]. Ин чунин маънӣ дорад, ки вазну оҳанг барои шеър ҷуз аз унсури муҳимми шакливу сохторӣ, ҳамчунин, асосу замина зеҳну тахайюли вай ҳам мебошад.

Муҳиммияти вазну оҳанг ба ҳайси унсури шаклзо ва василаи пазириши зеҳнии воқеият дар ашъори Саҳбо басо возеҳ аст. Бояд зикр кард, ки қисми зиёди осори Мирзо Ҳайити Саҳборо ғазал ташкил медиҳад. Бинобар ин, мо дар муайян кардани авзони ашъори шоир аз жанри ғазал оғоз карда, бо риояи

ҳамин меъёр, яъне басомад ва адади жанрҳо, баъд аз ғазал мухаммасот ва баъд қасоиди шоирро аз нигоҳи вазн тадқиқ менамоем.

Тадқиқи авзони ғазалҳои шоир нишон медиҳад, ки ӯ аз ҳама бештар дар баҳри рамал ва баҳри ҳазаҷ шеър гуфтааст. Дар таҳқиқи омории 191 ғазали Саҳбо чунин натиҷа ба даст оварда шуд, ки шоир ғазалҳои худро дар 8 баҳри шеърӣ, аз ҷумла, дар баҳри рамал 90 ғазал (47,1%), баҳри ҳазаҷ 51 ғазал (26,7 %), баҳри муҷтас(с) - 22 (11,5%), баҳри музореъ - 17 (9%), баҳри мутақориб - 4 (2,1%), баҳри хафиф - 2 (1,0%), баҳри раҷаз - 2 (1,0%) ва баҳри мунсареҳ 2 ғазал (1,0%) суруда, дар баҳрҳои сареҳ, мутадорик, қариб, мушокил, ҷадид ва муқтазаб ягон ғазал ҳам нагуфтааст.

Бо вуҷуди он ки Саҳбо бо баҳри рамали солим ғазале нагуфта, аммо 90 ғазали ӯ марбут бар анвои ғайрисолими ин баҳр мебошад, ки 47%-и ғазалиёти ӯро ташкил медиҳанд. Аз ин ҷиҳат, мо дар таҳқиқи авзони ғазалиёти Саҳбо ва муайян кардани баҳрҳои онҳо аз баҳри рамал оғоз намудем ва дар мисоли шоҳид овардан аз анвои баҳри мазкур ба як байт иктифо кардем. Зимнан, бояд таъкид кард, ки дар таҳлили оморӣ мо ғазалҳои туркӣ-узбекии шоирро низ мавриди таваҷҷуҳ қарор додаем.

**1.Баҳри рамал – 90 ғазал (47,1%)**

Саҳбо дар 11 навъи вазни баҳри рамал шеър гуфта бошад ҳам, аз ҳама зиёд вазнҳои рамали мусаммани маҳзуф 42 ғазал (21,9%) ва рамали мусаммани мақсур 18 ғазал (9,6%) сурудааст. Дар анвои дигари баҳри рамал, аз ҷумла баҳри рамали мусаммани махбуни аслам 7 ғазал (3, 6%), рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ 6 ғазал (3, 1%), рамали мусаммани махбуни мусаббағ – 4-то (2,0 %), рамали мусаммани махбуни маҳзуф ва рамали мусаммани махбуни мақсур 3-ғазалӣ суруда, ки 1,5-фоизиро дар бар гирифтааст. Анвои мазкур дар якҷояги 11,7%-ро ташкил медиҳанд. Чун Саҳбо дар дигар навъҳои баҳри рамал ғазали нисбатан камтар суруда, мо мисолҳои шоҳидро танҳо аз матлаи чаҳор навъи мазкури баҳри рамал меорем ва ин қоидаро дар мавриди дигар баҳрҳо низ риоя менамоем. Чунончи:

Рамали мусаммани маҳзуф:

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун*

*– V – – / – V – – / – V – – / – V –*

*Чашми мастат мекунад яғмо дилу дини маро,*

*Мебарад тарзи нигоҳат сабру тамкини маро [36, с.24].*

Рамали мусаммани мақсур:

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилон*

*– V – – / – V – – / – V – – / – V ~*

*Эй, зи рашки оразат хуршед андар изтироб,*

*Чун ҷамолат дар назарҳо нест маҳбуб офтоб [27, с.39].*

Рамали мусаммани махбуни аслам:

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаълан*

*– V – – / V V – – / V V – – / – –*

*Аз сари ишва агар рӯй ба мо бинмояд,*

*Гираҳ аз хотири ғамдидаи мо бикшояд [36, с.115].*

Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ:

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилотон*

*– V – – / V V – – / V V – – / – ~*

*Аз карам ҳоли дил он ёр намепурсад ҳеҷ,*

*Хун шуданҳои дили зор намепурсад ҳеҷ [36, с.63].*

Рамали мусаммани махбуни мусаббағ:

*Фоъилотун / фаъилотун фаъилотун / фаъилотон*

*– V – – / V V – – / V V – – / V V – ~*

*Чун қадат сарв ба гулзори ҷаҳон ҳаст, маро нест,*

*Ҳамчу абруи ту дар даҳр камон ҳаст, маро нест [36, с.44].*

Рамали мусаммани махбуни маҳзуф:

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилун*

*– V – – / V V – – / V V – – / V V –*

*Эй дил, иқбол зи хубон на ту дориву на ман,*

*Ахтари толеи рахшон на ту дориву на ман [36, с.179].*

Рамали мусаммани махбуни мақсур:

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилон*

*– V – – / V V – – / V V – – / V V ~*

*То дар ин маърака он сарви равон омадааст,*

*Дилам аз шавқи ҷамолаш ба фиғон омадааст [36, с. 48].*

**Баҳри ҳазаҷ – 51 ғазал (26,7 %)**

Тавре аён мегардад, Саҳбо 51 ғазали девонашро дар 9 вазни баҳри ҳазаҷ эҷод кардааст. Чун баҳри ҳазаҷ яке аз хушоҳангтарин баҳрҳои арузӣ аст, лозим донистем, ки каме дар бораи чигунагии баҳри ҳазаҷ сухан ронем. Ба қавли аксари арузшиносон, баҳри ҳазаҷ аз нахустин ва маъмултарин баҳрҳои аслии аруз буда, дар шеъри арабу Аҷам баробар истеъмол мешавад. Муҳаммад Ғиёсиддин дар «Ғиёс-ул-луғот» оид ба маънои луғавии ин баҳри шеърӣ чунин нигоштааст:

«Ҳазаҷ дар луғат овоз ё тараннуми хушоянда аст. Ва араб бештар ашъоре, ки ба овози хуш дар сурудҳо мехонанд, дар ин баҳр аст. Ва ин баҳр бар сию чаҳор вазн омадааст» [178, с.53]. Субҳон Давронов дар китоби «Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ» суханони муаллифи «Ғиёс-ул-луғот»-ро иқтибос оварда, дар поварақи китоб таъкид менамояд, ки «Муҳаммад Ғиёсиддин фуруоти баҳри ҳазаҷро 16-то нишон додааст, ки мо аз зикри 4-тои он худдорӣ кардем, чунки ҳадди истеъмоли ин рукнҳо нисбатан маҳдудтар аст. Муҳаққиқи мазкур аз 34 вазни нишондодаи соҳиби «Ғиёс-ул-луғот» танҳо 9-тои онро лозим донистааст» [78, с.59].

Ҳамчунин, доир ба хушоҳанг будани баҳри ҳазаҷ С. Давронов дар китоби дигари худ – «Сохти шеъри тоҷикӣ» чунин овардааст: «Шеърҳои дар ин вазн гуфташаванда ниҳоят фораму дилкаш ва оҳангдор садо медодаанд. Ҳамин табиати хушоҳанг будани баҳри ҳазаҷ сабаби дар байни халқҳои Шарқи наздику миёна бештар паҳн гардидани он шудааст» [78, с.12].

Дар ғазалиёти Саҳбо аз анвои баҳри ҳазаҷ, аслан, ҳазаҷи мусаммани солим, ҳазаҷи мусаммани ахраб ва ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур бештар истифода шудааст. Дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим шоир 27 ғазал (14, 1%), дар баҳри ҳазаҷи мусаммани ахраб 8-то (4, 1%) ва дар

ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур 6 ғазал (3,1 %) суруда, ки дар маҷмуъ 37 ғазал ва 21, 3 %-и кулли ғазалиёти ӯро фаро мегиранд. Агар дар ду навъи дигари баҳри ҳазаҷ, аз ҷумла ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ва ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф шоир 3-ғазалӣ (дар якҷоягӣ 3%) эҷод карда бошад, дар ҳазаҷи мусаммани мусаббағ (0,5 %), ҳазаҷи мусаммани мақбуз (0,5 %), ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтами маҷбуб (0,5 %) 1-ғазалӣ суруда, ки анвои мазкур дар якҷоягӣ 4, 5%-и ғазалиёти ширро ташкил медиҳанд. Бинобар ин, мо дар овардани мисолҳои шоҳид аз ғазалиёти шоир ба анвои серистеъмоли баҳри ҳазаҷ ва навъҳое, ки то 3 бор истифода шудаанд, иктифо намудем.

Ҳазаҷи мусаммани солим:

*Мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун*

*V – – – / V – – – / V – – – / V – – –*

*Ман андар раҳгузори ишқ дидам баски мушкилҳо,*

*Саропо хун шуду омад бурун аз дидаи дилҳо [36, с.23].*

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

*Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / фаъӯлун*

*– – V / V – – V / V – – V / V – –*

*Қанду шакару шаҳд зи лаъли ту ҳувайдо,*

*Дурру гуҳар аз тарзи каломат шуда пайдо [36, с.36].*

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

*Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / мафоъил*

*– – V / V – – V / V – – V / V – ~*

*Савдои хами зулфи ту то дар сарам афтод,*

*Сад дарду алам бар дили ғампарварам афтод [36, с. 129].*

Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф:

*Мафоъӣлун / мафоъӣлун / фаъӯлун*

*V – – – / V – – – / V – –*

*Манам мафтуни чашми фитнаҷӯят*

*Асири доми зулфи мушкбӯят [36,с. 62].*

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф:

*Мафъӯлу / мафоъилун / фаъӯлун*

*– – V / V – V – / V – –*

*Ҳон, аз лаби шаккарин бихандо*

*Кун форигам аз ҳадиси қандо [36, с.34].*

Аз теъдод ғазалиёти дар ин баҳр овардашуда чунин натиҷа мегирем, ки ба табъи Мирзо Ҳайити Саҳбо, бештар аз ҳама, вазни ҳазаҷи мусаммани солим (14,1 %), ҳазаҷи мусаммани ахраб ва ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур созгор буда, дигар анвои баҳри мазкур дар эҷоди ғазалиёти вай мақоми пасттарро ишғол менамоянд.

**Баҳри муҷтасс – 22 ғазал (11,5%)**

Баҳри муҷтасс яке аз баҳрҳои фаръии аруз буда, дар шеъри арабу аҷам мусовӣ истифода бурда мешавад. Саҳбо дар қатори дигар баҳрҳои шеърӣ дар 5 вазни баҳри муҷтасс низ қувваозмоӣ намудааст ва 11,5 фоизи ғазалҳояашро дар ин баҳр эҷод кардааст.

Саҳбо дар вазнҳои муҷтасси мусаммани махбуни аслам ва муҷтасси мусаммани махбуни мақсур бештар (7,2%) шеър гуфта, дар вазнҳои муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (1,6%), муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббаӣ (1,6%), муҷтасси мусаммани маҳзуф (1,6%) ва муҷтасси мусаммани махбун (1,0%) нисбатан камтар ғазал сурудааст.

Чунончи:

Муҷтасси мусаммани махбуни аслам:

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълан*

*V – V – / V V – – / V – V – / – –*

*Қасам ба мусҳафи рӯи ту, эй бути зебо,*

*Ки рафтааст тавон аз тану мадор аз по [36, с. 26].*

Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур:

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун*

*V – V – / V V – – / V – V – / V V ~*

*Маро нигору лаби ҷӯй дар баҳор хуш аст,*

*Суруди маҳфили ишрат дар обшор хуш аст [36,с. 51].*

Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф:

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун*

*V – V – / V V – – / V – V – / V V –*

*Набурд бе ту маро як дақиқа хоб ба шаб,*

*Фитод пайкари зорам дар изтироб ба шаб [36, с.40].*

Муҷтасси мусаммани махбуни асламии мусаббағ:

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълон*

*V – V – / V V – – / V – V – / – ~*

*Қадат зи дидаи ҳайрони ман ниҳон гардид,*

*Зи ғусса мардумаки чашм хунфишон гардад [36, с.95].*

**Баҳри музореъ – 17 ғазал (9,4%)**

Дар девони Мирзо Ҳайити Саҳбо дар баҳри музореъ 17 ғазал ба назар расид, ки 10-тои он (5,2%) дар вазни музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур (5,3%) ва 7-тои он дар вазни музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (3,7%) навишта шудаанд.

Чунончи:

Музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

*Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилон*

*– – V / – V – V / V – – V / – V ~*

*Соғар шикасту нашъа париду шароб рехт,*

*Сад ҷӯйи хун зи дидаи ман ҷойи об рехт [36, с.47].*

Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

*Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилун*

*– – V / – V – V / V – – V / – V –*

*Шаҳди тараб ба коми ту шуд, шуд, нашуд, нашуд,*

*Ваҳшии бахт роми ту шуд, шуд, нашуд, нашуд [36,с. 85].*

**Баҳри мутақориб – 4 ғазал (2%)**

Баҳри мутақориб ба гурӯҳи баҳрҳои аслии арузӣ дохил шуда, бештар хосси достонҳои ҳаммосӣ ва таърихӣ ба шумор меравад. Саҳбо ҳам дар ин

баҳри шеърӣ табъи худро озмуда, чаҳор ғазали худро бо мутақориби мусаммани солим (2,1%) сурудааст. Чунончи:

*Фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун*

*V – – / V – – / V – – / V – –*

*Чу Одам ба хулди барин ҳам намонад,*

*Бад-ин зиндагӣ бар замин ҳам намонад [36, с.73].*

**Баҳри раҷаз – 2 ғазал (1%)**

Саҳбо дар баҳри раҷаз ду ғазал суруда, ки яке мусаммани матвии махбун (0,5%) ва дигаре мусаммани махбуни мураффал (0,5%) мебошад, ки ҳар ду дар маҷмуъ 1%-и ғазалиёти шоирро ташкил медиҳанд.

Чунончи:

Раҷази мусаммани матвии махбун:

*Муфтаъилун / мафоъилун / муфтаъилун / мафоъилун*

*– V V – / V – V – / – V V – / V – V –*

*Тобиши меҳр мебарад арзи ҷамол доданаш,*

*Пардаи ғунча медарад лаб ба сухан кушоданаш [36, с.157].*

Раҷази мусаммани махбуни мураффал:

*Мафоъилотун / мафоъилотун / мафоъилотун / мафоъилоту*

*V – V – – / V – V – – / V – V – – / V – V – –*

*Дилам ба ёди висолат имшаб чу шамъ дорад шарора бар сар,*

*Танам-баноту лабам- пиёла, рухам чу коҳеву наъш – озар [36, с.140].*

**Баҳри хафиф – 2 ғазал (1%)**

Баҳри хафиф яке аз сабуктарин баҳрҳои муштараки арузи арабу Аҷам буда, асосан дар шакли мусаддас ба назар мерасад, зеро «дар шакли солими ин бахр шоирони мо шеър наменависанд» [103, с. 162]. Дар дохили девони Саҳбо дар ду навъи вазни баҳри хафиф 2 ғазал оварда шудааст. Якеро агар дар вазни хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф (0,5%), дигареро дар вазни хафифи мусаддаси махбуни аслам (0,5%) сурудааст, ки ин 1 фоизи ғазалҳои шоирро ташкил медиҳад:

Хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф:

*Фоъилотун / мафоъилун / фаъилун*

*– V – – / V – V – / V V –*

*Интизорат зи ҳад гузашт, чаро*

*Нахиромӣ ба сӯйи кулбаи мо? [36, с.25]*

Хафифи мусаддаси махбуни аслам:

*Фоъилотун / мафоъилун / фаълан*

*– V – – / V – V – / – –*

*Ҳарфи мо ношуниданат ганда,*

*Доман аз мо кашиданат ганда [36, с.167].*

**Баҳри мунсареҳ – 2 ғазал (1%)**

Мирзо Ҳайити Саҳбо дар қатори дигар баҳрҳои шеърӣ дар баҳри мунсареҳ низ табъи худро санҷидааст, вале дар ин баҳр ӯ ҳамагӣ 2 ғазал (1,0%) сурудааст ва ҳар ду ҳам дар вазни мунсареҳи мусаммани матвии мавқуф иншо гардидаанд.

Чунончи:

*Муфтаъилун / фоъилун / муфтаъилун / фоъилон*

*– V V – / – V – / – V V – / – V ~*

*Бурд хатат аз кафам мояи сабру қарор*

*Қомати дилҷӯи ту сарви гулистони ноз [34,с. 130].*

Аз тадқиқи вазни ғазалҳои шоир маълум мегардад, ки ӯ бештари ашъори худро дар баҳрҳои рамал, ҳазаҷ, муҷтасс, музореъ, мутақориб, эҷод карда, дар бахрҳои хафиф, раҷаз ва мунсареҳ нисбатан камтар ғазал сурудааст. Аз бетаваҷҷуҳии шоир ба баҳрҳои сареъ, муқтазаб, мутадорик, ҷадид ва мушокил маълум мегардад, ки онҳо ба табъи ӯ созгор наомадаанд.

Чунонки зикр кардем, ба лиҳози бартарии теъдод ва басомади мухаммасоти Саҳбо мо авзони ин жанрро қабл аз қасоиди ӯ тадқиқ намудем. Мухаммасоти шоир, дар умум, дар панҷ баҳр: ҳазаҷ, рамал, музореъ, хафиф ва муҷтас(с) ва дигар анвои шеърии шоир дар се баҳр: ҳазаҷ, рамал, музореъ иншо гардидаанд. Дар мавриди муайян кардани авзони мухаммасоти шоир низ мо басомад ва фоизи истифодаи баҳрҳои арузро ба эътибор гирифта,

қаблан баҳри рамалро мисол меорем, чун миёни кулли баҳрҳои арузӣ Саҳбо бо баҳри рамал бештар мухаммас сурудааст:

**Баҳри рамал – 54 мухаммас (49%), 2 мусаддас, 2 қитъа, 2 фард**

Мирзо Ҳайити Саҳбо дар баҳри рамал 54 мухаммас эҷод кардааст, ки 49%-и фоизи мухаммасоти шоирро ташкил медиҳанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин баҳри арузӣ ба табъи ӯ хеле писанд омада будааст. Шоир дар 7 вазни баҳри рамал мухаммас гуфта бошад ҳам, аз ҳама зиёд вазнҳои рамали мусаммани мақсур (18 мухаммас - 16,3%) ва рамали мусаммани маҳзуф (17 мухаммас - 15,4%) ва баъдан рамали мусаммани махбуни маҳзуф (9 мухаммас - 8,1%)-ро мавриди истифода қарор додааст. Инчунин, ӯ дар вазни рамали мусаммани махбуни мақсур 4 мухаммас (3,6%), рамали мусаммани махбуни аслам 3-то (2,7%), рамали мусаммани махбуни асломи мусаббағ 2-то (1,8%) ва дар рамали мусаддаси мақсур ҳамагӣ 1 мухаммас (0,9%) сурудааст. Ёдрас бояд шуд, ки Саҳбо дар ин баҳри шеърӣ 2 мусаддас, 2 қитъа ва 2 фард низ иншо кардааст.

Чун теъдоди мухаммасҳои Саҳбо дар анвои баҳри рамал ва шохаҳои он зиёданд, мо аз ҳар навъе бо овардани як байти мухаммас иктифо мекунем ва, ҳамчунин, ба лиҳози бартарии теъдод ва басомад мо мисолҳои шоҳидро аз анвои серистеъмоли анвои баҳри рамал оғоз менамоем.

Чунончи:

Рамали мусаммани мақсур – 18 мухаммас, 2 фард

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилон*

*– V – – / – V – – / – V – – / – V ~*

*Дӯш ҷон дар пайкари афсурда мекард изтироб,*

*Ҷисми маҳзунам чу зулфи ёр мезад печутоб [36,с. 240].*

**Фард:**

*Оби лаъли оташинаш дод хокамро ба бод,*

*Ҳасрати ин орзу сад доғ бар ҷонам ниҳод [36, с.230].*

Рамали мусаммани маҳзуф – 17 мухаммас, 2 мусаддас, 2 қитъа

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун*

*– V – – / – V – – / – V – – / – V –*

*Имшаб андар кулбаам, эй дилбаро, танҳо биё,*

*Лутф бинмову зи ағёрон ҷудо,танҳо биё [36, с.232].*

**Мусаддас** (бо забони узбекӣ аст):

*Ёр ул кун ишва ила манга бир ноз айладӣ,*

*Қаҳрдин жонимга юз минг зулм огоз айладӣ[36,с. 405].*

**Қитъа:**

*Баски дил дар ёди рӯят дар бадан бетоб шуд,*

*Кӯҳи тамкин пеши чашмам кураи симоб шуд [36, с. 229].*

Рамали мусаммани махбуни маҳзуф – 9 мухаммас

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилун*

*– V – – / V V – – / V V – – / V V –*

*Кас мабодо ба ҷаҳон ҳамчу ман аз ёр ҷудо,*

*Нашавад булбули шӯрида зи гулзор ҷудо [36, с.234].*

Рамали мусаммани махбуни мақсур – 4 мухаммас

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилон*

*– V – – / V V – – / V V – – / V V ~*

*Он ки бо ишва барад дил, бути айёри ман аст,*

*Ҷону дил хаста кунад,шӯхи дилозори ман аст [36, с. 244].*

Рамали мусаммани махбуни аслам – 3 мухаммас

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаълан*

*– V – – / V V – – / V V – – / – –*

*Боз дил дар ҳаваси рӯйи ту афғон дорад,*

*Ҷон чу зулфат ба бадан ҳолати беҷон дорад [36, с.271].*

Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ – 2 мухаммас

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаълон*

*– V – – / V V – – / V V – – / – ~*

*Дида то бар қади он сарви равон афтодаст,*

*Ҳамчу қумрӣ дар дилу ҷонам фиғон афтодаст [36, с. 246].*

Рамали мусаддаси мақсур – 1 мухаммас. Бояд зикр кард, ки ин мухаммас бо забони узбекӣ аст:

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилон*

*– V – – / – V – – / – V ~*

*Ҳажр аро тун айлар эрдим изтироб,*

*Дард ила зулфи кими печу тоб [36, с. 364].*

**Баҳри ҳазаҷ – 38 мухаммас (37,5%), 2 мусаддас, 1 қитъа ва 3 фард**

Саҳбо дар баҳри ҳазаҷ 38 мухаммас суруда, ки дар маҷмуъ 37,5%-и мухаммасоти шоирро дар бар мегиранд. Аз инҳо 26 мухаммас ба ҳазаҷи мусаммани солим (23,6%), 3 мухаммас ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (2,7%), 2 мухаммас ба ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур (1,8%) ва боқимонда ба анвои дигари баҳри мазкур, амсоли ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтами маҷбуб, ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф рост меоянд. Чунончи:

Ҳазаҷи мусаммани солим:

*Мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун*

*V – – – / V – – – / V – – – / V – – –*

*Агар рӯйи ту партав афканад дар сафҳаи дунё,*

*Шавад шамсу қамар пеши ҷамолат волаву шайдо [36, с. 236].*

Дар ин вазн Саҳбо 2 мусаддас, 1 қитъа ва 3 фард низ суруда. Чунончи:

Мусаддас:

*Ту, эй чархи ситамгар, бар мани маҳзун чиҳо кардӣ,*

*Ба доми меҳнату андуҳу кулфат мубтало кардӣ [36, с.334].*

Қитъа:

*Димоғи иштиҳо аз бӯйи равған шӯрише дорад,*

*Магар деги палав имшаб ба як ҷо ҷӯшише дорад [36, с.229].*

Фард:

*Мабодо дидаам як лаҳза бар рӯйи арақ резад,*

*Дили хунгаштаи ман бо хаёли сарви нав хезад [36, с.230].*

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф – 3 мухаммас (1,8%). Чунончи:

*Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / фаъӯлун*

*– – V / V – – V / V – – V / V – –*

*Эй ҳамди ту бартар бувад аз васфи забонҳо,*

*Оҷиз бувад аз пояи васфи ту баёнҳо [36, с.231].*

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур – 2 мухаммас. Чунончи:

*Мафъӯлу / мафоъилун / мафоъӣл*

*– – V / V – V – / V – ~*

*Эй маҳваши золими ҷафокор,*

*В-эй шӯхи ситамгари дилозор[36, с.287].*

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур – 1 мухаммас.

*Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / мафоъӣл*

*– – V / V – – V / V – – V / V – ~*

*Эй ҷону дили хаста асири хами гесу-т,*

*Пинҳон накун аз лутф ту аз дидаи мо рӯ-т [36, с. 322].*

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтами маҷбуб – 1 мухаммас

*Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / фаъӯл*

*– – V / V – – V / V – – V / V –*

*Андеша ба домони хаёлат нарасад,*

*Ин ақл ба идроки камолат нарасад [36, с. 270].*

Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф – 1 фард

*Мафоъӣлун / мафоъӣлун / фаъӯлун*

*V – – – / V – – – / V – –*

*Парирӯён маро девона карданд,*

*Зи ақлу ҳушу дил бегона карданд [36, с. 230].*

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф – 1 мухаммас

*Мафъӯлу / мафоъилун / фаъӯлун*

*– – V / V – V – / V – –*

*Эй меҳри сипеҳри дилрабоӣ,*

*Хун шуд дилам аз ғами ҷудоӣ [36, с. 296].*

**Баҳри музореъ – 13 мухаммас (11%), 1 мусаддас, 3 қитъа**

Мирзо Ҳайити Саҳбо дар баҳри музореъ 13 мухаммас гуфтааст, ки 7-тои он дар вазни музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур (5,6%) ва 6-тои он дар вазни музореи мусаммани макфуфи маҳзуф (5,4%) навишта шуда, дар якҷоягӣ 11%-и мухаммасоти шоирро фаро мегиранд. Чунончи:

Музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

*Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилон*

*– – V / – V – V / V – – V / – V ~*

*Сарфи ҳавои нафс шуд ин умри бесубот,*

*Афтодаем дур кунун аз раҳи наҷот [36, с. 247].*

Бояд қайд кард, ки шоир дар ин баҳр 1 мусаддас ва 3 қитъа низ сурудааст. Чунончи:

Мусаддас:

*Кокул ба рух фиканд, саборо баҳона кард,*

*Сад чок зад ба ҷайб,қаборо баҳона кард[36, с. 328].*

Қитъа:

*Дар маҳфиле, ки шамъи рухат партав афканад,*

*Парвонасон ба пеши ту ҷонҳо шавад нисор [36, с. 227].*

Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф –6 мухаммас, 3 қитъа:

*Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилун*

*– – V / – V – V / V – – V / – V –*

*Соқӣ, биёр бода, ки моҳи сиём шуд,*

*Ҳангоми айшу сози наю даври ҷом шуд [36, с.269].*

**Баҳри муҷтас(с) – 4 мухаммас (3,6%)**

Баҳри муҷтас(с) аз баҳрҳои фаръии аруз ба шумор рафта, шоирони арабу Аҷам онро фаровон истифода мебаранд. Саҳбо дар ду навъи баҳри муҷтас(с) - муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (1,8%) ва баҳри муҷтасси мусаммани

махбуни мақсур (1,8%) 2-мухаммасӣ сурудааст, ки дар маҷмуъ 3,6%-и мухаммасоти шоирро ташкил медиҳанд. Чунончи:

Муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (1,8%):

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун*

*V – V – / V V – – / V – V – / V V –*

*Зи ҳар ки рутбаат омад зи инсу ҷон бартар,*

*Гузашт пояи қадрат зи бурҷи шамсу қамар [36,с. 280].*

Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур – (1,8%):

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун*

*V – V – / V V – – / V – V – / V V ~*

*Шаб аз хаёли рухат рӯз ҳамнишини ман аст,*

*Ба рӯз аз ғами ҳаҷри ту шаб қарини ман аст [36, с.252].*

**Баҳри хафиф – 1 мухаммас (0,9%)**

Дар дохили девони Саҳбо ҳамагӣ дар як навъи вазни баҳри хафиф 1 мухаммас оварда шудааст, ки он дар вазни хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ буда, ҳамагӣ 0,9%-ро ташкил медиҳад:

*Фоъилотун / мафоъилун / фаълон*

*– V – – / V – V – / – ~*

*Эй, рухат меҳру оразат маҳтоб,*

*Рӯйи худ аз мани шикаста матоб [36, с.239].*

Мирзо Ҳайити Саҳбо баҳрҳои мутақориб, раҷаз, сареъ, мунсареҳ, мутадорик, қариб, ҷадид (ғариб), мушокил ва ғайраро барои таълифи мухаммас ва дигар анвои шеърӣ интихоб накардааст, ки ин далолат бар он мекунад, ки шоир дар сурудани жанри мухаммас баҳрҳои мазкурро чандон созгор намедонистааст.

Агар аз лиҳози чигунагии басомади корбурди авзони аруз ба қасидаҳои Саҳбо назар андозем, маълум мегардад, ки ӯ қасидаҳояшро дар панҷ баҳри аруз: ҳазаҷ, рамал, музореъ, хафиф ва муҷтас(с) эҷод намудааст, ки аз онҳо 34,6%-и қасоид ба баҳри муҷтас(с) (9 адад), 30,7% ба баҳри рамал (8 адад), 15,3%-ӣ ба баҳрҳои ҳазаҷу музореъ (4-ададӣ) ва 3, 8% ба баҳри хафиф (1

адад) тааллуқ доранд. Чун теъдоди қасоиди дар баҳри мучтас(с) сурудаи шоир нисбат ба дигар баҳрҳо зиёдтар мебошанд, ин нишон медиҳад, ки таваҷҷуҳи вай дар эҷоди қасида ба баҳри мазкур махсус будааст. Бинобар ин, мо мисолҳои шоҳидро аввалан аз ҳамин баҳр меорем.

**Баҳри мучтас(с) – 9 қасида (34,6%)**

Баҳри мучтасс яке аз баҳрҳои фаръии аруз буда, дар шеъри арабу Аҷам баробар истифода мегардад. Миёни кулли баҳрҳо Саҳбо қасоиди хешро бештар дар баҳри мучтас(с) эҷод намудааст, ки иборат аз 9 адад мебошанд ва 34,6 %-и қасоиди ӯро дар бар мегиранд. Қасоиди дар ин баҳр сурудаи Саҳбо аз 5 навъ, амсоли: мучтасси мусаммани махбуни асламы мусаббағ – 4 қасида (15,3%), мучтасси мусаммани махбуни мақсур – 3 қасида (11,4%), мучтасси мусаммани махбун – 1-то (3,8%), ва мучтасси мусаммани аслам 1 қасида (3,8%) иборат мебошанд. Дар мавриди қасоид низ мо авзони онҳоро вобаста ба басомади теъдоди онҳо ҷойгузин кардем.

Чунончи:

Мучтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ:

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълон*

*V – V – / V V – – / V – V – / – ~*

*Қазо ба килки қадар дар саҳифаҳо бинвишт,*

*Дар ин замона падидор гашт тозабиҳишт [36, с. 199].*

Мучтасси мусаммани махбуни мақсур:

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилон*

*V – V – / V V – – / V – V – / V V ~*

*Ту рафтию ба дили зори ман қарор намонд,*

*Ба сина сабру ба чашми ҳазин виқор намонд [36, с. 210].*

Мучтасси мусаммани махбун:

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаъилун*

*V – V – / V V – – / V – V – / V V – –*

*Зи ғусса хун шавад он дил, ки дар ҳавойи ту набвад,*

*Равад ба бод ҳар он сар, ки хоки пойи ту набвад [36,с. 206].*

Муҷтасси мусаммани махбуни аслам:

*Мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун / фаълан*

*V – V – / V V – – / V – V – / – –*

*Зиҳӣ, зи зоти ту шуд соҳиби шараф афсар,*

*Надошт рутба, агар  соя н-афканад бар сар[36, с.216].*

**Баҳри рамал – 8 қасида (30, 7%)**

Қасоиди дар баҳри рамал сурудаи Саҳбо 30,7%-ро ташкил медиҳанд. Шоир дар 4 вазни баҳри рамал шеър гуфта бошад ҳам, аз ҳама зиёд вазнҳои рамали мусаммани маҳзуф (3 қасида - 11,5%), рамали мусаммани мақсур (3 қасида - 11,5%)-ро баргузида, дар дигар навъи вазнҳои баҳри рамал нисбатан камтар қасида гуфтааст.

Чунончи:

Рамали мусаммани маҳзуф:

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун*

*– V – – / – V – – / – V – – / – V –*

*Эй ғубори мақдамат бар дидаи мо тӯтиё,*

*Чашмҳоро нест бе гарди суми аспат зиё [36, с.191].*

Рамали мусаммани мақсур:

*Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилон*

*– V – – / – V – – / – V – – / – V ~*

*Эй сипеҳри подшоҳиро туӣ чун моҳтоб,*

*Лутф фармову зи маҳҷурон рухи худро матоб [36, с. 197].*

Рамали мусаммани махбуни аслам– 2 қасида (7,6 %)

*Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаълун*

*– V – – / V V – – / V V – – /–     -*

*Эй шаҳи додраси соҳиби тоҷу афсар,*

*То абад бод туро хилъати давлат дар бар [36, с. 220].*

**Баҳри ҳазаҷ – 4 қасида (15,3 %)** Мирзо Ҳайити Саҳбо дар баҳри ҳазаҷ 4 қасида сурудааст, ки 3-тои он ба ҳазаҷи мусаммани солим ва 1-то ба баҳри ҳазаҷи мусаммани мусаббағ тааллуқ дорад.

Чунончи:

Ҳазаҷи мусаммани солим:

*Мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун*

*V – – – / V – – – / V – – – / V – – –*

*Зиҳӣ, аз ҷилваи зоти ту шуд кавну макон пайдо,*

*Бувад як шамма аз сунъат вуҷуди Одаму Ҳавво [36, с. 188].*

Ҳазаҷи мусаммани мусаббағ:

*Мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоӣлон*

*V – – – / V – – – / V – – – / V – – ~*

*Либоси салтанат бар он қаду боло муборак бод!*

*Бар ангуштат нигини ҳукмрониҳо муборак бод! [36, с. 205].*

**Баҳри музоreъ – 4 қасида (15,3%)**

Дар баҳри музореъ Саҳбо 4 қасида гуфтааст, ки 3-тои он ба музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (11,5%) ва 1-то ба музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур (3,8%) тааллуқ дорад. Чунончи:

Музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф:

*Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилун*

*– – V / – V – V / V – – V / – V –*

*Бодо ҳамеша тавсани иқбол бар сарат,*

*Хизру Масеҳ, ақлу хирад бод раҳбарат [36, с. 202].*

Музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур:

*Мафъӯлу / фоъилоту / мафоъӣлу / фоъилон*

*– – V / – V – V / V – – V / – V ~*

*Дорам умед аз ту ман, эй шаҳриёр, асп,*

*Деҳ аз карам маро, ба ҳаққи Кирдигор, асп [36, с. 198].*

**Баҳри хафиф – 1 қасида (3,8 %)**

Дар иртибот бо баҳри хафиф бояд қайд кард, ки дар девони Саҳбо дар як навъи вазни баҳри хафиф 1 қасида оварда шудааст ва он ҳам дар вазни хафифи мусаддаси махбуни мақсур  мебошад, ки 3,8 фоизи қасоиди шоирро ташкил медиҳад:

*Фоъилотун / мафоъилун / фаъилун*

*– V – – / V – V – / V V ~*

*Рух намуд имшабам ҳилол баид,*

*Хуб дидем мо ҷамол ба ид [36, с. 213].*

Чунонки мебинем, бо ин ки Саҳбо дар 5 баҳри аруз қасида сурудааст, ду баҳр, муҷтас(с) ва рамал дар қасоиди вай нақши асосӣ доранд, зеро 75,3%-и қасоиди вай дар ин ду баҳр эҷод гардидаанд. Баҳрҳои ҳазаҷ, музореъ дар қасидасаройии шоир мақоми дувум (дар якҷоягӣ 30,6%) ва баҳри хафиф (3,8%) мақоми сеюмро ишғол менамоянд. Саҳбо ба баҳрҳои дигар дар сурудани қасида таваҷҷуҳ надоштааст.

Дар **хулосаи фасл** метавон қайд кард, ки басомади корбурди баҳрҳои арузӣ дар ашъори Саҳбо, хусусан дар се жанр: ғазал, қасида ва мухаммас, ки дар эҷодиёти ӯ мақоми баланду калидӣ доранд, яксон нест. Масалан, агар дар ғазалиёт ва мухаммасоти шоир басомади корбурди баҳри рамал нисбат ба дигар баҳрҳо бештар бошад, дар қасоиди ӯ баҳри музореъ дар мақоми аввал қарор дорад. Чунончи, дар ғазалиёти шоир аз 191 ғазал 90 адад бо баҳри рамал суруда шуда, 47,1%-ро ташкил медиҳанд ва дар мухаммасоти ӯ бошад, аз 111 мухаммас 54 ададии он бо баҳри рамал эҷод шуда, 49,0%-ро фаро мегиранд. Аммо дар жанри қасида бошад, аз 26 қасида 9-тои онҳо бо баҳри музореъ суруда шуда, 34,6%-ро ташкил менамоянд.

Мақоми дуюмро, дар нигоҳ бо басомади корбурди авзони арузӣ дар ғазалиёт ва мухаммасоти шоир, баҳри ҳазаҷ ва дар қасоиди вай баҳри рамал ишғол менамояд. Дар ғазалиёти шоир 51 ғазал (26,7 %), дар мухаммасоти ӯ 38 адад (34,5%) бо баҳри ҳазаҷ ва дар қасоидаш 8 адад (15,3%) бо баҳри рамал суруда шудаанд. Бад-ин минвол, дар ғазалиёти шоир мақоми сеюму чаҳорум насиби баҳрҳои муҷтас(с) (22 ғазал, 11,5%) ва музореъ (18 ғазал, 9,4%) ва дар мухаммасоти ӯ насиби баҳрҳои музореъ (6 адад, 5,4%) ва муҷтас(с) (4 адад, 3,6%) мебошад. Дар қасоиди шоир баҳрҳои ҳазаҷу музореъ – ҳар ду мақоми сеюмро ишғол менамоянд (4-ададӣ, 3, 8%).

Аз таҳлили басомади баҳрҳои аруз дар ашъори Саҳбо чунин натиҷа ба даст оварда шуд, ки шоир дар эҷоди ғазал ба  баҳрҳои мутақориб, хафиф, раҷаз ва мунсареҳ чандон аҳамияте намедодааст ва бо ин баҳрҳо ғазалиёти басо кам сурудааст (мутақориб: 4 ғазал, 2,1%, хафиф: 2 ғазал, 1,0%, раҷаз: 2 ғазал, 1,0% ва мунсареҳ: 2 ғазал, 1,0%). Ҳамчунин, қайд кардан зарур аст, ки дар девони Саҳбо намунаи ғазале бо баҳрҳои сареҳ, мутадорик, қариб, мушокил, ҷадид ва муқтазаб мушоҳида намешавад. Дар мавриди қасоид ва мухаммасоти шоир ҳам чунин хусусият мушоҳида мешавад, зеро ҷуз аз баҳрҳое, ки дар иртибот бо қасоид ва мухаммасҳои вай дар боло зикр шуданд, шоир бар корбурди дигар баҳрҳо чандон аҳамият намедодааст. Чунончи, дар мавриди қасоиди ӯ  бояд зикр кард, ки дар девони ӯ танҳо як қасида ба баҳри хафиф  ба назар мерасад, ки он ҳамагӣ 3, 8%-ро ташкил медиҳад.

Сабаби басомад ва ё камомади баҳрҳои арузӣ дар ашъори гуногуннавъи Саҳбо, ба андешаи мо, аввалан, чигунагии мутобиқати мавзуъ, мундариҷа ва ҳолоти ботинии худи шоир бо жанрҳо, баъдан, ба табъи шоир мувофиқ наомадан ва ё, ба истилоҳ, ба табъи вай носозгор омадани оҳанги баъзе баҳрҳо мебошад. Дар ашъори Саҳбо ҳамин вижагӣ бараъло эҳсос мешавад, шоир вобаста ба аҳволи ботинию равонии хеш, вобаста ба болидаруҳию ғамгинияш авзони гуногунро дар ҳар жанре барчида ё ихтиёр кардааст, ки вазни онҳо бо каломи шоир муносибати мантиқӣ пайдо менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки тавозуни корбурд ё басомаду фоизи истифодаи баҳрҳои арузӣ дар ашъори Саҳбо – ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар умум, мутафовиту гуногун аст.

### 3.4. Нақши қофияву радиф ва хусусиятҳои онҳо дар ғазалиёти Саҳбо

Дар эҷоди шеър унсури аз ҳама асосӣ ва муҳим ин қофия ба шумор меравад ва ҳамин аст, ки муҳаққиқон навъҳои шеъри форсӣ-тоҷикиро аз рӯи қофия ва шакли он муайяну мушаххас мекунанд. Аз ин рӯ, нақши қофия дар муайян кардани ашколи шеърӣ басо муҳим ва зарурӣ мебошад. Қофия вожаи арабӣ буда, маънои луғавияш аз қафо, аз пас раванда, охири ҳар чизе ва маънои истилоҳияш ҳарфҳо, ҳиҷоҳо ва калимаҳои ҳамоҳанг, ки дар охири ҳар мисраъ меоянд, мебошад [184, с.150; 182, с.701].

Баҳром Сирус ҳангоми овардани таърифи қофия, инчунин аҳамияти онро низ зикр намудааст: «Қофия дар композитсия, банд ва метрикаи шеър нақши ташкилкунандаро бозӣ мекунад. Калимаҳои қофияшуда ба хубӣ аз дигар калимаҳои шеър ҷудо шуда, барҷастатар намоён мешаванд ва ба ҳамин сабаб онҳо дар хотир амиқтар ҷойгир шуда, дертар фаромӯш мешаванд, диққати хонанда ва шунавандаро нисбат ба дигар калимаҳо зиёдтар ба худ ҷалб мекунанд, маънои мисраъро бо маънои мисраи пештар омадагӣ алоқаманд менамояд ва аз ҳамин ҷиҳат хидмати маълуми маънавиро дар шеър анҷом медиҳанд» [137, с.21].

Нақши қофия ва то чӣ дараҷа муҳим будани ин унсури шеъриро дар матни ашъори Мирзо Ҳайити Саҳбо мо дар мисоли ғазалҳои ӯ муайян намудем, чун жанри мазкур миёни кулли дигар анвои шеърии девони шоир теъдодан ё аз ҳайси басомад бартарӣ дошта, тадқиқи қофияи ашъори шоир тавассути ин жанр то ҳадди муайян муҷиби ҳалли масъалаи дарпешгузошта мешавад.

Пеш аз он ки хусусиятҳои корбурди қофия дар ғазалиёти Саҳборо баррасӣ намоем, бояд роҷеъ ба чигунагии нақши иштироки қофия ва ҳуруфи он дар матни ашъори шоир маълумот диҳем. Дар таҳлили омории ашъори Саҳбо мо бар он натиҷа даст ёфтем, ки дар ғазалиёти Саҳбо дар 43 ғазал қофияҳои холис, яъне бе радиф истифода шудаанд ва боқимонда, ки 121 ғазалро ташкил медиҳанд, ҳамроҳи радиф омадаанд.

Дар ғазалҳои Саҳбо чун дигар шоирони ғазалсаро қофия аз нигоҳи иштироки ҳуруф, умуман, ба ду қисми алоҳида ҷудо мешавад: қофияҳое, ки бо ҳарфи равӣ анҷом мепазиранд ва қофияҳое, ки дар онҳо пас аз ҳарфи равӣ ҳуруфи дигар низ иштирок мекунанд. Дар илми бадеъ қофияҳои бо ҳарфи равӣ анҷомёфтаро қофияи муқайяд ва қофияҳои бо ҳуруфи пас аз равӣ, яъне ҳуруфи васл, хуруҷ, мазид ва ноира тамомшударо қофияи мутлақ меноманд. Бо ҳамин тариқ, қофияҳои навъи якум, яъне муқайяд ё бо ҳарфи равӣ тамомшаванда дар ғазалиёти шоир аз нигоҳи теъдод дар мақоми аввал қарор доранд, чун аз 191 ғазали девони Саҳбо 125 ададро ташкил медиҳанд. Теъдоди боқимондаи ғазалҳои шоир дорои қофияи навъи мутлақ мебошанд.

Қофияҳои муқайяд дар ғазалҳои Саҳбо ҳам дар шакли муқайяди муҷаррад, яъне танҳо иборат аз ҳарфи равӣ ва ҳам дар гунаи муқайяди ғайримуҷаррад, яъне бо ҳуруфи пеш аз равӣ (монанди ридф, қайд) мушоҳида мешаванд. Чунончи, дар мисолҳои зер дар байти якум дар калимаҳои қофияшавандаи «во» ва «мо» (дар байти аввал) ва дар байти дуюм калимаҳои «вафо» ва «шайдо» қофия танҳо аз ҳарфи «о» (алиф) иборат буда, ба навъи муқайяди муҷаррад тааллуқ дорад, чун дар қофияҳои мазкур танҳо ҳарфи равӣ иштирок мекунаду бас:

*То дида ба рухсори ту в**о** шуд, чӣ ба ҷо шуд,*
*Ишқи ту насиби дили м**о** шуд, чӣ ба ҷо шуд [36, с.90].*

***

*Парда бардошт зи рух, меҳру ваф**о** барпо кард,*
*Бӯсае доду дили зори маро шайд**о** кард [36, с.110].*

Агар дар мисолҳои боло қофияи муқайяди муҷаррад аз садоноки дарози «о» ва ё ба истилоҳи пешиниён, аз «ҳарфи илла» иборат бошад, дар мисоли зер қофияи навъи мазкур аз ҳарфи «м» («-ам» - дар кириллӣ)-и баъд аз ҳаракати фатҳа ташкил ёфтааст:

*Манеҳ ҷом аз каф, ки Ҷ**ам** ҳам намонад,*
*Ғам аз дил бадар кун, ки ғ**ам** ҳам намонад [36, с. 74].*

Қофияҳои муқайяди ғайримуҷаррад, яъне бо дигар ҳуруфи қабл аз равӣ нисбат ба навъи муҷарради он дар ғазалҳои Саҳбо бештар ба назар мерасанд. Чунончи, дар мисолҳои поён дар калимаҳои қофияшавандаи «гиребон», «рахшон», «нишон» ва «он» қофия иборат аз ҷузъи «он» буда, «н» ҳарфи равӣ ва «о» ридфи муфрад мебошад:

*Маънии субҳ аст дар чоки гиреб**он**и шумо,*

*Нусхаи хур равшан аст аз рӯйи рахш**он**и шумо [36, с. 29].*

***

*Гар аз сӯйи ту моро оварад қосид ниш**он** коғаз,*

*Фишонам бемуҳобо нақди ҷону дил бар **он** коғаз [36, с. 132].*

Дар байти зер бошад, дар калимаҳои қофияшавандаи «ниқоб» ва «офтоб» ҷузъи қофия ҳуруфи «о» ва «б» ба ҳисоб рафта, «б» – ҳарфи равӣ ва «о» ридфи муфрад мебошад:

*Чу тарфи рӯйи ту аз гӯшаи ниқ**об** бароя д,*

*Зи таҳти абр ҳамоно, ки офт**об** барояд [36, с. 119].*

Бо вуҷудуи он ки дар ғазалиёти Саҳбо қофияи навъи мутлақ нисбат ба муқайяд нисбатан камтар мушоҳида мешавад, он ҳам дар шакли муқайяд ба васл ва ҳам муқайяд бо ҳуруфи баъд аз васл дар матни ашъори шоир бархӯрд мешавад. Чунончи, дар байти зер дар калимаҳои қофияшавандаи «ҷавлонат» ва «хиромонат» ҳарфи «н» – равӣ ва ҳарфи «т» васл буда, қофия мутлақи ба ҳарфи васл пайвастшуда ба ҳисоб меравад:

*Қиёмат мекунад ҳар лаҳза бар ман тарзи ҷавл**онат**,*

*Ҳазорон ишва резад ҳар дам аз сарви хиром**онат** [36, с. 55].*

Қофияи байти боло навъи мутлақи муҷаррад аст, чун танҳо аз ҳарфи васл омада, баъди он ҳарфи дигаре мавҷуд нест. Ҳарфи садоноки баъди равӣ ё пеш аз васл ҳарфи маҷро ё ҳаракаи равӣ мебошад, чун ба воситаи он ҳуруфи пешу пасаш («н» ва «т») бо ҳам алоқаманд мегарданд.

Дар ғазали дигари шоир бошад, қофияҳо (дар калимаҳои қофияшавандаи «мехонанд», «медонанд», «натвонанд», «дармонанд», «бистонанд», «бурҳонанд», «афшонанд», «нодонанд», «биншонанд» ва «мастонанд») ба

навъи мутлақи ғайримуҷаррад тааллуқ доранд, чун бо ҳуруфи хуруҷу мазид созмон ёфтаанд. Аз ҷумла:

*Кунад авсофи саропойи ту донишмандон,*

*То расидан ба даҳону лаби ту натв**онанд*** [36, с.79].

Дар қофияҳои навъи боло ҳарфи «н»-и якум - равӣ, «о» - ридфи муфрад, «н»-и дуюм – васл ва «д» хуруҷ ва ҳаракати равӣ, яъне садоноки баъд аз он маҷро ба ҳисоб меравад.

Он чӣ дар боло оид ба қофия қайд гардид, марбут бар навъҳои он буд. Дар ғазалиёти Саҳбо қофия ҷуз аз гуногуннавъӣ дорои хусусиятҳои дигар мебошад, ки ба тарзи истифода ва дигар ҷиҳатҳои қофия тааллуқ дорад.

Вижагии аз ҳама назаррас дар мавриди қофияҳои ғазалиёти Саҳбо – ин такрори қофия мебошад. Дар девони шоир ғазалҳои зиёде мавҷуданд, ки дар онҳо намунаҳо аз такроршавии қофияҳо мушоҳида мешаванд, ё дар ду байт, ё зиёда аз он.

Басомади такроршавии қофияҳо дар ғазалиёти Саҳбо аз ду то 8-борӣ мушоҳида мешавад. Аммо ин такроршавӣ, дар умум, дар се ҳолат анҷом пазируфтааст. Якум, қофияҳое, ки дар матни ғазал 2-борӣ такрор ёфтаанд, қофияҳое, ки се ва қофияҳое, ки то 8 бор такрор ёфтаанд. Мақоми аввалро миёни қофияҳои боло онҳое ишғол менамоянд, ки 2 бор такрор гардидаанд, чун онҳо дар 22 ғазали Саҳбо мушоҳида мешаванд. Чунончи, вожаҳои «аён» [36, с.105], «банда» [36, с.130], «бор» [36, с. 116], «во» [36, с.67], «гесу» [36, с.160], «гузор» [36, с.136], «дар» [36, с.140], «дилдор» [36, с.116], «зор» [36, с.134], «кам» [36, с.171], «кушоданаш» [36, 157], «маҳшар» [36, 140], «назар» [36, 139], «олам» [36, 171], «он» [36, 121], «по» [36, 120], «равон» [36, 95], «сар» [36, 140], «соғар» [36, 140], «таннозӣ» [36, 166], «тоҷ» [36, 64], «ҷудо» [36, 120], ки дар 22 ғазали шоир ба сифати қофия корбурд шудаанд, 2-борӣ такрор ёфтаанд. Масалан, дар абёти зер ҳолати ду бор такрор ёфтани қофия мушоҳида мешавад:

*Аз ҷамоли ту гулу сабза* ***аён*** *сохтаанд,*

*Гирди ӯ аз хирқати оби равон сохтаанд…*

*Ҳаст мардум ҳама андар талаби оби ҳаёт,*

*К-аш ба зери лаби лаъли ту* ***аён*** *сохтаанд [36, 105].*

Дуюм, қофияҳое, ки дар матни ғазали шоир 3 бор такрор шудаанд. Ин ҳолат дар ғазалиёти Саҳбо 4 бор ба назар мерасад. Чунончи, калимаҳои «барпо» [27, с.110], «ёр» [27, с.183], «сарафроз» [27, с.147] ва «шод» [27, с.81] дар чаҳор ғазали шоир ба ҳайси қофия омада, 3-борӣ такрор гардидаанд. Аз ҷумла, дар ғазали зерин ҳамин ҳолат дар мавриди такрори вожаи қофияшавандаи «ёр» ба назар мерасад:

*Аҳволи дил зи новаки дилдӯзи* ***ёр*** *пурс,*

*Носури захми синаи булбул зи хор пурс...*

*Таълими дарси ишқ зи Маҷнуни мо бигир,*

*Одоби рамзи ишваи Лайлӣ зи* ***ёр*** *пурс.*

*Афғону нола аз дили маҷруҳи мо шунав,*

*Нозу итоб аз нигаҳи масти* ***ёр*** *пурс  [36, с.183].*

Дар ғазали мазкур радиф танҳо иборат аз вожаи «пурс» аст ва вожаҳои пеш аз он, агарчи баъзеяшон мисли радиф такрор шудаанд (масалан, «ёр»), танҳо мақоми қофияро доранд, на ҷузъе аз радифро; зеро дар ғазал ҳам дар мисраи дуюми матлаъ, ҳам дар мисраъҳои мобайнию охир вожаҳои дигар, амсоли: «хор», «интизор», «гулъузор», «мушкбор» ва «соҳибхумор» вазифаи қофияро иҷро менамоянд.

Бояд гуфт, ки такрори вожагон дар қофия низ аз ҷумлаи махсусиятҳоест, ки дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ нуфуз дарёфтааст. Вобаста ба таркибсозиҳое, ки дар ҷараёни сохтмони онҳо калима такрор мешавад, он ба таҳаввулоти маъноӣ дучор мегардад. Масалан, дар ғазали боло вожаи ёр дар мисраи аввал мансуб ба новаки дилсӯзи ёр тааллуқ дораду дар мавқеи дувум худи ёр ва дар ҳолати савум нигоҳи масти ёр.  Аз ин равшан мегардад, ки бар асоси таалluқи вожа ба таркиби сохташуда маънии он гоҳе барои ифодаи ҳолати узви инсон, яъне новаки чашм ва худи чашм ба кор рафтааст.

Сеюм, қофияе, ки 8 бор такрор гардидааст ва ин ҳолат танҳо дар як ғазали шоир мушоҳида мешавад. Ин қофия вожаи «буд» ба ҳисоб меравад, ки

дар ғазали зери матлаи «Ёди рухсорат зи дил сабру зи сар ҳушам рабуд, Чашми бадмастат дари бедод бар рӯям кушуд» 8 бор такрор ёфтааст:

*Аз висолат даври субҳам шому аҳволам хароб,*
*Инчунинам сохтӣ, ҷурми мани маҳзун чӣ буд?*
*Дар диёри ғурбат аз ҳаҷрат наёсудам даме,*
*Баски шаб то рӯз дил дар ёди рухсори ту буд…*
*Рух намудӣ бо ҳазорон ишва, дил бурдӣ зи ман,*
*Бедилеро хаста кардан, худ бигӯ, кеши кӣ буд?...*
*Дидаамро сурма кай равшан кунад, эй гулъузор,*
*Ҷуз кафи хоке, ки нақши пойи гулгуни ту буд [36, с. 72].*

Дар ғазали мазкур, ки дар умум иборат аз 12 байт аст, қофияи такроршуда беш аз 80%-и ғазалро дар бар мегирад, ҳол он ки вожаҳои қофияшаванда, чунонки аз матлаи ғазал ва байтҳои андаруни абёти мазкур дида мешавад, гуногун буда, дар гунаи «рабуд», «кушуд», «набуд», «дуд» истифода гардидаанд.

Яке аз вижагиҳои назаррас дар мавриди такрори қофия дар ғазалиёти Саҳбо – ин дар матни як ғазал такрор ёфтани чанд вожаи қофияшаванда мебошад. Агар дар мисолҳои боло дар матни як ғазал танҳо як вожаи қофияшаванда такрор ёфта бошад, дар се ғазали шоир дар матни як ғазал якбора чанд вожа такрор гардидаанд. Чунончи, дар ғазали зери матлаи «Соқи, биё, ки мужда зи дилдор мерасад, Пайки хуҷаста аз тарафи ёр мерасад» вожаи қофияшавандаи «дилдор» - ду бор, вожаи «ёр» - се бор, дар ғазали таҳти матлаи «Биёр бода, ки махмуриям зи по афканд, Фиғони нолаи ман шӯр дар само афканд» вожаҳои «по» ва «ҷудо» - ду-борӣ ва дар ғазале, ки аз 15 байт иборат асту матлаи он дар фасли роҷеъ ба авзони ғазалиёти шоир оварда шудааст, вожаҳои «дар», «маҳшар», «сар» ва «соғар» 2-борӣ такрор ёфтаанд [36, с.116, 120, 140].

Яке аз вижагиҳои мазкур дар қофиябандиҳои Саҳбо – ин корбурди алифи хитоб, яъне «-о» ба вазифаи ҳарфи васл дар калимаҳои қофияшавандаи

«бихандо», «қандо», «баландо», «бандо», «чандо», «самандо», «газандо», «сипандо» мебошад. Чунончи:

*Себи зақанат надод дастам,*

*Сарват чӣ бало бувад баланд**о** [36, с.34].*

Хусусияти дигар дар қофиябандии Саҳбо – ин шикастани қофия дар матни ғазал ва тавассути он вайрон шудани вазни умумии ғазал мебошад.

Чунончи, дар байти зер, ки матлаи ғазали шоир мебошад ва дар баҳри муҷтасси мусаммани махбуни мақсур: V – V - / VV - - / V – V - / VV ~ (мафоъилун / фаъилотун / мафоъилун - фаъилон) навишта шудааст, бо беҷо овардани калимаи қофияшавандаи «бишкаст» вазни мисраъ вайрон шуда, аз кулли мисраъҳои дигари байт тафовут пайдо мекунад:

*Ниҳод бар дилам аз ғамза оташ он бути маст,*

*Ниҳоли қоматам аз бори дарду ғуссаҳо бишикаст [36, с.43].*

Чунонки дида мешавад, дар ғазали мазкур на танҳо қофияи беҷо, ҳамчунин, қабл аз қофия чанд ҳиҷои дигар дар мисоли вожаи «дард» зиёдатӣ мебошад. Дар ғазали мазкур калимаҳои қофияшаванда «маст», «баст», «раст», «паст», «даст» ба ҳисоб рафта, дар онҳо «аст» ҷузъи қофия мебошад. Чунонки маълум аст, дар баҳри мазкур пеш аз вожаҳои қофияшаванда ҳиҷои кӯтоҳ меояд, аммо дар мисраи дуюми байти боло ин қоида вайрон шуда, ба иллати ноҷо истифода кардани вожаи охир вазни умумии ғазал халалпазир гардидааст.

Чунин шикасти қофия, ки сабаби халалпазирии вазни шеър дар рукни охири мисраъ мегардад, дар байти зерин ҳам, ки дар ғазал ҳукми матлаъро дорад, ба назар мерасад:

*Расид рӯзу имрӯз боби майкада гил шуд,*

*Тамоми бодапарастон аз ин фасона хиҷил шуд [36, с.107].*

Дар ғазали мазкур қофияҳои боқӣ «сабил», «касил», «сақил», «кафил», «вакил» ва монанди инҳо ба шумор мераванд, ки дар ҳуруфоти форсӣ ҳиҷои дуюми онҳо ҳарфи «йо», яъне «и» мегирад, ки мантиқан дарозтар талаффуз

мешавад. Аммо вожаи «гил» дар ҳуруфоти форсӣ ҳарфи «йо» надорад ва дар талаффуз ҳам кӯтоҳ аст.

Бояд қайд кард, ки шикасти мазкури қофиябандӣ, яъне шикасте, ки сабаби тағйирёбии ҳиҷои рукни охир гардад, дар баъзе ғазалҳои дигари шоир ҳам ба чашм мерасанд. Чунончи, дар ғазали зери матлаи «Доме ниҳод зулфи ту, дилро асир кард, Бо як қалилмоя ҷафои касир кард» [36, с.113] калимаи «мунҳасир» (ки дар ҳуруфоти форсӣ «йо» надорад) дар баробари вожаҳои «нафир», «тир», «дастгир», «ҳасир», «шир», «зарир» ва «пир» ҳамчун қофия корбурд шуда, бо ин ҳолат сабабгори халалдор шудани вазн гардидааст.

Баъзан, шикастани қофия дар ғазалҳои Саҳбо сабабгори вайроншавии вазн нагашта бошад ҳам, оҳангу якнавохтии мисраъро халалдор гардонидааст ва вазифаи аслии худро ба ҳайси як рукни муҳимми таъминкунандаи мусиқӣ ва равонии шеър костааст. Чунончи дар ғазали зери матлаи «Мекунад айёми васлатро дили ношод ёд, Гӯ, биё, дидори Ширин мекунад Фарҳод ёд», ки вожаҳои дигари қофишавандаи он «устод», «шамшод», «бод», «барбод» ва «ношод» ба шумор мераванд, байте ҷой дорад, ки қофияи он бар хилофи қофияҳои боло вожаи «тадбир» мебошад:

*Он чӣ бар ҷони ман аз тири нигоҳат рафтааст,*
*Як дам, эй номеҳрубон, кун он ҳама тадбир ёд [36, с.76].*

Чунонки дида мешавад, дар байти мазкур агарчи қофия шикаста шудааст, аммо вазни умумии ғазал халалдор нагардидааст.

Яке аз вижагиҳо дар қофиясозии Саҳбо – ин корбурди имола ба сифати вожаи қофияшаванда мебошад. Дар девони шоир ду ғазал дарёфта шуд, ки дар онҳо шоир ба сифати қофия имоларо ба кор бурдааст. Чунончи, дар байти зерин, ки матлаи ғазал мебошад, дар қофияи мисраи дуюм вожаи «ниго» корбурд шудааст, ки шакли пурраи он «нигоҳ» мебошад. Шоир ба хотири ҳамқофия гардидани «нигоҳ» бо «дуто» ва дигар вожаҳои қофияшавандаи ғазал, ҳарфи «ҳ»-ро аз он ҳазф кардааст:

*Қаддам ба ҷафову ситам он шӯх дуто кард,*

*Баргашта ба ҳоли мани дилхаста* ***ниго*** *кард [36, с.125].*

Дар ғазали дигари шоир бо радифи «чӣ», ки матлаи он дар боби аввал оварда шудааст, ҳамчунин, имоларо дар вожаи қофияшаванда истифода кардааст:

*Гуфтам: чӣ диҳам, бӯса диҳӣ? Гуфт, ки ҷон деҳ,*

*Гуфтам: бикуш имрӯз маро. Гуфт:* ***паго*** *чӣ? [36, с.169]*

Яке аз вижагиҳо дар қофиябандиҳои Саҳбо – ин ба кор бурдани вожаҳои халқӣ ба сифати қофия мебошад. Агар ба имола дучор гардидани калима, аз як тараф, тақозои вазни шеър бошад, чунонки ин ҳолат дар ашъори классикӣ ҳам дучор мешавад, аз тарафи дигар, ба забони халқ майл доштани шоирон низ мебошад. Ҳамин майл бар забони халқ дар ғазалиёти Саҳбо, ба хусус ҳангоми қофиясозӣ, мушоҳида мешавад. Агар дар мисолҳои боло шоир калимаҳоро танҳо ба тақозои вазни шеър ва ҳамқофия кардан шикаста ё имола карда бошад, дар ғазали зери матлаи «Кош, он симбар аз ҷониби Рустоқ ояд, Фараҳе дар дили пурҳасрати ушшоқ ояд» вожаҳоро бе шикастану имола кардан ҳамчун қофия истифода кардааст. Вале ин калимаҳо адабӣ нестанд, халқиянд ва дар забони зиндаи мардум ба кор бурда мешаванд.

Чунончи:

*Зоҳидо, риндаму ҳам бодапарстам хонӣ,*

*Чӣ туро сарфа аз ин туҳмати* ***шилтоқ*** *ояд?*

*Эй рақиб, ин қадарам лоф мазан, бим мадеҳ,*

*Чӣ зи дасти ту бар ин аҳмақи* ***айғоқ*** *ояд? [36, с.117]*

Дар ғазали мазкур ҷуз аз вожаҳои «шилтоқ», «айғоқ» дигар калимаҳои халқӣ, амсоли «қарампоқ» ва «падароқ» ба сифати қофия истифода гардидаанд.

Як хусусияти назаррас дар қофиябандиҳои Саҳбо – ин истифодаи калимаҳои мураккаб ба сифати қофия мебошад. Чунончи, дар ғазали зери матлаи «Маро ҳам кош бурдӣ аз қазо фархундаайёме, Ки мебастам ба тавфи Каъбаи кӯйи ту эҳроме» [27, с.187] ҷуз аз вожаи мураккаби «фархундаайём» боз вожаҳои мураккаби «тозапайғом» ва «барбастабодом» ба сифати қофия

истифода гардидаанд. Агар вожаҳои қофияшавандаи мазкур забонзад ва маҳсули зеҳни шоир набошанд, дар ғазали дигар вожаи мураккаби «номеҳрубондилбарфирор», ки аз чаҳор калима ба вуҷуд омадааст, маҳсули зеҳни худи шоир мебошад:

*Ман, ки гаштам аз ғами ҳиҷрон шаҳиди нози ӯ,*

*Ба раҳи номеҳрубондилбарфирори ман бared [36, с.131].*

Вожаи «номеҳрубондилбарфирор» дар қатори вожаҳои «ёр», «гулгунсавор», «беқарор», «диёр», «беэътибор», «баҳор» ва «пурхумор» вазифаи қофияро иҷро намудааст. Бояд зикр кард, ки корбурди чунин қофияҳои мураккаб, аслан, ба шеъри сабки ҳиндӣ хос аст. Агарчи шеъри Саҳбо дар умум осонфаҳм ва аз ҷиҳати забон дастрас аст, аммо дар баъзе мавридҳо, махсусан корбурди вожаҳои мураккаб, он ҳам ба вазифаи қофия тарзи суханварии ӯро ба шеъри шоирони сабки ҳиндӣ наздик мегардонад.

Дар иртибот бо радиф бояд қайд кард, ки нақши ин унсури муҳимми шеър дар ғазалиёти Саҳбо басо назаррас аст. Аксарияти ғазалҳои Саҳбо дорои радиф мебошанд. Чунончи, аз 191 ғазали дар девони шоир мавҷуда фақат 64 ғазал бе радиф буда, 127 ғазал дорои радиф мебошанд. Дар девони ашъори Саҳбо анқариб 70%-ро ғазалҳои радифдор, яъне мураддаф ташкил медиҳад ва фақат 33,5%-и ғазалҳои ӯ берадиф мебошанд. Назари Сируси Шамисо дар иртибот бар нақши радиф дар ғазали сабки ҳиндӣ, ки гуфтааст: «Усулан, ғазал бидуни радиф дар ин сабк (ҳиндӣ - Ё.Ш.) нодир аст» [139, с. 189], дар мавриди ғазалиёти Саҳбо тасдиқи худро меёбад, зеро чунонки аз таҳлили омории жанри мазкур дар девони шоир маълум карда шуд, қисмати бузурги ғазалҳои ӯ дорои радиф мебошад.

Ҳарчанд ғазалҳои Саҳбо аз лиҳози мазмуну муҳтаво ба ашъори шоирони сабки ҳиндӣ қаринӣ надошта, бештар наздик бо сабки ироқӣ мебошанд, вале аз рӯи шакл ба ғазалҳои сабки ҳиндӣ хеле наздикӣ доранд. Вобаста ба ин мавзуъ Сируси Шамисо дар хусуси сурати ғазали ҳиндӣ чунин қайд менамояд: «Дар ғазали ҳиндӣ ғолибан радифҳои баланд аз қабили «месозад маро», «мешавад пайдо», «мебарем мо», «мебояд шудан» ва ғайра ба чашм

мехӯрад, ки яке аз авомили ташкилдиҳандаи «тарзи адо»-и хосси ин сабк аст» [170, с.189].

Пас аз ташхису таҳқиқи девони Мирзо Ҳайити Саҳбо маълум гардид, ки аз 127 ғазали мураддаф, яъне радифдори шоир (117 ғазали тоҷикӣ ва 10 ғазали узбекӣ) 23-тои он бо радифҳои таркибии ду ё секалимагӣ (21-то ғазали тоҷикӣ ва 2-то ғазали узбекӣ) ва 104-тои он фақат бо радифҳои яккалимагӣ омадаанд, ки аз онҳо 100-то ба ғазалҳои тоҷикӣ ва 8-то ба ғазалҳои узбекӣ тааллуқ доранд.

Радиф ба ҳайси унсури шаклию сохтории шеър вазифаи эҷоди хушоҳангиву равонӣ ва, дар умум, ба вуҷуд овардани мусиқии хос дар матни шеърро иҷро менамояд. Рустами Ваҳҳоб агарчи сурати зоҳири шеърро басо муҳим арзёбӣ кардааст, аммо таъсири мусиқӣ ва оҳангро махсус қайд кардааст [75, с.126]. Вижагии аввалдараҷаи радиф дар ғазалиёти Саҳбо ҳам аз ҳамин иборат аст ва ин вазифаи мусиқибахшии унсури мазкур нисбат ба кулли дигар вижагиҳо ҷилваи назаррас дорад. Шеъри Саҳбо, бахусус ғазалиёташ, аз нигоҳи оҳангу мусиқӣ қобили таваҷҷуҳ аст. Чунончи, дар матлаъбайтҳои зерин аз чанд ғазали шоир то чи дараҷа саҳм гузоштани радифҳои «ҳеч кас», «ту ҳам медонӣ» дар мусиқиноктару оҳангноктар гаштани матни шеър мушоҳида мешавад:

*Аз доми ишқи ӯ нараҳидаст* ***ҳеч кас,***
*Ҳарфе аз он даҳон нашунидаст* ***ҳеч кас*** *[36, с.150].*

***

*Дил зи ҳаҷри ту кабоб аст,* ***ту ҳам медонӣ***
*Тан чу зулфи ту ба тоб аст,* ***ту ҳам медонӣ*** *[36, с. 165].*

Яке аз вижагиҳои назарраси шеъри сабки ҳиндӣ ҳам маҳз дар мавриди корбурди радифҳои таркибӣ ва ба гуфтаи Сируси Шамисо – баланд зоҳир мегардад. Ҳамин вижагӣ дар ғазалиёти Саҳбо ҷилваи махсус дошта, дар бисёр мавридҳо ба ибтикороти ӯ низ далолат менамояд; зеро дар ғазалиёти шоир радифҳои таркибиеро метавон бархӯрд гардид, ки наву обнашустаанд ва шаҳодат аз халлоқияту созандагии худи шоир медиҳанд. Чунончи, ба ин

навъ радифҳои зерин тааллуқ доранд: «аст, ту ҳам медонӣ» [*36*, с. 165], «ба кӣ монад» [*36*, с.123], «ба шаб» [*36*, с.40], «будаст, донистам» [*36*, с.174], «мекунад бозӣ» [*36*, с.162], «мешуд, нашуд» [*36*, с.87], «намепурсад ҳеч» [*36*, с. 63], «на ту дориву на ман» [*36*, с.179], «нашавад, шуд» [*36*, с.127], «нест, маро ҳаст» [*36*, с.45], «тоза шуд» [*36*, с.103], «ҳам намонад» [*36*, с.73], «ҳаст, маро нест» [*36*, с.44], «ҳеч кас» [*36*, с.150], «чӣ ба ҷо шуд» [*36*, с.90], «шуд, шуд, нашуд, нашуд» [*36*, с.85]. Ҳарчанд чунин шеваро шоирони дигари ҳамасри Саҳбо идома додаанд, вале ба мушоҳида мерасад, ки дар интихоби таркибҳо дар кори ӯ тозагиҳое ба чашм мерасад. Бештари дигар суханварони аҳди мавриди таҳқиқ аз таркибу таъбирҳое барои радиф баргузидаанд, ки дар шеъри суханварони сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Бедил ба кор рафтаанд. Вале кӯшишҳои навоварона дар шеъри Саҳбо дида мешавад, ки аз ҷумлаи онҳо ҳамин радифҳои “ҳаст, маро нест”, “ шуд, шуд, нашуд, нашуд”, “мешуд, нашуд” ба шумор мераванд.

Чунонки дида мешавад, радифҳои баланд, яъне аз чанд вожа иборатбудаи Саҳбо агар чанде аз онҳо, амсоли: «ба шаб» [*36*, с.40], «ҳеч кас» дар шакли ибораву таркиб истифода шуда бошанд, қисмати бештари онҳо дар шакли ҷумлаҳо корбурд шудаанд. Аммо ин ҷумлаҳо басо муъҷазанд ва бо ҳамин муъҷазии худ вазифаи радифро басо хуб иҷро намудаанд. Чунончи, ҳамин хусусият дар радифи «будаст, донистам» мушоҳида мешавад:

*Фалак бо сустаҳдон ошно* ***будаст, донистам****,*

*Ҷафо дар ин замон айни вафо* ***будаст, донистам*** *[36, 174].*

Як вижагии назаррас дар радифҳои баланди Саҳбо – корбурди тазоди фикр дар онҳо мебошад, яъне метавон гуфт, ки радифҳои шоир бо санъати муқобилагузорӣ низ зинат ёфтаанд. Ин ҳолатро дар радифҳои «мешуд, нашуд», «на ту дориву на ман», «нест, маро ҳаст», «ҳаст, маро нест», «шуд, шуд, нашуд, нашуд» мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи:

*Дилам аз ҳаҷри ту дар оҳу фиғон нест, маро ҳаст,*

*Чашм аз ёди рухат ашкфишон нест, маро ҳаст [36, с.45].*

Дар яке аз ғазалҳои Саҳбо корбурди тазоди радиф баръакси боло дар шакли «ҳаст, маро нест» [36, с.44] ба чашм мерасад, ки ин аз ҳусни таваҷҷуҳи шоир ба муқобилгузориҳои мазомини шеърияш шаҳодат медиҳад. Дар радифҳои бо тазод зинатёфта Саҳбо гоҳо санъати такрорро низ изофа намудааст, ки ин вижагӣ оҳанги каломи шоирро мутантан намудааст. Чунончи, дар байти зер ду ҷузъи аввали радиф дар шакли «шуд, шуд» ва ду ҷузъи баъдӣ дар шакли «нашуд, нашуд» омада, дар якҷоягӣ маҷмуаи мураккаби радифро ташкил додаанд:

*Эй дил, макун ту шиква зи бедоди чархи гардун,*

*Сайди талаб ба доми ту шуд, шуд, нашуд, нашуд [36, с.85].*

Ибтикороти Саҳбо дар мавриди радиф танҳо марбут бар радифҳои таркибӣ ё баланди ӯ нест, он алоқаманд бо радифҳои иборат аз як вожа низ ҳаст. Аз ҷумла, дар радифҳое амсоли: «арз» [36, с.161], «бинвис» [36, с.151], «коғаз» [36, с.132], «кокулат» [36, с.49], «имшаб» [36, с.38], «маҳинтар» [36, с.145], «Миср» [36, с.143], «наргис» [36, с.149], «рехт» [36, с.47], «халос» [36, с.160], «чӣ» [36, с.169] ҳамин ибтикороти шоир ба назар мерасад. Чунончи, дар мавриди радифи «кокул» ҳамин ибтикороти шоир мушоҳида мешавад:

*Бастаам дилро ман, эй маҳваш, ба тори кокулат,*

*Нақди ҷонро мекунам акнун нисори кокулат [36, с.49].*

Яке аз вижагиҳо дар мавриди корбурди радиф –истифодаи як радиф дар матни ду ва зиёда ғазал аст. Чунончи, радифҳои «бошад» [36, с.118, 130], «маро» [36, с.24, 33], «мебарад» [36, с.99, 128], «омад ба ёд» [36, с.83, 84], «ҳам намонад» [36, с.73, 74], «чаро» [36, с. 35, 176], «шавад» [36, с. 67, 127], «шумо» [36, с. 29, 30], дар ғазалҳои Саҳбо 2-борӣ, радифҳои «аст» [36, с. 41, 52, 54, 58], «кард» [36, с. 68, 110, 113, 125], «мекунад» [36, с. 66, 8991, 100] – 4-борӣ ва радифи «шуд» [36, с. 71, 86, 94, 107, 111] 5 бор истифода гардидаанд. Ин шеваи корбурди як радиф дар чандин ғазал дар сурудаҳои шоирони сабки ҳиндӣ, хоса Бедили Деҳлавӣ нуфуз дорад ва ҳатто дар ҳукми вежагии ҳунариро ҳам гирифтааст. Шоирони ҳамасри Саҳбо, ки аксари намояндагони мактаби пайравони Бедил ба шумор меравand, аз ин шева

истиқбол намудаанд. Масалан, дар девони Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ бо радифи “чароғ”(2 ғазал). “чӣ ҳаз  (2 ғазал), “Гул” (4 ғазал), “тағофул” (3 ғазал),”бағал (2 ғазал) ба мушоҳида мерасад.

Дар радифбандии ғазалиёти Саҳбо баъзан шикаст ё дуршавӣ аз қоидаи корбурди радиф ба чашм мерасад. Чунончи, дар яке аз ғазалҳои шоир бо радифи «чаро», ки иборат аз 9 байт мебошад, дар матлаъ қоидаи радиф вайрон гардидааст ва ба ҷойи «чаро» – «маро» истифода гардидааст:

*Накунад ёди мани сӯхта дилдор чаро?*

*Медиҳад ин қадар аз баҳри чӣ озор маро? [36, с. 35]*

Дар ғазали мазкур вожаи «чаро» вазифаи радифро иҷро менамояд ва ин қоидаи мураддафшавӣ ҷуз аз мисраи дуюми матлаъ дар тамоми мисраъҳои дуюми абёти ғазал риоя гардидааст.

Дар хулосаи фасл метавон гуфт, ки Саҳбо дар бастани қофия, аслан, ибтикороте нишон надодааст, зеро аксари қофияҳои бакорбурдаи вай такрориву обхӯрда буда, дар ашъори шоирони пешини вай мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар қофиябандии Саҳбо, агарчи ҳам қофияҳои муқайяд ва ҳам навъи мутлақи он зиёд ба чашм мерасанд, аммо навъи муқайяд – бо ҳарфи равӣ анҷомёфта теъдодан дар мақоми аввал қарор дорад. Назаррастарин хусусият дар қофиябандиҳои Саҳбо такрори вожаи қофияшаванда ба ҳисоб меравад, ки ин ҳолати такрорёбии қофия дар матни ғазалиёти шоир бо ду роҳ сурат мепазирад: 1) такрор ёфтани як вожа дар ғазал ба ҳайси қофия (ва бад-ин васила вайрон гаштани меъёр ва қоидаи қофиябандӣ); 2) такрор ёфтани чанд вожа дар матни як ғазал ба ҳайси қофия, ки дар ин маврид низ қоидаситезии шоир низ ҳангоми бастани қофия мушоҳида мешавад.

Аммо, бар хилофи қофия, Саҳбо дар корбурди радиф ибтикорот нишон додааст. Саҳбо бо ин ки дар бастани радиф бисёре аз онҳоро дар такрор аз шоирони қаблӣ истифода намудааст, аммо дар ғазалиёти ӯ радифҳои зиёде вомехӯранд, ки маҳсули хаёли худи шоиранд, чунончи мисолҳои онҳо дар боло оварда шудаанд. Ибтикороти шоир дар мавриди корбурди радифҳои

наву обношуста қобили таваҷҷуҳ аст. Аз муҳимтарин вижагиҳои ғазалиёти Саҳбо дар мавриди радиф – ин корбурди вожаҳои мутазод ё зидмаъно дар бастани радиф, истифодаи ибораву таркиб дар радиф, яъне бастани радифҳои ба истилоҳ баланд ва корбурди як вожа дар чандин ғазал ба ҳайси радиф мебошад.

## Хулосаи боби савум

Дар **хулосаи** боб метавон қайд кард, ки дар сабки баёни Саҳбо ҳам нишонаҳои ду сабки пешин ва ҳам хусусиятҳои сабки ҳиндӣ, ки шоирони муосири вай аксаран зери таъсири ҳамин сабк эҷод мекарданд, мушоҳида мешавад. Дар нигоҳ ба содагии гуфтор ва тарзи баён ашъори ӯ шабоҳати зиёд ба суханварони сабкҳои хуросонию ироқӣ дорад, аммо дар нигоҳ ба баъзе вижагиҳо, аз ҷумла корбурди вожаҳои мураккаббаёну тааммулталаб, ки истеъмоли чунин вожаҳо ба сабкҳои пешин, аслан бегона буданд, ашъори вай наздикӣ ба сабки ҳиндӣ менамояд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки дар даврони ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Саҳбо сабки навине бо номи сабки бозгашт арзи вуҷуд кард, ки макони зуҳури он Эрон буд, шиори асосии намояндагони он парҳез аз мушкилбаёнию печидагӯйӣ ва, бар хилофи он, истиқбол аз тарзи содагӯйии шоирони сабки хуросонӣ буд. Ҳеҷ имкон надорад, ки Саҳбо, ки замони вай бо замони зуҳури сабки нав рост меояд, бо ашъори пайравони ин сабк ошно набошад. Чунончи, шаҳрошӯбгӯйӣ, ки яке аз вижагиҳои шоирии намояндагони сабки бозгашт буд, дар шеъри Саҳбо ва дигар муосирони вай каму беш мушоҳида мешавад ва ин худ то ҷое нишондиҳандаи бардошт ва асаргирӣ аз пайравони ин сабк аст.

Чун дар эҷодиёти Саҳбо жанри ғазал аз нигоҳи басомаду теъдод мақоми аз ҳама баланд дорад, маҳз дар ҳамин жанр сабки суханварии ӯ ҷилваи махсус дорад. Ғазалиёти Саҳбо аз ҳайси забону услуб басо содаву равон буда, аз нигоҳи дарку фаҳм, дар умум, мушкилиро ба бор намеоранд. Содагӯйии Саҳбо дар жанри ғазал ашъори шоирони сабкҳои хуросонӣ ва ироқиро ба ёд меоварад. Саҳбо, аслан, шоири содагӯ аст. Содагӯйии вай ба ҳаддест, ки гоҳо услуби баёнаш бо тарзи гуфтор ва муҳовараи мардум

наздикӣ пайдо мекунад. Ҳамин аст, ки дар ғазалиёти ӯ вожаҳои зиёди халқӣ истифода шудаанд, ки хосси забони адабӣ нестанд ва танҳо дар забони мардум мустаъмал мебошанд. Саҳбо, ҳатто, баъзе аз вожаҳои арабиро, ки худ ҷамъбандии шикаста доранд, мисли мардум ҷамъбандии тоҷикӣ менамояд.

Аммо агар содагӯйӣ сабки Саҳборо бо сабкҳои пешин, бахусус хуросонӣ наздик намояд, истеъмоли вожаҳо ва алфози мардумӣ ва, ба истилоҳ, кучаву бозор тарзи шоирии ӯро бо суханварони сабки ҳиндӣ мушобеҳ мегардонад; зеро набояд фаромӯш кард, ки яке аз вижагиҳои назарраси шоирони сабки ҳиндӣ – ин истифода кардан аз вожаву таркибҳо ва ибораву ифодаҳои забони зиндаи халқ ё алфози кучаву бозор мебошад.

Бар илова, дар ғазалиёти Саҳбо баъзан вожаҳо ва таркибу ибораҳое вомехӯранд, ки онҳо низ бо сабаби мураккабию таammулталабии худ тарзи гуфтори шоирро бо сабки ҳиндӣ наздик менамоянд. Бинобар он чи қайд карда шуд, метавон бар ин натиҷа расид, ки дар ашъори Саҳбо ҳам нишонаҳои аслии ду сабки пешин, бахусус хуросонӣ – дар иртибот бо содагӯйиву равонии гуфтор ва ҳам нишонаҳои сабки ҳиндӣ – дар иртибот бо корбурди алфози мардумӣ ё зиндаву мустаъмал ба ҳам омадаанд. Агарчи матни ашъори вай, дар умум, сода аст, аммо чун ӯ шоири даврони худ буд, давроне ки аксари ғазалсароён пайравӣ ва татаббуъ бар сабки ҳиндӣ, бахусус, тарзи баёни бедилӣ мекарданд, бегумон дар баёни баъзе аз мазомину андешаҳои шоирона зери таъсири ин сабк қарор мегирад. Дар натиҷагирӣ аз ин мавзуъ метавон хулоса кард, ки сабку услуби баёни Саҳбо, дар умум, талфиқӣ ва муътадил аст; зеро дар ашъори вай, бахусус ғазалиёташ, нишонаҳои ҳам сабки хуросониву ироқӣ ва ҳам сабки ҳиндӣ ва, ҳамчунин, дар нигоҳ ба руҷуи шоир ба баъзе мазомини шаҳрошӯбӣ, нишонаҳои сабки бозгашт низ мушоҳида мешаванд.

Дар ашъори Саҳбо нақши воситаҳои тасвири бадеӣ, амсоли: ташбеҳ, тавсиф, талмеҳ, истиора, мувашшаҳ, таҷнис, тазод, такрор, муболиға, иҳом, саҷъ, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, сифатчинӣ назаррас мебошад.

Агарчи дар ғазалиёти шоир барои мушобеҳ кардани мафҳумҳою ашё ҳар ду навъи ташбеҳ истифода шудаанд, аммо нақши ташбеҳи кушода ё, ба истилоҳ, сареҳ дар ташбеҳсозии шоир назаррастар мебошад. Ташбеҳоти шоир дар ин мавриди бештар бо адоти «чун» созмон мепазиранд.

Дар нигоҳ ба санъати истиора бошад, дар ашъори шоир ҳар ду навъи он: ҳам истиораи равшан ва ҳам истиораи изофӣ, ки дар он ҷузъи истиорашаванда зикр намегардад, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Яке аз вижагиҳои назаррас дар истиорагузинии Саҳбо – ин ба кор бурдани дигар санъатҳои бадеӣ, амсоли: тавсиф, сифатчинӣ, киноя ва дигар васоити тасвир ба ҳисоб меравад.

Яке аз васоити образноктар намудани мазомини шоиронаи Саҳбо дар матни ашъор, бахусус ғазалиёташ, ин корбурди талмеҳ ва анвои гуногуни он мебошад. Талмеҳоти Саҳбо аз ҳайси мавзуъ басо ғанӣ мебошанд ва асоситарини онҳо ба кор бурдани мисраъҳову абёти шоирони гузаштаву муосир, исми паёмбарон, шоирон, қаҳрамонҳои достонҳои маъруф, номи шаҳру кишварҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ашхоси таърихию асотирӣ, кутубу рисолаҳо ва амсоли инҳо ба шумор меравнанд.

Санъати таҷнис низ дар образноктару муассиртар гардидани мазомини шоиронаи Саҳбо саҳми назаррас гузоштааст. Дар ғазалҳои шоир ҳар ду навъи таҷнис: ҳам лафзӣ ва ҳам маънавӣ нақши намоён доранд. Дар таҷнисҳои лафзӣ шоир чанд вожаи баробаршаклро, ки аз як реша баромадаанд, дар як маъно басо моҳирона истифода намудааст. Дар таҷнисҳои маънавӣ шоир вожагони гуногунмахраҷро, ки дорои шакли яксон мебошанд, бо ҳам мутаҷонис намуда, ҳар яке аз онҳоро дар маънои алоҳида ба кор бурдааст. Яке аз хусусиятҳои назарраси таҷнис дар ғазалиёти шоир – ин аз тахаллуси шоирии худ ва маонии он сохтани мазомини шоирона аст, чун вожаи «саҳбо» дар маънои луғавӣ пурғановат буда, маонии зиёдро ифода менамояд.

Санъати мувашшаҳ дар ашъори Саҳбо мақоми сазовор дошта, шоир онро 41 бор – дар 35 ғазал, 5 мухаммас ва 1 қасидааш истифода кардааст.

Дарозтарин мувашшаҳи Саҳбо аз 15 байт ва камтарини он аз 4 байт иборат мебошад.

Аз 41 шеъри дар шакли мувашшаҳ навиштаи Саҳбо 8 мувашшаҳ бо забони узбекӣ буда, 33-тои он бо забони тоҷикӣ иншо шудаанд. Шоир ба ҷуз аз 3 мувашшаҳ дар 38 мувашшаҳи худ тахаллуси худро дарҷ намудааст. Ба ҷуз ду мувашшаҳи ба номҳои ғайриинсонӣ ихтисосёфта, шоир дар 36 ғазал ва 5 мухаммаси хеш бо забони тоҷикию узбекӣ барои 15 нафар шахсони барояш соҳибэҳтиром мувашшаҳ навиштааст.

Санъатҳои дигари бадеӣ, ки дар хусуси онҳо дар охири боб мисолҳо овардем, агарчи дар ҷанбаи бадеӣ бахшидани каломи шоир ҳар яке дар алоҳидагӣ нақш гузоштаанд, аммо дар қиёс бо ҳафт воситаи фавқуззикри тасвири бадеӣ мақоми поёнтар доранд.

Дар мавриди авзони шеъри шоир бояд қайд кард, ки Саҳбо бештар дар баҳри рамал ва баҳри ҳазаҷ шеър гуфтааст. Ӯ нисбат ба дигар баҳрҳо дар баҳри рамал ва шохаҳои он ғазал бештар сурудааст, ки дар маҷмуъ 90 адад ва 47,1%-и ғазалиёти ӯро ташкил медиҳад. Шоир дар 11 вазни баҳри рамал шеър гуфта бошад ҳам, ғазалиёти ӯ бештар ба рамали мусаммани маҳзуф - 21,9%, рамали мусаммани мақсур - 9,6%, рамали мусаммани махбуни маҳзуф - 3,2% ва рамали мусаммани махбуни аслам - 3,2% тааллуқ доранд.

Саҳбо 51 ғазали худро дар 9 навъи баҳри ҳазаҷ эҷод кардааст, ки дар маҷмуъ 26,7 фоизи ғазалиёти ӯро ташкил медиҳанд. Аз анвои баҳри ҳазаҷ 14, 1% ба баҳри ҳазаҷи мусаммани солим, 4,3% ба ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф, 3,1% ба ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур, 1,5% ба ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ва 1,5%-и боқимонда ба ҳазаҷи мусаддаси ахраби макфуфи маҳзуф тааллуқ доранд,

Шоир дар авзони баҳри муҷтас(с) 22 ғазал сурудааст, ки аз ҷумлаи анвои баҳри мазкур муҷтасси мусаммани махбуни мақсур (3,7%), муҷтасси мусаммани махбуни аслам (3,6%), муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (1,6%), муҷтасси мусаммани махбуни асалми мусаббағ (1,6%), муҷтасси мусаммани маҳзуф (1,6%) ва муҷтасси мусаммани махбун (1%) ба ҳисоб

мераванд. Чунонки дида мешавад, шоир нисбат ба чаҳор навъи охири баҳри мазкур, махсусан нисбат ба мучтасси мусаммани махбун чандон аҳамият намедодааст.

Ду баҳри охирине, ки Саҳбо дар онҳо беш аз 15 ғазал суруда, инҳо баҳрҳои мучтас(с) ва музореъ мебошанд; дар чаҳор навъи баҳри аввал (мучтасси мусаммани махбуни аслам, мучтасси мусаммани махбуни мақсур, мучтасси мусаммани махбуни маҳзуф ва мучтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ) шоир 22 ғазал (11,5%) ва дар ду навъи баҳри музореъ (музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур ва музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф) 18 ғазал (9,%) суруда, ки дар якчоягӣ 20,5%-и ғазалиёти ӯро ташкил медиҳанд.

Чаҳор баҳри боқимонда: мутақориб, раҷаз, хафиф ва мунсареҳ, ки Саҳбо дар онҳо низ ғазал сурудааст, дар қиёс бо баҳрҳои боло аҳамияти чандоне надоранд, чун тавассути онҳо ғазалҳои маъдуд эҷод гаштаанд; аз ҷумла дар баҳри мутақориб (навъи мусаммани солим) 4 ғазал, дар баҳрҳои раҷаз (навъҳои мусаммани матвии махбун ва махбуни мураффал), мунсареҳ (навъи мусаммани матвии мавқуф) ва хафиф (навъҳои мусаддаси махбуни маҳзуф ва мусаддаси махбуни аслам) 2-ғазалӣ эҷод намуда, ки дар якҷоягӣ 10 ғазал (5,1%)-ро ташкил медиҳанд.

Аз 14 баҳри шеърии дар миёни мардуми Аҷам маъруф дар ғазалиёти Саҳбо 7-тои он: баҳрҳои рамал, раҷаз, музореъ, хафиф, мучтасс, мутақориб ва мунсареҳ истифода шуда, дар баҳрҳои муқтазаб, мутадорик, қариб ва мушокил шоир ягон ғазал ҳам насурудааст.

Мирзо Ҳайити Саҳбо дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, музореъ, хафиф ва мучтасс мухаммас эҷод карда, дар бахрҳои раҷаз, сареъ, мунсареҳ, мутақориб, мутадорик, қариб, ҷадид (ғариб), мушокил ва ғайра ягон мухаммас ҳам насурудааст. Сабаби дар нуҳ баҳри арузӣ шеър нагуфтани шоир, ба андешаи мо, ба табъи ӯ созгор наомадани онҳо мебошад.

Миёни баҳрҳои аруз дар мухаммасоти шоир мақоми аввалро баҳри рамал ишғол менамояд. Саҳбо дар баҳри рамал 54 мухаммас эҷод кардааст ва

ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин баҳри арузӣ ба табъи ӯ хеле писанд омада будааст. Шоир дар 7 навъи баҳри рамал, аз ҷумла: мусаммани мақсур (18-то), рамали мусаммани маҳзуф (17-то), рамали мусаммани махбуни маҳзуф (9-то), рамали мусаммани махбуни мақсур (4-то), рамали мусаммани махбуни аслам (3-то), рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ (2-то) ва рамали мусаддаси мақсур (1-то) мухаммас сурудааст. Ёдрас бояд шуд, ки Саҳбо дар ин баҳри шеърӣ 2 мусаддас, 2 қитъа ва 2 фард низ иншо кардааст.

Мақоми дуюмро дар мухаммассароии Саҳбо баҳри ҳазаҷ ва анвои он ишғол менамояд. Аз ин миён 26 мухаммаси шоир ба баҳри ҳазаҷи мусаммани солим, 4-то ба ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур, 3-то ба ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф, 2-то ба ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур ва 1-мухаммасӣ ба навъҳои ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи аҳтами маҷбуб, ҳазаҷи мусаммани макфуфи мақсур ва ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф тааллуқ доранд.

Агарчи Саҳбо 6 мухаммас дар баҳри музореъ (навъҳои мусаммани ахраби макфуфи мақсур ва музореи мусаммани макфуфи маҳзуф), 4-то дар баҳри муҷтас(с) (навъи мусаммани махбуни маҳзуф ва мусаммани махбуни мақсур) ва 1-то дар баҳри хафиф (навъи мусаддаси махбуни мусаббағи аслам) суруда, аммо чунонки аз таҳлили боло мушоҳида мешавад, фоизи мухаммаси дар ин се баҳр сурудашуда дар якҷоягӣ (11%) дар қиёс бо баҳрҳои рамал ва ҳазаҷ басо ночиз аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки шоир се баҳри фавқуззикрро дар мухаммассаройӣ чандон хуш надошта ва ё оҳанги онҳоро дар сароиши ин жанр созгор намешуморидааст.

Саҳбо қасидаҳояшро дар панҷ баҳри арузӣ: ҳазаҷ, рамал, музореъ, хафиф ва муҷтас иншо намудааст. Мақоми аввалро миёни баҳрҳои боло 5 навъи баҳри муҷтас(с): муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ, муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф, муҷтасси мусаммани махбун, муҷтасси мусаммани махбуни мақсур ва муҷтасси мусаммани аслам ишғол менамояд, ки шоир 9 қасидаи худ (34, 6%)-ро дар ин вазн эҷод намудааст.

Баъди баҳри муҷтас(с) қисмати бештари қасоиди Саҳбо ба анвои баҳри рамал, аз ҷумла 3-то ба баҳри рамали мусаммани маҳзуф, 3-тои дигар ба баҳри рамали мусаммани мақсур ва 1-тои ба рамали мусаммани махбуни маҳзуф ва рамали мусаммани махбуни аслам тааллуқ доранд, ки дар якҷоягӣ 30,7%-и қасоиди шоирро ташкил медиҳанд.

Мақоми сеюмро миёни баҳрҳо дар қасидасароии шоир баҳрҳои ҳазаҷ ва музореъ ишғол менамоянд. Шоир дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим 2 қасида ва дар навъи мусаммани мусаббағи он 2-то ва дар баҳри музореи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф 3 қасида ва навъи музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур 1 қасида суруда, ки маҷмуи ҳар баҳрҳо 8 қасида ва 30,6%-ро фаро мегиранд.

Як қасидаи шоир ба баҳри хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф тааллуқ дорад, ки фарогири 3,8% мебошад. Бо дигар баҳрҳо дар девони Саҳбо қасидае ба чашм намерасад.

Дар мавриди қофия ва чигунагии он дар ашъори Саҳбо, хусусан дар ғазалиёташ, ки асоситарин жанри шеърӣ дар эҷодиёти ӯ маҳсуб мешавад, қайди ин нукта зарур аст, ки шоир аслан дар иртибот бо ин унсури шеърӣ ибтикороте ба вуҷуд наёвардааст. Аммо бо вуҷуди ин, дар нигоҳ бар ғазалиёти шоир, ба мушоҳида мерасад, ки вай нисбат бар корбурди қофия ва анвои он таваҷҷуҳи хосса доштааст. Дар ғазалиёти шоир ҳар ду навъи қофия, чи қофияи озоду холис ё берадиф ва чи қофияи ҳамроҳи радиф истифодашуда ба назар мерасанд. Фақат дар мавриди корбурди унсури мазкур басомади анвои он аст, чун 43 ғазали шоир дорои қофияҳои холис, яъне бе радиф мебошанд ва ғазалҳои боқимондаро қофияҳое ташкил медиҳанд, ки ҳамроҳи радиф омадаанд.

Аз нигоҳи шакл қофияҳои бакорбурдаи Саҳбо чун аксари қофияҳои мустаъмал дар ашъори шоирон ба ду қисм ҷудо мешаванд: қофияҳои муқайяд ё бо ҳарфи равӣ анҷомёфта ва қофияҳои мутлақ ё баъд аз равӣ бо ҳуруфи мобаъди он (васл, хуруҷ, мазид ва ноира) тамомшуда. Қофияҳои муқайяд дар ғазалҳои Саҳбо дар ҳар ду шакл: ҳам муқайяди муҷаррад ва ҳам

муқайяди ғайримуҷаррад истифода гардидаанд. Қофияи навъи мутлақ низ ҳам дар шакли муқайяд ба васл ва ҳам муқайяд бо ҳуруфи баъд аз васл истифода шудаанд.

Назаррастарин вижагӣ дар тарзи корбурди қофия дар ғазалиёти Саҳбо – ин такрори он ба ҳисоб меравад, ки аз нигоҳи басомад мухталиф мебошад: баъзан такрори қофия дар матни як ғазал ду бор (дар 22 ғазал), баъзан 3 бор (дар чаҳор ғазал), баъзан ҳатто то 8 бор (дар 1 ғазал) мушоҳида мешавад.

Вижагии дигар дар мавриди такрор ёфтани қофияҳо дар матни ғазалиёти Саҳбо – ин такрори чанд вожаи қофияшаванда мебошад. Дар чанд ғазали шоир ин такрори дучанду сечанди вожаҳои қофияшаванда мушоҳида гардиданд.

Дар мавриди қофия дар ғазалҳои Саҳбо дигар вижагиҳо низ, аз ҷумла истифодаи алифи хитоб ба ҳайси ҳарфи васл, шикасти қофия ё қоидаситезӣ дар мавриди корбурди қофия, ба кор бурдани вожаҳои халқӣ ё хосси услуби гуфтугӯйӣ дар қофия, дар шакли имола истифода кардани қофия, корбурди вожаҳои мураккаб ба ҳайси қофия ба ҳисоб мераванд.

Нақши радиф ба ҳайси муҳимтарин унсури шаклсозу қувватдиҳандаи ҷанбаи мусиқии шеър дар ғазалиёти Саҳбо басо назаррас мебошад. Дар ғазалиёти шоир теъдоди ғазалҳои мураддаф нисбат ба берадиф ба маротиб зиёд мебошад. 127 ғазали Саҳбо бо радиф ороста шудаанд, ки ин ҳудуди 70%-и ғазалиёти ӯро дар бар гирифта, аз таваҷҷуҳи хоссаи Саҳбо ба ин унсури шеърӣ далолат менамояд.

Агарчи қисмати аъзами радифҳои истифоданамудаи Саҳбо такрорӣ ва ба қавле обшуста ба ҳисоб мераванд, аммо миёни онҳо радифҳое низ мавҷуданд,ки маҳсули тахайюли худи шоир буда, аз ибтикороти ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Чунончи, радифҳое монанди: «аст, ту ҳам медонӣ», «ба кӣ монад», «ба шаб», «будаст, донистам», «мекунад бозӣ», «намепурсад ҳеч», «тоза шуд» «ҳеч кас», «чӣ ба ҷо шуд» ва амсоли инҳо маҳсули эҷоди худи шоир мебошанд.

Вижагиҳои назаррас дар радифбандиҳои Саҳбо – инҳо истифодаи тазодди фикр («мешуд, нашуд», «на ту дориву на ман», «нест, маро ҳаст», «ҳаст, маро нест», «шуд, шуд, нашуд, нашуд»), корбурди радифҳои баланд, яъне дар шакли иборaву таркиб ба кор бурдани радиф, корбурди як радиф дар матни чандин ғазал (чунончи: «бошад», «маро», «мебарад», «омад ба ёд», «ҳам намонад», «чаро», «шавад» ва амсоли инҳо); шикасти радиф, яъне қоидаситезӣ дар риояи вожаҳои мураддаф (чунончи, «чаро»-ро бо «маро» мураддаф кардан) ба ҳисоб меравaнд.

# ХУЛОСА

Дар ҷараёни таҳқиқу баррасии масъалаҳои марбут ба мақоми адабии Мирзо Ҳайити Саҳбо дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX мо ба натиҷаҳои муайяне расидем, ки онҳоро ба ҳукми хулосаҳои пажӯҳиш зикр менамоем:

1. Мирзо Ҳайти Саҳбо соли 1848 дар тумани Комоти Бухоро таваллуд шудааст. Замони зиндагии Мирзо Ҳайити Саҳбо, ки ба охири асри XIX ва ибтидои асри XX рост омадааст, яке аз даврахои нooромии ҳаёти мардуми Осиёи Миёна ба ҳисоб мерафт. Маҳз ҳамин нooромию бесуботии авзои сиёсӣ-иҷтимоии давр сабаби номусоидӣ дар ҳаёти Саҳбо гардида, таъсири ниҳоии худро дар тақдири фоҷиабори вай гузоштанд. Саҳбо соли 1918 дар Қубодиён бо баҳонаи ҷадидӣ аз тариқи сангсор кардан бо амри Амир Абдулаҳад ба қатл расонида мешавад [ 4-М, 6-М ].

2. Саҳбо соҳибдевон буда, нусхаи ягонаи девони шоир таҳти рақами шартии №1982 дар Пажӯҳишгоҳи захираи дастхатҳои ба номи Ҳамид Сулаймонови АИ Узбекистон маҳфуз аст ва дар асоси ин дастхат дар Узбекистон тавассути Ҳалима Мухторова маҷмуаи “Саҳбо (танланган шеърлар)” ва дар Тоҷикистон тавассути Ҳасани Муродиён зери унвони “Соғари Саҳбо” интишор ёфтаанд. “Соғари Саҳбо” имрӯз мукаммалтарин ва бузургҳаҷмтарин маҷмуаи ашъори ба расмулхатти кириллӣ чопшудаи шоир ба ҳисоб меравад,вале ҳанӯз матни комили девонро фаро намегирад. Бар ин асос, зарурати он ҳам пеш омадааст, ки дар оянда дар асоси ҳамин нусха ва ҷусторҳо дар мутуни баёзу ҷунгҳо матни комили куллиёти осори Саҳбо таҳия ва нашр карда шавад. [ 3-М ].

3. Мирзо Ҳайити Саҳбо дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX яке аз шоирони зуллисонайни Бухоро ба шумор рафта, ҳам бо забони тоҷикӣ ва ҳам бо узбекӣ  шеър сурудааст. То ба имрӯз 191 ғазал (1624 байт), мухаммас (822,5 байт), 26 қасида (462 байт), 4 мусаддас (151 байт), 6 қитъа (27 байт) ва 6 фард (6 байт) дар маҷмуъ 3092,5 байт шеъри Саҳбо ба

ҳарфи кириллӣ баргардон ва нашр шудаанд, ки ин 47,9 фоизи абёти девон ва 339 шеъри ӯ (61,6%)-ро ташкил медиҳад [ 3-М, 6-М ].

4. Қисмати асосии девони ашъори Саҳборо ғазалиёти ӯ ташкил медиҳанд. Ғазалиёти шоир аз нигоҳи теъдоди абёт гуногун буда, дар онҳо ғазалҳои 9-байтӣ ва 7-байтӣ мақоми аввалро ишғол менамоянд. Дар чунин ҳаҷм эҷод шудани ғазалиёти шоир дар навбати аввал идомаи суннатҳои хоси ғазалсароии асримиёнагии форсу тоҷикро ба хотир меоваранд. Ҳарчанд афзудани ҳаҷми абёт дар ғазалиёти шуарои сабки ҳиндӣ нуфузи бештар касб намуд, аммо Саҳбо равиши маъмулии онро давом дода, дар ҳамин шаклу сохтор аносири дигари барҷастаи сабки ҳиндиро низ ҷилвагар сохтааст. [3-М].

5. Аз нигоҳи мавзуъ дар ғазалиёти Саҳбо тараннуми ишқу муҳаббат мақоми меҳварӣ дорад, зеро ҳудуди 90%-и ғазалиёти ӯ дар мавзуи мазкур навишта шудаанд. Бо ин ки дар ғазалиёти шоир мавзуъҳои дигар низ, аз қабили: тамҳид, мадҳу ситоиши бузургони давр, васфи зебоиҳои табиат, боғҳову гулгаштҳо, шикваю шикоят аз авзои рӯзгор низ мушоҳида мешаванд, аммо мавзуи ишқу муҳаббат миёни кулли мавзуъҳои мазкур мақом ва ҷилваи хосса дорад. Агарчи дар ғазалиёти Саҳбо ҷо-ҷо нуктаҳову ишоратҳое бар ишқи ирфонӣ мушоҳида мешаванд, аммо дар умум, ишқи тасвиркардаи вай марбут бар ишқи воқеӣ мебошад. Бинобар ин, объекти тасвири ӯ низ дар ғазалҳояш, аслан, маъшуқи заминӣ мебошад [ 4-М ].

6. Мақоми дуюмро дар девони Саҳбо миёни анвои шеърӣ жанри мухаммас ишғол менамояд, зеро он ҳам аз нигоҳи теъдод ва ҳам аз шумори абёт нисбат ба қасоиди шоир бештар аст. Аз рӯи ҳаҷм калонтарин мухаммаси шоир 12 банд ва хурдтарини онҳо 4 банд доранд. Аз 110 мухаммаси шоир 74-тои он мухаммаси озод ва 36-то мухаммаси тазмин мебошанд. Иншои мухаммаси мустақилро ҳам метавон кӯшиши муваффақонаи истиқболи шеваи суханварии Бедил унвон кард, чун дар девони ин шоир асосан ин навъи мухаммасот нуфуз доранд.Дар баробари ин, дар эҷодиёти шоирони ҳамасри Саҳбо, чун Шоҳину Туғралу Зуфархон Ҷавҳарӣ бештар

мухаммасоти тазмин нуфуз дорад, вале намунаҳои чунин мухаммас дар эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ низ дида мешавад.[ 8-М ].

7. Мухаммасҳои Саҳбо дар мавзуъҳои ишқу ошиқӣ, ҳаҷру фироқ, орзуи висол, шиква аз ҷафои ёр, таманнои висол, шикоят аз бевафоии маъшуқа, ҳамду санои Худованд ва васфу ситоиши паёмбар, фасли баҳор, файзи саҳархезӣ, моҳи сиём, мазаммати беҳунарию нодонӣ, хунукии фасли зимистон, васфи диёри Дарвозу Қаротегин, мазаммати зоҳид, мухаммас-мувашшаҳ ба номи Исломхон ва ғайра навишта шудаанд.

Мирзо Ҳайити Саҳбо дар мухаммасгӯӣ баъзан қолаби анъанавию маъмулии онро шикаста, дар чанде аз мухаммасҳои худ мисраи панҷуми ҳар банди онро такроран меоварад. Шоир дар чунин мухаммасҳое, ки мисраи охиринашро такрор меорад, зарбулмасал ва ё мақоли халқиро истифода намудааст [ 8-М ].

8. Дар девони Саҳбо жанри қасида аз нигоҳи теъдод ва шумори абёт дар мақоми сеюм қарор дорад. Қасоиди Саҳбо 7-байтӣ, 9-байтӣ, 10-байтӣ, 15-байтӣ, 16-байтӣ, 19-байтӣ, 20-байтӣ, 23-байтӣ, 25-байтӣ, 29-байтӣ, 30-байтӣ, 35-байтӣ, 38-байтӣ ва 47-байтӣ буда, миёни онҳо қасидаҳои 9-байтӣ мақоми аввал (9 адад), қасоиди 15-байтӣ мақоми дуюм (4 адад), қасоиди 23-байтӣ мақоми 3-юмро ишғол менамоянд ва қасидаҳои боқӣ ҳама 1-ададӣ мебошанд. Саҳбо ба ҷуз аз як қасида, дигар дар мақтаи ҳамаи қасидаҳояш тахаллуси худро овардааст. Қасидаҳои Мирзо Ҳайити Саҳбо ба гурӯҳи қасидаҳои мадҳӣ, васфия (васфи зебоиҳои шаҳрҳо ва боғҳо), маснуъ ва рисоия дохил мешаванд [ 8-М ].

9. Ҳунари шоирӣ ва сабку шеваи баёни Саҳбо дар ғазалҳояш ҷилваи махсус дошта, маҳз аз тариқи жанри мазкур вижагиҳои зиёди ашъори ӯ, ба вижа забону услуби ӯро то ҷое метавон муайян кард. Дар иртибот бо риояи содагии баён, корбурди вожаҳои зиёди осонфаҳм ва иҷтиноб аз печидагӯию мубҳамгӯйӣ сабки ашъори Саҳборо метавон дар асл идомаи суннатҳои сабки хуросониву ироқӣ қаламдод кард. Ба истиқбол аз ғазали аввали девони Ҳофиз оғоз шудани девони ғазалиёти шоир низ ба ин амр ишорат меварзад.

Аммо зикри порае аз як ғазали Бедил дар сафҳаи аввали Девон, иншои истиқболияҳо ба ғазалиёти ин шоири бузург ва иқдом таҷрибаҳои нодири ҳунарии ӯ дар ғазал, инчунин аз нигоҳи дигар корбурди баъзе вожаҳову таркибҳои мураккаб (амсоли: «қубҳатобод», «адамоҳанг», “барбастабодом”, «булбулнаво», “гулгунсавор”, «баргаштанигоҳ», «бишкастакулоҳ», «наврустанигоҳ», «ваҳшиғизолон», “ваҳшатсиришт”, «афзунтирозиҳо», «накҳатафзотар»), ки шеваи сохтмони калимотро дар сабки бедилӣ ба ёд меоваранд, ҳамзамон таҷрибаҳои нодир дар баҳрҳои камозмудашуда, ки ҳамагӣ аз хасисаҳои сабки ҳиндӣ, хосатан сабки бедилӣ эътироф шуданд, тарзи баёни Саҳборо метавон дар бештари маворид ба сабки ҳиндӣ иртибот дода, ӯро аз ҷумлаи намояндагони мактаби пайравони Бедил ном бурд. [ 4-М, 2-М ].

10. Дар ашъори Саҳбо ҳам санъатҳои маънавӣ ва ҳам лафзӣ нақши барҷаста доранд. Дар мавриди санъатҳои маънавӣ мақоми ташбеҳ аз ҳама болотар меистад. Бояд зикр кард, ки дар шабеҳсозии мазомин ва ашё Саҳбо бештар аз адоти ташбеҳ истифода мекунад, ки серистеъмолтарини он “чун” ба ҳисоб меравад. Дар ташбеҳсозиҳои Саҳбо шабеҳсозии ашёи моддӣ (конкретӣ) бо мафҳумҳои ғайримоддӣ ё маънавӣ мушоҳида мешавад. Дар ашъори Саҳбо ҳар ду навъи истиора: ҳам равшан ва пӯшида мушоҳида мешаванд. Хусусияти назаррас дар истиорасозии Саҳбо – ин танаввуъ ё гуногунрангӣ мебошад, ки бо истифода аз тавсифу сифатчинӣ ва таркибҳои киноӣ сурат пазируфта, ҷанбаи таъсирбахшии мазомини шоирро бештар намудааст. Талмеҳоти Саҳбо чун аксари шоирон тавассути ишорат бар байту мисраъҳои шоирони гузаштаву муосир, исми паёмбарон, шоирон, қаҳрамонҳои достонҳои маъруф, номи шаҳру кишварҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, ашхоси таърихию асотирӣ, кутубу рисолаҳо ва ояву сураҳои Қуръон ва амсоли инҳо сурат пазируфтаанд. Дар қисмате аз талмеҳот ибтикори шоир дар тарзи корбурд ва ба гунаи нав ифода кардани онҳо мушоҳида мешавад. Таҷниси навъи маънавӣ дар ғазалиёти Саҳбо, махсусан, дар мавриди корбурди тахаллуси худи шоир ба назар мерасад, ки корбурди он муҷиби

ҳусни тахаллус, ки аз санъатҳои дигари бадеӣ мебошад, гардидааст [ 2-М, 8-М ].

11. Дар иртибот бо санъатҳои бадеии лафзӣ бояд қайд кард, ки санъати таҷниси лафзӣ дар корбасти мазомини шоиронаи Саҳбо нақши барҷаста дорад. Назаррастарин вижагӣ дар мавриди таҷнисҳои лафзии шоир – ин эҷоди хушоҳангиву мусиқии махсус ва, ҳамчунин, корбурди вожаҳои гуногунреша дар матни ғазалиёти вай мебошанд. Тавассути санъати бадеии саҷъ ё мусаҷҷаъ шоир мусиқии дохилии ашъори хешро қавӣ гардонидааст. Ҳам навъи мутавозӣ ва ҳам навъи мутаррафи саҷъ дар ашъори шоир мавқеи махсус дорад. Нақши санъати мувашшаҳ низ ба ҳайси санъати лафзӣ дар ғазалиёти Саҳбо барҷаста мебошад ва гуфтан мумкин аст, ки дар ин давра эҷоди чунин шакли шеърӣ ба як суннати адабӣ табдил ёфтааст, ки дар баробари Саҳбо намунаҳои онро дар эҷодиёти Нақибхон Туғрал низ ба мушоҳида метавон гирифт. Туғрал агарчӣ беҳтар ин навъи шеъриро дар қолиби ғазал таҷриба карда бошад, Саҳбо таҷрибаҳои нодире дар қолиби қасида анҷом дода, ҳатто ин навъи шеъриро бо корбурди 28 ҳарфи алифбои арабиасос эҷод карда, ки дар ашъори шоирони дигари давр ба чашм намерасад. [ 2-М, 3-М ].

12. Агарчи Саҳбо, дар умум, дар 8 баҳри арузӣ, амсоли: рамал, ҳазаҷ, муҷтас(с) ва музореъ, мутақориб, хафиф, раҷаз ва мунсареҳ ғазал суруда, аммо теъдоди асосии ғазалҳои ӯ дар чаҳор бахр: рамал, ҳазаҷ, муҷтас(с) ва музореъ суруда шудаанд, ки аз инҳо 90 ғазал ба баҳри рамал, 51 ғазал ба баҳри ҳазаҷ, 22-то ба баҳри муҷтас(с) ва 18-то ба баҳри музореъ рост меоянд. [ 7-М ].

13. Ошноӣ бо авзони ғазалиёти Саҳбо ин нуктаро мусаллам мегардонад, ки дар баробари дигар вазнҳои маъмулӣ ӯ дар идомаи шеваи суханварии Бедил таҷрибаҳои ҳунарие дар баҳрҳои камозмудаву нодир намудааст. Ин таҷрибаҳои ҳунарӣ асосан дар эҷодиёти Саҳбо ва устод Сардиддин Айнӣ ба чашм мерасанд, ки ба мақому ҷойгоҳи шоир дар идомаи падидаҳои нодири сабки суханварии мактаби пайравони Бедил таъкид меварзанд.

14. Мухаммасоти Саҳбо дар панҷ баҳри шеърӣ: ҳазаҷ, рамал, музореъ, муҷтас(с) ва хафиф навишта шудаанд. Миёни баҳрҳои мазкур баҳри рамал дар мақоми аввал қарор дошта, Саҳбо 54 мухаммаси худро дар ин баҳр сурудааст. Дар мақоми дувум баҳри ҳазаҷ қарор дошта, 38 мухаммаси вай дар ин бахр ба қалам омадаанд. Дар се баҳри боқимонда, музореъ – 6 мухаммас, баҳри муҷтасс – 4 ва баҳри хафиф  1 мухаммас эҷод кардааст. [ 8-М, 7-М ].

14. Дар қасоиди Саҳбо 5 баҳри шеърӣ, амсоли: ҳазаҷ, рамал, музореъ, хафиф ва муҷтас(с) истифода шудааст, ки ба баҳри муҷтас(с) (9 адад), ба баҳри рамал (8 адад), 15, баҳрҳои ҳазаҷу музореъ (4-ададӣ) ва ба баҳри хафиф (1 адад) тааллуқ доранд. Саҳбо аз 14 баҳри шеърии дар миёни мардуми Аҷам маъруфбуда фақат дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, музореъ, хафиф ва муҷтасс қасида эҷод карда, дар баҳрҳои раҷаз, сареъ, мунсареҳ, мутақориб, мутадорик, қариб, ҷадид (ғариб), комил, мушокил ва ғайра ягон мухаммас ҳам насурудааст [ 9-М, 7-М ].

15. Дар ғазалиёти Саҳбо қофияҳои муқайяд аз нигоҳи теъдод дар мақоми аввал қарор доранд, чун аз 191 ғазали девони Саҳбо 125 адади он бо чунин навъи қофия эҷод шудаанд. Теъдоди боқимондаи ғазалҳои шоир дорои қофияи навъи мутлақ мебошанд. Қофияҳои муқайяд дар ғазалҳои Саҳбо ҳам дар шакли муқайяди муҷаррад, яъне танҳо иборат аз ҳарфи равӣ ва ҳам дар гунаи муқайяди ғайримуҷаррад истифода гардидаанд. Қофияҳои муқайяди ғайримуҷаррад нисбат ба навъи муҷарради он дар ғазалҳои шоир бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ғазалиёти Саҳбо қофияи навъи мутлақ ҳам дар шакли муқайяд ба васл ва ҳам муқайяд бо ҳуруфи баъд аз васл бархӯрд мешавад. Хусусиятҳои назаррас дар қофиябандии Саҳбо – инҳо такрори қофия (бо имтидоди 2, 3 ва 8 бор дар матни як ғазал), шикастани қофия дар матни ғазал ва тавассути он вайрон шудани вазни умумии ғазал, корбурди имола, ба кор бурдани вожаҳои халқӣ ва бастани калимаҳои мураккаб ба сифати қофия мебошанд [ 7-М ].

16. Нақши радиф ба ҳайси унсури муҳимми шеър дар ғазалиёти Саҳбо назаррас мебошад. Радифҳои бастаи Саҳбо дорои вижагиҳои худ ҳастанд: аз 127 ғазали мураддафи шоир (117 ғазали тоҷикӣ ва 10 ғазали узбекӣ) 23-тои он бо радифҳои таркибии ду ё се калимагӣ ё, ба истилоҳ баланд (21-то ғазали тоҷикӣ ва 2-то ғазали узбекӣ) ва 104-тои он фақат бо радифҳои яккалимагӣ (96-то ба ғазали тоҷикӣ ва 8-то ғазали узбекӣ) эҷод шуданд. Ибтикороти Саҳбо ҳам дар корбурди радифҳои таркибӣ ва ҳам дар радифҳои яккалимагӣ махсусан дар ғазалиёти вай мушоҳида мешавад [ 7-М ].

17. Саҳбо шоири зуллисонайн буда, дар баробари саҳми назаррас гузоштан дар рушди адабиёти тоҷикии нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX тавассути эҷоди ашъори ӯзбекӣ дар ташаккули адабиёти ӯзбекзабони тоҷик низ саҳм гузоштааст. Маълум аст, ки бо сабабу омилҳои муайяни иҷтимоӣ дар ин давра адабиёти дузабона дар ҳавзаҳои адабии Бухорову Хуҷанд ривоҷ дошт ва Саҳбо низ аз ин ҷараёни бетаъсир намонд. Ба ин хотир, таҷрибаҳои ҳунарии вай дар эҷоди анвои мухталифи шеърӣ дар рушди адабиёти ӯзбекзабони тоҷик низ таъсиргузор буда, аз ҷониби пажӯҳишгарон баҳои сазовор гирифтааст.

18. Саҳбо тавассути таҷрибаҳои нодири ҳунарии хеш, чун эҷоди ғазал дар баҳрҳои камтозмудашуда, таҷаддуд дар сохтори ғазалҳо тавассути корбурди шеваи қудамо дар рубоӣ, истифодаи радифҳои нодири таркибӣ, сурудани мувашшаҳ дар қобили қасидаву мухаммас, инчунин эҷоди мухаммасоти озод тозакориҳое дар шеъри давра ба зуҳур расонидаст, ки мавқеъ ва мақоми ӯро дар рушди  адабиёти тоҷикии нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX бозгӯӣ мекунанд.

# I. ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Аз омӯзиши мавод ва масоили мавриди баҳси диссертатсия чунин бармеояд, ки он нахустин пажӯҳиши фарогир роҷеъ ба мушаххасоти рӯзгор ва мероси адабии Мирзо Ҳайити Саҳбо мебошад. Аз ин хотир, бо натиҷагирӣ аз таҳқиқи мавзуъ барои истифодаи амалии он чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсияи мазкур метавонад барои муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи филология дар самти омӯзиши вазъи илмию адабӣ, ҷараёнҳои адабӣ, вижагиҳои бадеӣ ва поэтикӣ мусоидат кунад.

2. Маводи дар диссертатсия фароҳамомада барои ошно намудани доираи васеи хонандагону ихлосмандони адабиёти бадеӣ бо мушаххасоти зиндагӣ, фаъолияти эҷодӣ ва маҳорати суханварии Мирзо Ҳайити Саҳбо метавонанд хидмат кунанд.

3. Мабоҳиси диссертатсия метавонад барои муайян намудани жанрҳои маъмули адабиёт, суннатҳои ғазалсароӣ, мухаммассароӣ ва қасидасароӣ, мухтассоти жанрҳои мазкур суд биёранд.

4. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон дар амалияи илми адабиётшиносӣ, бахусус ҳангоми таълиму тадриси масоили марбут ба адабиёти суннатӣ-классикӣ, мухтассоти жанрҳо, вижагиҳои поэтикӣ ва таҳлили филологии матн мавриди корбурд қарор дод.

5. Маводи диссертатсияро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, дастуру васоити таълимӣ, мақолаву монографияҳои илмӣ, ташкили машғулиятҳои факултативӣ роҷеъ ба адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX, суннати ғазалсароӣ, мухаммассароӣ ва қасидасароӣ дар адабиёти форс-тоҷик ва амсоли инҳо дар факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олӣ ва коллеҷҳои омӯзгории кишвар мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

## РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### I. Сарчашмаҳо

1. Абдӣ, Абдуллоҳхоҷа. Тазкират-уш-шуаро. Матни илмии интиқодӣ бо тавзеҳу муқаддимаи Асғар Ҷонфидо / Абдуллоҳхоҷаи Абдӣ. – Душанбе: Дониш, 1983. – 243 саҳ.

2. Азимободӣ, Ҳусайнқулихон. Ништари ишқ / Ҳусайнқулихони Азимободӣ. Ҷилди 5. – Душанбе: Дониш, 1983. – 1180 саҳ.

3. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо / Садриддин Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Қисмҳои 3-4. - 1955. – 570 саҳ.

4. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб // Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 680 саҳ. – С. 281.

5. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт / Садриддин Айнӣ. - Ҷилди 8. – Душанбе: Ирфон. - 1981. – 524 саҳ.

6. Айнӣ, Садриддин. Мирзо Абдулқодири Бедил / Садриддин Айнӣ // Куллиёт. Ҷ 11. Китоби дуюм. - Душанбе: Ирфон. - 1964. – 335 саҳ.

7. Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик / Садриддин Айнӣ. Ҷилди 16. – Душанбе, 2010. – 420 саҳ.

8. Айнӣ, Садриддин. Таърихи инқилоби Бухоро // Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Адиб. - 1987. – 240 саҳ.

9. Айнӣ, Садриддин. Куллиёт. Ҷ.14. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Тартибдиҳанда Камол Айнӣ. / Садриддин Айнӣ. – Душанбе: Матбуот. - 2005. – 270 с.

10. Аҳрорӣ, Нақибхон Туғрал. Девон [Матн] / Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ. Тасҳеҳ, тавзеҳот, пешгуфтор ва баргардонӣ ба хати форсӣ аз Нуралӣ Нурзод. – Хуҷанд: Хурсон-медиа, 2015. – 792 с.

11. Балхӣ, Ҷалолуддин. Гузидаи ғазалиёти Шамс / Ҷалолуддини Балхӣ. – Душанбе: Ал-ҳудо. - 1372/1994. – 544 саҳ.

12. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷ.1.Ғазалиёт. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов / Абдулқодири Бедил.–Душанбе: Адиб, 1990.–704 с.

13. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷ. 2.Ғазалиёт. Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов Абдулқодири Бедил.–Душанбе: Адиб, 1991.–352 с.

14. Бедил, Абдулқодир. Осор. Ҷ. 3.Таҳияи Саҳобиддин Сиддиқов / Абдулқодири Бедил.–Душанбе: Адиб, 1991.–432 с.

15. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Осор. Ҷ.7. Девони Рубоиёт. Бо саъюу кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳоти Бобобек Раҳимӣ / Абдулқодири Бедил. Душанбе: Адиб, 2007.–848 с.

16. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Нусхаи илмӣ-интиқодии ғазалиёт. Ба эҳтимоми Абдулваҳҳоби Фоиз. Ҷ.1. / Мирзо Абдулқодири Бедил.–Рутердом [Нидерландия]: ISKAMP printing, 2018.–740 с.

17. Бедил, Мирзо Абдулқодир. Нусхаи илмӣ-интиқодии ғазалиёт. Ба эҳтимоми Абдулваҳҳоби Фоиз. Ҷ.2 /Мирзо Абдулқодири Бедил.–Рутердом[Нидерландия]: ISKAMP printing, 2018.–732 с.

18. Возеҳ, Раҳматуллоҳ. Туҳфат-ул-аҳбоб фӣ тазкират-ул-асҳоб / Раҳматуллоҳи Возеҳ. Матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо. – Душанбе: Дониш. - 1977. – 227 саҳ.

19. Гулшани адаб. Намунаи назм. - Иборат аз 5 ҷилд. - Ҷилди 5. Тартибдиҳандагон: А.Афсаҳзод, Л.Сулаймонова, Ҷ. Додалишоев ва дигарон. – Душанбе: Ирфон. - 1980. – С. 395-401.

20. Кайковус, Унсурулмаолӣ. Қобуснома / Кайковус Унсурулмаолӣ. Ба чоп ҳозиркунанда Мирзо Муллоаҳмадов. – Душанбе: Ирфон. - 1979. – 192 саҳ.

21. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). – Душанбе: Ирфон. - 2007. – 616 саҳ.

22. Лоҳурӣ, Воқиф. Девон / Воқифи Лоҳурӣ. – Душанбе: Ашуриён. - 2015. – 685 саҳ.

23. Муҳаммадӣ, Салим. Қиссаи Карим Девона / Салим Муҳаммадӣ. – Душанбе: Сифат. - 2015. – 326 саҳ.

24. Муҳаммадсаид, Неъматулло. Саҳбо (Қисса) / Неъматулло Муҳаммадсаид. – Қӯрғонтеппа. - 2014. – 102 саҳ.

25. Муҳтарам, Неъматуллоҳ. Тазкират-уш-шуаро. / Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи А. Ҷонфидо ва дебочаи К. Айнӣ / Неъматуллоҳи Муҳтарам. – Душанбе: Дониш. - 1976. – 369 саҳ.

26. Назаров, Ҳабибулло. Дар ҷустуҷӯи Карим Девона / Ҳабибулло Назаров. – Душанбе: Балоғат. - 2007. – 336 саҳ.

27. Назаров, Ҳабибулло. Осори мунтахаб. Ҷилди 1. Дар ҷустуҷӯи Карим Девона. Мирзо Ризо / Ҳабибулло Назаров. – Душанбе: Ирфон. - 1978. – 456 саҳ.

28. Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. Тарҷумон-ул-балоға. Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳот Худоӣ Шарифов. – Душанбе: «Дониш», 1987. – 80 саҳ.

29. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-мӯъҷам / Шасми Қайси Розӣ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот: Урбатулло Тоиров.- Душанбе: Адиб, 1991. - 464 саҳ.

30. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам/Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.– Олмотӣ, 2007.–256 с.

31. Садри Зиѐ, Шарифҷон Махдум. Тазкори ашъор / Шарифҷон Махдум Садри Зиѐ. − Теҳрон: Суруш, 1380. − 428 саҳ.

32. Садри Зиё, Шарифҷон Махдум. Рӯзнома.

33. Саҳбо. Ғазалҳо / Саҳбо // Садои Шарқ. - №2, 1975. – С. 129-134.

34. Саҳбо. Девони ашъор / Саҳбо. Нусхаи захираи дастхатҳои Пажӯҳишгоҳи ба номи Ҳ.С. Сулаймонови АИ Узбекистон таҳти рақами 1982. – 263 саҳ.

35. Саҳбо. Соғари Саҳбо / Саҳбо. (Девон иборат аз 2 ҷилд). - Ҷилди 1. – Душанбе: Адиб. - 2018. – 416 саҳ.

36. Саҳбо. (Танланган шеърлар) / Саҳбо. Мураттиб ва муаллифи дебоча таҳти унвони «Сарояндаи зебоӣ ва ҳақиқат» Ҳалима Мухторова. – Ташкент: Фан. - 1991. – 178 саҳ.

37. Сират, Абулфазл. Девон. Таҳиякунандаи матн ва муаллифи пешгуфтор. Мирзоюнус М./Муҳарррир Аъзамзод С.- Хуҷанд: Нури маърифат. -100 с.

38. Соиб, Мирзо Муҳаммадалӣ. Мунтахабот / Мирзо Муҳаммадалии Соиб. Мураттибон: Зоҳир Аҳрорӣ, Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Ирфон. - 1980. – 704 саҳ.

39. Тусӣ, Насируддин. Меъёр-ул-ашъор / Насируддини Тусӣ. Таҳияи У. Тоиров.- Душанбе: Ориёно, 1992.- 144 саҳ.

40. Хушгӯ, Биндробан Дос. Сафинаи Хушгӯ Дафтари солис.Таҳиягар ва муаллифи пешгуфтор, тавзеҳот ва луғатнома: доктори илмҳои филологӣ, профессор Замира Ғаффорова / Биндробан Доси Хушгӯ.– Хуҷанд:Ношир, 2018.– 564 с.

41. Ҳайрат. Ашъори мунтахаб / Ҳайрат. Бо тавзеҳот ва сарсухани Расул Ҳодизода. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. - 1964. – 253 саҳ.

42. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкират-уш-шуаро /Мирсиддиқхон Ҳашмат. Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АИ Узбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ. – Тошканд. Дастхати №2729. – 223 саҳ.

43. Ҳидоят, Ризоқулихон. Мадориҷ-ул-балоға (дар илми бадеъ) / Ризоқулихони Ҳидоят. – Шероз: Матбааи Муҳаммадӣ. – 1331 ҳ. – 230 с.

44. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ- ул- фусаҳо (Захираи дастхатҳои шарқии АФ Тоҷикистон зери шум. 403 лт.). Ҷ. 2.- Теҳрон.- 679 саҳ.

45. Ҳусайнӣ, Атоулло. Бадоеъ-ус-саноеъ / Атоулло Ҳусайнӣ. Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов.- Душанбе: Ирфон.- 1974.- 222 саҳ.

46. Шерозӣ, Ҳофиз. Куллиёт / Ҳофизи Шерозӣ. Мураттиби китоб ва муаллифи сарсухан: Ҷамшед Шанбезода. – Душанбе: Ирфон. - 1983. – 672 саҳ.

47. Шоҳин, Шамсиддин. Куллиёт/Шамсиддин Шоҳин.– Душанбе: Адиб, 2006.– 640 с.

## II.ОСОРИ ТАҲҚИҚӢ

48. Абдуманнонов, Абдураҳмон. Таҳаввули шеър ва фардияти шоир / Абдураҳмон Абдуманнонов // Садои Шарқ. -№2. – 1986. – Саҳ. 90-101

49. Азизқулов, Ҷумъабой. Имону инсофи устод Айнӣ / Ҷумъабой Азизқулов // Маорифи Тоҷикистон. - №4. - 2016. – С. 26-35.

50. Азизов С.С. Баъзе мулоҳизаҳо роҷеъ ба поэтикаи ғазалиёти Низомӣ. //Номаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров: илмҳои ҷомеашиносӣ. Маҷаллаи илмӣ. - Хуҷанд: Нури маърифат, № 4 [57), 2018.-С. 114-123.

51. Азизов С.С. Устод Айнӣ ва шеваҳои корбурди қофияву радиф дар ғазал. //Маҷмӯаи мақолаҳои конфронсияи байналхалқии илмӣ-назариявии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакӣ. «Устод Айнӣ ва илму адабу фарҳанг».- Душанбе, 2018. Саҳ. 124-128

52. Азизов С.С. Авзони ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ. //Фаслномаи илмӣ-адабии Камоли Хуҷандӣ №2[22) .-Хуҷанд:Ношир, 2020. Саҳ.66-86

53. Акбарзода, Юсуф. Нигоҳе ба шеъри тоҷикии садаи XX / Юсуф Акбарзода // Садои Шарқ. -№1. – 2011. – Саҳ. 88-114.

54. Акбарзод, Юсуф. Қисмати инсон ва қисмати шеър / Юсуф Акбарзода. – Душанбе: Дониш. – 1980. – 195 саҳ.

55. Акбарзод, Юсуф. Марҳилаи нав дар шинохти шеъри тоҷикӣ / Юсуф Акбарзод // Садои Шарқ. – №10. – 2013. – С. 121-130.

56. Алиев, Саид, Муҳсинзода, Ҳусейн. Мирзо Ҳайити Саҳбо / Саид Алиев, Ҳусейн Муҳсинзода. Ғазалҳо // Садои Шарқ. - № 2. – 1975. – С.129-134.

57. Алиев, Саидҷон. Унитилмас саҳифалар // Саидҷон Алиев. – Ташкент, 1986.- С.88-91.

58. Ализода, Иброҳим. Ҷаҳонбинӣ ва баъзе хусусиятҳои бадеии асарҳои Саъдии Шерозӣ / Иброҳим Ализода: Рис. барои дарёфти номзади илми филологӣ. – Душанбе. – 1967. – 122 саҳ.

59. Амирқулов, С. Адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX [Матн] / С.Амирқулов. – Душанбе, 1980. – 100 с.

60. Амирқулов, С. Рубоӣ ва таҳаввули он дар адабиёти нимаи якуми асри XIX [Матн] / С.Амирқулов // Известия Академии наук таджикской ССР. – Востоковедия, История, Философия, -№2 (18), 1990. – С.44-50.

61. Амирқулов, С. Таҳаввули жанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX [Матн] / С. Амирқулов. − Душанбе: Деваштич, 2005. – 128 с.

62. Амирқулов, С. Нигоҳе ба инкишофи таърихчаи адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр – қарни XIX. (мунтахаби мақолаҳо) [Матн] / С.Амирқулов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 230 с.

63. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф. - 1999. – 445 саҳ.

64. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (давраи нав). Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ [Матн] / Х.Асозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. – 672 с.

65. Асомиддинзода, Шарофиддин. Воқифи Лоҳурӣ ва ғазалиёти ӯ / Шарофиддин Асомиддинзода. – Душанбе: Ирфон. - 2017. – 264 саҳ.

66. Аҳрорӣ, Зоҳир. Мушфиқӣ / Зоҳир Аҳрорӣ. – Душанбе: Дониш. - 1978. – 273 саҳ.

67. Бертельс, Е. Э. К вопросу об «индийском стиле» в персидской поэзии / Е.Э. Бертельс // CHARISTERIA ORIENTALIA. Pralcipғe ad Persian pertinentia.- Praha.- 1956.- P. 411.

68. Бертельс, Е.Э. Рукописи произведения Ахмади Каллы / Е.Э. Бертельс // Трактат тадж. базы АН СССР. – Т.3. Лингвистика. – Л. - 1936.- 96 с.

69. Бечка, И. Адабиёти форсӣ дар Тоҷикистон / Иржи Бечка. – Теҳрон. - 1372. – 280 саҳ.

70. Бобоев, Юрий. Назарияи адабиёт. Муқаддимаи адабиётшиносӣ [Матн] / Юрий Бобоев. – Қисми якум. – Душанбе: Маориф. - 1992. – 379 с.

71. Бухороӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ. Садри Бухоро (чопи дувум бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо) [Матн] /Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ. – Душанбе, 2004. – 186 с.

72. Бухороӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи XX. Зери назари доктори илмҳои филологӣ Абдунабӣ Сатторзода. – Душанбе: Пайванд, 2006.- 457 с.

73. Ваҳидиён, Тақии Комёр, Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Сабки шеър / Тақии Комёри Ваҳидиён, Абдулҳусайни Зарринкӯб // Адабиёти форсӣ .- Бахши 1 (Қофия ва арӯз).-№ 2/ 283- Қум: Ал- ҳодӣ. - 1377.- Саҳ. 105- 179.

74. Ваҳҳоб, Рустам. Меъёрҳои шеърият / Рустам Ваҳҳоб // Садои Шарқ. -№11. – 2009. – Саҳ. 126-132.

75. Ваҳҳоб, Рустам. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик / Рустам Ваҳҳоб. – Душанбе: Ирфон. – 2009. – 199 саҳ.

76. Давронов, С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ / С. Давронов. – Душанбе: «Маориф», 1992. – 175 саҳ.

77. Давронов, С. Сохти шеъри тоҷикӣ / С. Давронов. – Душанбе: Ирфон. - 1976. – 28 саҳ.

78. Дод, Қувват; Абдурашид, Фозил; Сатторӣ, Қиёмиддин. Қубодиён: Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то имрӯз / Қувват Дод, Фозили Абдурашид, Қиёмиддин Сатторӣ. – Душанбе: Бухоро. - 2014. – С.137-142.

79. Ёди ёри меҳрубон. Марзҳои шарқи шеъри порсӣ. Бо муқаддимаи устод Эраҷи Афшор. Бо кӯшиши Мирзо Муллоаҳмад. – Теҳрон: Интишороти Тус. - 1380 ҳ. – С.763-772.

80. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб. - 2007. – 400 саҳ.

81. Зеҳнӣ, Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. - 1960. – 256 саҳ.

82. Зиёдалиев, Файз. Фоҷиаи қатли мири Қубодиён / Файз Зиёдалӣ // Адабиёт ва санъат. - № 21-22. - 31.05.2002. – С. 8.

83. Зубайдуллоев, Саидҷон. Мирзо Ҳайити Саҳбо – адиби қубодиёнӣ / Саидҷон Зубайдуллоев // Илм ва ҳаёт. – 2016. - №1. – С.17-19.

84. Иқболӣ, Муаззама Аъзам. Шеър ва шоирон дар Эрони исломӣ / Муаззама Аъзами Иқболӣ.- Теҳрон: Дафтари нашри фарҳанги исломӣ. - 1363.- 253 саҳ.

85. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон: Огоҳ. - 1373 ҳ.- 680 саҳ.

86. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ. Таҳқиқи интиқодӣ дар татаввури иможҳои шеъри порсӣ ва сайри назарияи балоғат дар ислом ва Эрон / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон: Огоҳ. - 1370.- 732 саҳ.

87. Кангуртӣ, Ҳоҷӣ Ҳусайн. Куллиёт. –Душанбе: Адиб. – 2019. 1280 саҳ.

88. Каримов, Усмон. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XV111 ва нимаи аввали асри X1X / Усмон Каримов. Таҳти назари Расул Ҳодизода.- Душанбе: Дониш. - 1974.- 184 саҳ.

89. Кӯчаров А. Анъана ва навоварӣ дар шеъри аҳди ҷадидия / А.Кӯчаров // Садои Шарқ. – 2016. - №10. – С. 123.

90. Қандил, Абдулвоҳид Асъод. Фунуни шеъри форсӣ / Абдулвоҳид Асъоди Қандил. Тарҷумаи Фотима Сӯҳонфикр. – Теҳрон: Андешаи ҷавон. – 1369. – 302 саҳ.

91. Маҳмадаминов А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ. (Тазкираи С. Айнӣ “Намунаи адабиёти тоҷик”).- Душанбе: Сино, 1998.- 211 с.

92. Маҳмадаминов, А.С. Садриддини Айнӣ - олим / А.С. Маҳмадаминов. -Душанбе: Истеъдод, 2010. - 64 с.

93. Маҳмадаминов, А.С. Родмарде аз Самарқанди бостон (Ҳомид Бақозода) / А.С. Маҳмадаминов. -Душанбе: Истеъдод, 2012. – 400.

94. Маҳмадаминов, А.С. «Ёддоштҳо» ва тадқиқи масъалаҳои таърихи адабиёти тоҷик / А.С. Маҳмадаминов, Л. А. Шарифзода // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои филологӣ. - Душанбе, 2019. - №4. - С. 140- 146 (Ҳаммуаллиф).

95. Маҳмадсаидов, Н. Марги Саҳбо / Н. Маҳмадсаидов // Шараф. - № 35-37. - 1989. – С. 4.

96. Мирзоев, А. М. Рудаки и развитие газели / А. Мирзоев. Перевод: Н. Оманова.- Сталинабад: Таджгосиздат. - 1958.- 71 с.

97. Мирзоев, А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. – 197 с.

98. Мирзоев, Абдулғанӣ. Сездаҳ мақола (Аз таърихи адабиёти асрҳои X-XV форсу тоҷик) /Абдулғанӣ Мирзоев. – Душанбе: Ирфон. - 1977. – 288 саҳ.

99. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик / Х. Мирзозода. – Душанбе: Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон. - 1962. – 135 саҳ.

100. Мирзоюнус, Матлуба. Девони Саҳбо – армуғони арзишманд / Матлубаи Мирзоюнус // Адаб. - №4 (48). - 2018. – С. 77.

101. Мирзоюнус, Матлуба. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар охири садаи XIX ва нимаи аввали садаи XX/ Матлубаи Мирзоюнус.- Хуҷанл: Ношир, 2023-418 с.

102. Муллоахмедов, Мирзо. Литературное направление «Базгашт» («Возвращение») в Иране конца XV111 - первой половины X1X в. / Мирзо Муллоахмедов: Автореф. докт. дис.- АН РС. - 1993.- 62 с.

103. Муродиён, Ҳасан. Шаст мақола / Ҳасан Муродиён. – Душанбе: Ирфон. - 2019. – 432 саҳ.

104. Муродиён, Ҳасан. Шуълаест, к-аз дуд фориғ / Ҳасан Муродиён. – Душанбе: Ирфон. - 2016. – 225 саҳ.

105. Мусулмониён, Раҳим. Асрори сухан / Раҳим Мусулмониён. – Душанбе: Ирфон. - 1980. – 152 саҳ.

106. Мусулмониён, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф. -1987. – 88 саҳ.

107. Мусулмониён, Р. Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Ирфон. - 1970. – 217 саҳ.

108. Мусульманкулов, Р. Персидско-таджикская классическая поэзия (X-XV вв.) / Р. Мусульманкулов. – М.: Наука. – 1989. – 239 с.

109. Мухторов, А. Ҳисор (Очерки таърихӣ) /А. Мухторов. – Душанбе: Адиб. - 1995. – С.89.

110. Назарова, Саодат. Осафии Ҳиравӣ ва эҷодиёти ӯ / Саодат Назарова. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг. - 2012.158 саҳ.

111. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Авзони ашъори Рӯдакӣ. - [тавзеҳи нукоти арӯзӣ, ихтиёроти шоирӣ ва авзони ашъори бозмондаи устод Рӯдакӣ дар асоси «Девон»-и нашри Олмотӣ. -Душанбе: Сино, 2011. -131.

112. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Вазни шеъри тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. - Душанбе: МТБТ ДМТ, 2021.- 144 с.

113. Насриддин, Абдулманнон. Чиҳил мақола / Абдулманнони Насриддин. – Хуҷанд: Ганҷи сухан. - 2007. – 578 саҳ.

114. Насрулло, Камол. Ҳунар пероҳани шеър аст / Камол Насрулло // Садои Шарқ. -№4. – 2017. – Саҳ. 99-115.

115. Нурзод, Нуралӣ. Султони авранги сухан.(Нақду баррасии ашъори Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ)- Хуҷанд: Ношир, 2015.-296 с.

116. Нуров Нуралӣ. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил. – Хуҷанд: Ношир, 2020.- 448 с.

117. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон / Шиблии Нуъмонӣ. Тарҷумаи Сайид Муҳаммад Фахр Доии Гелонӣ.- Ҷилди чаҳорум.- Теҳрон: Дунёи китоб. - 1336.- 268 саҳ.

118. Порсонасаб, Муҳаммад. Сабкшиносӣ / Муҳаммад Порсонасаб // Адабиёти форсӣ (қофия, аруз, сабкшиносӣ ва нақди адабӣ). – Теҳрон: Интишороти чоп ва нашри китобҳои дарсии Эрон. – 1391. – Саҳ. 63-170

119. Раҳимӣ, Бобобек. Ошноӣ бо Бедил / Бобобеки Раҳимӣ. – Душанбе: Ирфон. - 2009. – 568 саҳ.

120. Раҳмон, Шоҳзамон. Қубодиён - сарзамини Тус ва Рашкиқамар / Шоҳзамони Раҳмон. – Душанбе: Пайванд. - 2011. – 245 саҳ.

121. Раҷабӣ, Маъруф. Ислом: ҷадидия ва инқилоб / Маъруф Раҷабӣ. – Душанбе: Дониш. - 1987 – 241 саҳ.

122. Рейснер, М. Л. Эволюция классической газели на фарси (X- X1V века) / М.Л. Рейснер. Ответственныий редактор: В. Б. Никитина.- М.: Наука. - 1989.- 222 с.

123. Саидджафаров, Озод. Стиль персидско-таджикской газели в XVI-XVII вв. / Озод Саидджафаров: Дисс. на соискание учёной степени докт. филол. наук по специальности 10.01.10. – Душанбе. – 2015. – 300 с.

124. Саидзода, Ҷамолиддин. Сабки ҳиндӣ гарчи сабки тоза буд … / Ҷамолиддин Саидзода. - Душанбе: Ирфон. - 2012.- 123 саҳ.

125. Саидҷаъфаров, Озод. Соиб ва вусъати мазмун дар ғазал / Озод Саидҷаъфаров. – Душанбе: Нашриёти ДДМИТ. – 2020. – 260 саҳ.

126. Сайфиев, Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) / Н. Сайфиев. – Душанбе: Бухоро. - 2012. – 515 саҳ.

127. Сайфуллоев, А. Мулоҳизаҳо оид ба лирика / А. Сайфуллоев // Садои Шарқ. - №8. – 1965. – Саҳ. 112-131.

128. Салҷуқӣ, Салоҳуддин. Нақди Бедил / Салоҳуддини Салҷуқӣ.- Чопи дувум.- Теҳрон. - 1388.- 623 саҳ.

129. Самадов, Т. Анварӣ ва ғазалиёти ӯ / Т. Самадов. – Душанбе: Дониш. - 1988. – 164 саҳ.

130. Сарватиён, Беҳрӯз. Баён дар шеъри форсӣ / Беҳрӯз Сарватиён.- Теҳрон: Барг. - 1369.- 157 саҳ.

131. Satторзода А. Такмилаи бадеъи форсии тоҷикӣ [дар заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён). Душанбе, «Адиб», 2011, 330 с.

132. Сатторзода Абдунабӣ. Баргузидаи навиштаҳо. Ҷ.1. - Душанбе: Дониш, 2021.- 593 с.

133. Сафаров, Умар. Шеър, шоир ва баёни шоирона / Умар Сафар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №3. – 2018. – Саҳ. 142-146

134. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ / Забеҳуллоҳи сафо.- Ҷ. 5.- Бахши 5.- Теҳрон: Фирдавс.- Саҳ. 1666- 1809.

135. Саъдиев, Садрӣ. Адабиёти тоҷик дар асри XV11 / Садрӣ Саъдиев. Дар зери таҳрири Расул Ҳодизода.- Душанбе: Дониш. - 1985.- 266 саҳ.

136. Сирус, Баҳром. Арӯзи тоҷикӣ / Баҳром Сирус. – Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. - 1963. – 287 саҳ.

137. Сирус, Баҳром. Қофия дар назми тоҷик / Баҳром Сирус. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон. - 1955. – 183 саҳ.

138. Табаров, Соҳиб. Мунзим / Соҳиб Табаров. – Душанбе: Ирфон. - 1991. – 152 саҳ.

139. Тағоймуродов, Рустам. Амир Хусрави Деҳлавӣ ва такмили авзони ғазал / Рустам Тағоймуродов. – Душанбе: Истеъдод. - 2010. – 208 саҳ.

140. Тағоймуродов, Рустам. Сохтори жанрии анвои шеъри ғиноии Амир Хусрав / Рустам Тағоймуродов. – Қӯрғонтеппа: Матбаа. - 2013. – 223 саҳ.

141. Тоиров, Урватулло. Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ / Урватулло Тоиров. – Душанбе: Пайванд. - 2007. – 140 саҳ.

142. Фақеров, Х., Муродиён, Ҳ. Инъикоси фоҷиаи Саҳбою Мулло Абдурасул дар қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона» / Х. Фақеров, Ҳ. Муродиён // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2018. - №1/2 (53). – С. 51-56.

143. Фаттоҳ, Азиз. Қатли Саҳбо дар Қубодиён / Азизи Фаттоҳ // Самак. - №35, 2 июли соли 2012.

144. Фаттоҳ, Азиз. Қатли Саҳбо дар Қубодиён / Азизи Фаттоҳ // Субҳи Шаҳритуз. - №13-14, 8 майи соли 2018.

145. Фаттоҳ, Азиз. Фатҳи қулла / Азизи Фаттоҳ. – Душанбе: Фаррухи Давлат. - 2021. – 243 саҳ.

146. Худоёрзода, Раҷабалӣ. Ғазал дар маснавӣ / Раҷабалӣ Худоёрзода: Диссерт. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология. – Душанбе. - 2010. – 164 саҳ.

147. Худоёрзода, Раҷабалӣ. Даре ба олами Саҳбо / Раҷабалӣ Худоёрзода // Адабиёт ва санъат. - №30 (2001). - 2019.

148. Худоёрзода, Раҷабалӣ. Дарёи мусаффои шеър / Раҷабалӣ Худоёрзода. – Душанбе: Ирфон. - 2016. – 202 саҳ.

149. Худоёрзода, Раҷабалӣ. Мувашшаҳоти устод Айнӣ / Раҷабалӣ Худоёрзода // Суфраи сухан (Маводи конференсияи назариявӣ ва илмӣ-методии умумидонишгоҳии ДДБ ба номи Носири Хусрав бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ). – Бохтар. - 2018. – 340 саҳ.

150. Худоёрзода, Раҷабалӣ. Таҳқиқ ва нақди осори адабӣ / Раҷабалӣ Худоёрзода. – Душанбе: Ирфон. - 2016. – 550 саҳ.

151. Хуросонӣ, Шуҷоиддин. Овои қирмизи ишқ ва ҳанҷараи сабзи ғазал. Аз Ҷаъфар Рӯдакӣ то Восифи Бохтарӣ. – Кобул: «Нуъмонӣ», 1383. – 456 саҳ.

152. Хӯҷақулов, Сироҷиддин. Ташаккули жанрҳои адабиёти маорифпарварӣ ва таҷаддудхоҳӣ [Матн] / Сироҷиддин Хӯҷақулов. – Тошканд: Фан, 2008. – 154 с.

153. Хӯҷақулов, Сироҷиддин. Мавқеи жанри қасида дар осори Тошхоҷа Асирии Хуҷандӣ [Матн] / Сироҷиддин Хӯҷақулов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -№ 2. 2020. – С.188-195.

154. Хӯҷақулов, Сироҷиддин. Таҳаввули жанрҳои лирикӣ дар адабиёти нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / Сироҷиддин Хӯҷақулов. – Самарқанд: нашри СамДУ, 2021. – 216 с.

155. Ҳабибов, А. Аз таърихи равобити адабии Бадахшон бо Ҳиндустон / А. Ҳабибов. – Душанбе: Дониш. - 1991. – 172 саҳ.

156. Ҳакимов, Аскар. Шеър ва замон / Аскар Ҳакимов [Матн]. – Душанбе: Маориф. - 1978. – 166 саҳ.

157. Ҳаким, Аскар. Сухан ва образ / Аскар Ҳаким // Садои Шарқ. -№11. – 1973. – Саҳ. 132-142.

158. Ҳодизода, Р. Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIX / Расул Ҳодизода. – Душанбе: Дониш. - 1968. – 294.

159. Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик (Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX) [Матн] / Расул Ҳодизода, Усмон Каримов, Садрӣ Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988. – 416 с.

160. Ҳотамов, Намоз. Устод Садриддин Айнӣ ва ҳаракати ҷадидии Бухоро / Намоз Ҳотамов // Садриддин Айнӣ-маорифпарвар. –Душанбе. - 2018. – С.5-14. – С.7.

161. Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. Саноoти адабӣ (Фанни бадеъ ва ақсоми шеъри форсӣ) / Ҷалолуддин Ҳумоӣ. – Теҳрон, 1339. – С. 193–194.

162. Ҳумоӣ, Ҷалолудин. Таърихи адабиёти Эрон / Ҷалолуддин Ҳумоӣ. - Ҷилди аввал ва дувум. - Чопи дувум. – Теҳрон. - 1340. – С. 57.

163. Ҳумоӣ, Ҷалолудин. Фунуни балоғат ва саноoти адабӣ / Ҷалолуддин Ҳумоӣ. – Теҳрон: Ҳумо. – 1368. – 424 саҳ.

164. Ҳусайнӣ, Носируддиншоҳ. Сабки исфаҳонӣ дар шеъри форсӣ / Носируддиншоҳ Ҳусайнӣ // Донишкадаи адабиёт. - Шум. 18, 1350.- Саҳ. 14-18.

165. Ҷалилова, Б. Саҳбо / Б. Ҷалилова // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. - Иборат аз 3 ҷилд. - Ҷилди 3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. - 2004. – С.117.

166. Шакурӣ, М.Б. Фитнаи инқилоб дар Бухоро / М.Ш. Бухороӣ. Пантуркизм ва сарнавишти таърихии тоҷикон. – Душанбе: Адиб. 2012. – 394 саҳ.

167. Шамисо, Сирус. Анвои адабӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ. – 1376. – 344 саҳ.

168. Шамисо, Сирус. Баён ва маонӣ / Сируси Шамисо.- Теҳрон: Фирдавс. - 1378.- 254 саҳ.

169. Шамисо, Сирус. Нигоҳе ба бадеъ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ. – 1368. –146 саҳ.

170. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Ромин. - 1376. – 312 саҳ.

171. Шариф, Худоӣ. Инсон дар марзҳои шеъру шоирӣ / Худоӣ Шариф // Садои Шарқ.- №1. – 2009. – Саҳ. 148.

172. Шариф, Худоӣ. Шоир ва шеър / Худоӣ Шариф // Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе. – 1998. – 216 саҳ.

173. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Мухаммасоти Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/3(101). - С.21-27.

174. Шарифов, Ё., Муродиён Ҳ. Устод Айнӣ ва Саҳбо / Ё. Шарифов, Ҳ. Муродиён // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - 2018, №1/2 (53). – С. 10-15.

175. Шоев, Абдулҳамид, Саидов, Саидраҳмон. Тафсири шеър, моҳият ва асолати он / Абдулҳамид Шоев, Саидраҳмон Саидов. – Душанбе: Ирфон. – 2009. – 86 саҳ.

## II. Луғоту фарҳангномаҳо, энсиклопедияҳо

176. Маҳмудов, М., Бердиев Б. Луғати мухтасари лаҳҷаҳои Бухоро / М.Маҳмудов, Б. Бердиев. – Душанбе: Дониш. - 1989. – 280 саҳ.

177. Мирзозода, Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф. - 1992. – 240 саҳ.

178. Ромпурӣ, Муҳаммад Ғиёсуддин ибни Ҷалолуддин (Мустафоободӣ). Ғиёсуллуғот / Муҳаммад Ғиёсуддин ибни Ҷалолуддин Мустафоободии Ромпурӣ. - Душанбе: Адиб. – 1987. - Ҷ. 1. - 480 саҳ.

179. Ромпурӣ, Муҳаммад Ғиёсуддин ибни Ҷалолуддини Ромпурӣ (Мустафоободӣ). Ғиёсуллуғот // Муҳаммад Ғиёсуддин ибни Ҷалолуддин Мустафоободии Ромпурӣ. - Душанбе: Адиб. – 1988. - Ҷ. 2. - 416 саҳ.

180. Фарҳанги гӯишҳои ҷанубии забони точикӣ. (Нашри дуюм бо иловаву тасҳеҳ). Мураттибон: Мансур Маҳмудов, Ғаффор Ҷӯраев, Баҳром Бердиев. – Душанбе: Дониш. - 2017. – 842 саҳ.

181. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Муҳаррирон: М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ- М: Советская энсиклопедия. – 1969. - Ҷ. 1. - 951 саҳ.

182. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асриXX). Муҳаррирон: М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ - М: Советская энсиклопедия. – 1969. - Ҷ. 2. - 948 саҳ.

183. Фозилов, М. Зарбулмасалу мақолҳо дар тамсилу ҳикояҳо.- Душанбе: Дониш. - 1973.- 159 саҳ.

184. Ҳодизода, Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон. - 1966. –187 саҳ.

185. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. - Ҷилди 1. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик. - 1988. – 460 саҳ.

186. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. - Ҷилди 2. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик. - 1989. – 560 саҳ.

187. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. - Иборат аз 3 ҷилд. - Ҷилди 3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик. - 1988. – 544 саҳ.

188. Энсиклопедияи Қубодиён. – Душанбе. - 2014. – С. 140-142.

189. Энсиклопедияи советии тоҷик. - Иборат аз 8 ҷилд. - Ҷилди 3. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик. - 1981. – 640 саҳ.

190. Энсиклопедияи советии тоҷик. - Иборат аз 8 ҷилд. - Ҷилди 5. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик. - 1984. – 640 саҳ.

191. Энсиклопедияи советии тоҷик. - Иборат аз 8 ҷилд. - Ҷилди 7. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи советии тоҷик. - 1987. – 640 саҳ.

## ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**а) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия банашррасида:**

[1-М]. Шарифзода Ё.Ш. Вижагиҳои шаклӣ ва мазмунии ғазал-қасидаи “Дар талаби асп”-и Мирзо Ҳайити Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2019. - №1/2(62). - С.34-37.

[2-М]. Шарифзода Ё.Ш. Мувашшаҳоти Мирзо Ҳайити Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2020. - №1/3(77). - С.37-41.

[3-М]. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Ашъори мунташираи Саҳбо дар кутуб ва маҷаллот [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/2(98). - С.22-27.

**б) Мақолаҳои дар дигар маҷалла ва маҷмуаҳои илмӣ банашррасида:**

[4-М]. Шарифзода Ё.Ш., Муродиён Ҳ.Ғ. Устод Айнӣ ва Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Ҳ.Ғ. Муродиён // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2018. - №1/2(53). - С. 10-14.

[5-М]. Шарифзода Ё.Ш. Муҳтавои ғазалқасидаи “Дар талаби асп”-и Мирзо Ҳайити Саҳбо / Ё.Ш. Шарифзода // Материалы международной научно-практической конференции “Развитие гидроэнергетики – развитие Таджикистана” / Бохтар, 20 декабря 2018. – С. 257-259.

[6-М]. Шарифзода Ё.Ш. Шарҳу тафсири зиндагиномаи Мирзо Ҳайити Саҳбо / Ё.Ш. Шарифзода // Материалы международной научно-практической

конференции “Развитие энергетики и возможности” / Кушониён, 22 декабря 2020. – С. 88 - 104.

[7-М]. Шарифзода Ё.Ш. Авзони мухаммасот ва дигар анвои шеърҳои Саҳбо / Ё.Ш. Шарифзода // Паёми ДЭТ / Кушониён, 2022. - №1-2. - С. 100 - 106.

[8-М]. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Мухаммасоти Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/3(101). - С.21-27.

[9-М]. Шарифзода Ё.Ш., Наимзода Қ.Қ. Қасоиди Саҳбо [матн] / Ё.Ш. Шарифзода, Қ.Қ. Наимзода // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ (силсилаи илмҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ). – Бохтар, 2022. - №1/4(104). – С. 34-43.